# Ҷаҳонишавӣ Тараққиёт Бонкдорӣ

№4 (103)
ОКТЯБР-ДЕКАБР
2023

*Ҳукумати Тоҷикистон дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ба таъмин намудани пешрафти бахши хусусӣ тавассути ҷалби сармоя эътибори махсус зоҳир карда, онро яке аз ҳадафҳои сиёсати иқтисодӣ эътироф намудааст.*

*Эмомалӣ Раҳмон*








**“Нақши низоми бонкӣ дар рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ”**



*Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем.*

*Эмомалӣ Раҳмон*



# СОЛИ **2024**

## **“Соли маърифати ҳуқуқӣ”**

# ДАР ИН ШУМОРА


**3 | ПРЕЗИДЕНТ**

БА ШАРОФАТИ КОНСТИТУТСИЯ РУКНҲОИ ДАВЛАТДОРӢ, НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ МАМЛАКАТ, ВОЛОИЯТИ ҚОНУНУ ТАРТИБОТИ ҲУҚУҚӢ ПОЙДОР ГАРДИД

**12 | ДУШАНБЕ-ИНВЕСТ 2023**

“НАҚШИ НИЗОМИ МОЛИЯВӢ ДАР РУШДИ СОҲИБКОРӢ ВА ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРӢ”






**6 | САНАДИ МУҲИМ**

ДУРНАМОИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2024 ВА ДАВРАИ МИЁНАМУҲЛАТ

**34 | ВУСЪАТ ДОДАНИ ҲИСОББАРОБАРКУНИИ ҒАЙРИНАҚДӢ - ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ**

РАВАНДИ ТАТБИҚИ ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН - “ДАР БОРАИ ТАДБИРҲОИ ВУСЪАТ ДОДАНИ ҲИСОББАРОБАРКУНИИ ҒАЙРИНАҚДӢ”








**28 | РӮЙДОДҲОИ МУҲИМ**

ТАЪСИРИ НОМАТЛУБИ КОРРУПСИЯ ДАР РАВАНДИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ ВА РОҲҲОИ МУБОРИЗА БО ОН

**20 | РӮЙДОДҲОИ МУҲИМ**

ҶАЛАСАИ ШУРОИ ҲАМОҲАНГСОЗИИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ ФАРОГИРИИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**42 | РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН ДАР БУНЁДИ СИЁСАТИ МУСТАҚИЛИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ ВА ТАҲКИМИ НИЗОМИ БОНКДОРИИ МИЛЛӢ НАҚШИ АСОСӢ ДОРАНД

# ДАР ИН ШУМОРА



**39** ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН



**58** ФЕСТИВАЛИ "САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ"

БАРГУЗОРИИ ФЕСТИВАЛИ "САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ" ДАР ХАТЛОНУ СУҒД



**52** НЕРУИ ЗАНОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ ДАР НИЗОМИ БОНКӢ - ОМИЛИ МУСОИДАТКУНАНДАИ ЭЪТИМОД, УСТУВОРӢ ВА ФАРОГИРӢ

Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

Маҷаллаи таҳлилии бонкӣ
4 (103) ОКТЯБР-ДЕКАБР, 2023

тел: +992 (44) 600- 31- 24
факс: +992 (44) 600- 32- 49

**НИШОНИИ МАҶАЛЛА:**
734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 38/1
e-mail: majalla@nbt. tj

**РАИСИ ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**
Ҳ. Холиқзода
Аъзои Шурои машваратӣ:
Н. Ҳикматуллозода, Г. Назирӣ,
Ш. Хайрзода, Қ. Хушвахтзода,
Т. Ҳақназаров, М. Ҳасанова

**ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:**
Сармуҳаррир: М. Ҳасанова
Мутахассиси пешбар: А. Мӯминов
Мутахассиси дараҷаи II: М. Умадуллоева
Ороишгар: Ҳ. Муҷебуллоев

Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Шаҳодатномаи қайд: №259/МҶ- 97, аз 29 августи 2022 с.

Маҷалла ба хотири таъмини гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.

Теъдоди нашр: 608 нусха.
Дар матбааи
ҶДММ "Мега-принт"
чоп шудааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 36.



# Ба шарофати Конститутсия рукнҳои давлатдорӣ, низоми ҳуқуқии мамлакат, волояти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ пойдор гардид

**Паёми табрикотии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**06.11.2023, шаҳри Душанбе**

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон самимона табрик мегӯям.

Ҳанӯз бисту нуҳ сол муқаддам аз ҷониби мардуми шарафманди кишвар бо дарки масъулияти бузурги таърихӣ ва тавассути раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи давлати навини тоҷикон қабул гардид.

Ин дастоварди воқеан таърихӣ барои эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ, таъмин гардидани суботи конститутсионӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ заминаи мустаҳкам гузошт.

Гузашта аз ин, қабули Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсоз дар инкишофи давлатдории навини Тоҷикистон марҳалаи нави таърихиро оғоз бахшида, боиси дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеаи мо гардид.

Маҳз ба шарофати Конститутсия рукнҳои давлатдорӣ, низоми ҳуқуқии мамлакат, волояти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ пойдор гардида, давлати мо ба роҳи рушди устувор қадамҳои боэътимод гузошт.

Аз ҷониби мардум дар вазъияти ниҳоят мураккаби сиёсӣ якдилона қабул гардидани ин ҳуҷҷати тақдирсоз, пеш аз ҳама, гувоҳи аз ҷониби халқи Тоҷикистон дастгирӣ ёфтани сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти давлат буда, ба ҷаҳониён ҳисси баланди миллӣ, ватандӯстӣ ва анъанаҳои созандаву бунёдкорона доштани мардуми кишварро собит сохт.

Дар Конститутсия манфиатҳои миллӣ, арзишу анъанаҳои таърихан ташак-

кулёфтаи фарҳангии халқи тамаддунсози тоҷик, марому мақсади наслҳои гузашта, имрӯза ва ояндаи халқ ифодаи озоди худро пайдо намуданд.

Тағйирнопазир будани шакли идораи кишвар, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат кафолат дода шуд.

Тоҷикистон тибқи Конститутсияи худ ба ҷомеаи ҷаҳон эълон намуд, ки сиёсати сулҳҷӯёнаро пайгирӣ намуда, истиқлолу соҳибихтиёрии давлатҳои дигарро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ муайян карда, рушди ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ, гуногунандешии сиёсиву мафкуравӣ ва иштироки фаъоли шаҳрвандонро

> **Конститутсия маҳсули андешаи бунёдии миллии халқи Тоҷикистон мебошад, зеро маҳз бо иродаи мардуми кишвар дар вазъияти барои давлату ҷомеа ниҳоят мураккабу ҳассоси таърихӣ якдилона қабул гардида, дар побарҷойии давлат ва низоми идоракунии он нақши ҳалкунанда бозид.**

дар идораи давлат кафолат медиҳад.

Ин ҳуҷҷати бунёдӣ барои ба ҷомеаи ҷаҳон наздик шудани кишвар замина гузошта, дар як муддати кӯтоҳ давлати мо ба узвияти созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ пазируфта шуд ва имрӯз ташаббусҳои Тоҷикистон дар масъалаҳои об, муҳити зист ва дигар мушкилоти глобалӣ дар арсаи ҷаҳонӣ дастгириву ҳамовозӣ пайдо карда истодаанд.

Дар асоси ислоҳоти конститутсионие, ки бо изҳори иродаи якдилонаи кулли мардум тавассути раъйпурсии умумихалқӣ давра ба давра гузаронида шуд, парламентаризми миллӣ рушд карда, инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ эълон гардид, асосҳои ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ ҳамчун самтҳои калидии рушди давлат такмил ёфта, қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ боз ҳам устувор гардид.

Тибқи меъёрҳои Конститутсия як қатор санадҳои ҳуқуқии муҳим, ки ба танзими соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва давлат, инчунин, муқовимат ба таҳдиду хатарҳои муосир, ба мисли терроризм, экстремизм ва дигар падидаҳои номатлуб равона шудаанд, қабул ва амалӣ гардида истодаанд.

Ҳамватанони азиз!

Конститутсия маҳсули андешаи бунёдии миллии халқи Тоҷикистон мебошад, зеро маҳз бо иродаи мардуми кишвар дар вазъияти барои давлату ҷомеа ниҳоят мураккабу ҳассоси таърихӣ якдилона қабул гардида, дар побарҷойии давлат ва низоми идоракунии он нақши



ҳалкунанда бозид.

Бо гузашти солҳо мо аҳаммияти бузурги сиёсиву ҳуқуқии ин ҳуҷҷати бунёдиро бештар дарк ва қадр мекунем, зеро имрӯз мо ба хубӣ медонем, ки маҳз дар заминаи он Тоҷикистони демократӣ рушд карда, дар арсаи байналмилалӣ соҳиби мавқеъ ва ҷойгоҳи шоистаи худ гардидааст.

Бо дарназардошти вазъи ниҳоят ҳассосу мураккаби ҷаҳон, рӯз ба рӯз вусъат гирифтани миқёси таҳдиду хатарҳои нави глобалӣ, осебпазир гардидани истиқлолу озодӣ ва суботу оромии кишварҳои гуногуни дунё ҳар як фарди кишварро зарур аст, ки бо эҳтиром гузоштан ба Конститутсия ва қонунҳо, ки таъминкунандаи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ҳифзи соҳибихтиёрии давлат ва ваҳдати миллӣ мебошанд, риоя ва иҷрои бечунучарои талаботу меъёрҳои онҳоро таъмин намояд.

Вобаста ба ин, дар моддаи 10-и Конститутсия сабт шудааст: “Давлат ва ҳама мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд”.

Бори дигар хотиррасон менамоям, ки Конститутсия ба сифати бахтномаи миллат аз ҷумлаи муқаддасоти миллӣ мебошад ва мо вазифадорем, ки омӯхтану эҳтироми онро ба фарзандони худ, яъне наслҳои




ояндасоз аз хурдсолӣ талқин намоем.

Миллати тоҷик ба шарофати афкору андешаи солиму созанда, хештаншиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва иттиҳоду сарҷамъӣ ҳувияту ҳастии худро ҳифз карда, аз ҷониби ҷомеаи башарӣ ҳамчун халқи фарҳангиву тамаддунсоз ва сулҳпарвару озодихоҳ шинохта шудааст.

Имрӯз мо бояд ин анъанаҳои неки гузаштагонро идома дода, ҷавононро дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва худшиносӣ, гиромидошти арзишҳои миллӣ, омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунарҳои замонавӣ, риояи қонунияту тартибот ва эҳтироми волоияти қонун тарбия намоем.

Бори дигар мардуми сарбаланди кишварро ба ифтихори солгарди қабули Конститутсияи Тоҷикистони озоду демократӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар як фарди Ватан тандурустиву иқболи нек ва ба Ватани маҳбубамон суботи ҷовидонаву пешрафти рӯзафзун орзу менамоям.

Саломату сарбаланд бошед, ҳамватанони гиромӣ!

***www.prezident.tj***

**БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаҳои 4 ва 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" таҳия гардида, самтҳои асосии сиёсати пулию қарзиро барои соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат муайян менамояд.**

**Дурнамои мазкур пеш аз ҳама бахри расидан ба мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон – нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмуҳлат тавассути механизму воситаҳои татбиқшавандаи сиёсати пулию қарзӣ равона мегардад.**



# ДУРНАМОИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2024 ВА ДАВРАИ МИЁНАМУҲЛАТ

## ПЕШБУРДИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ БАРОИ СОЛИ 2024 ВА ДАВРАИ МИЁНАМУҲЛАТ

Пас аз як қатор рӯйдоду пайомадҳои манфии тайи солҳои охир (2020 – 2022), ки ба сатҳи нархҳои ҷаҳонӣ ва вазъи иқтисодию иҷтимоии бештари кишварҳо таъсири манфӣ расониданд, соли 2023 дар маҷмуъ бо назардошти тамоюли барқароршавии рушди иқтисодиёт, занҷираи таъминот дар бозорҳои ҷаҳонӣ, ҳамлу нақли молу маҳсулот, рушди соҳаи туризм ва ниҳоят муътадилшавии сатҳи нархҳои ҷаҳонии молу хизматрасонӣ соли бомуваффақият арзёбӣ мегардад.

Бояд қайд намуд, ки бинобар раванди муътадилшавии сатҳи нархҳо, тамоюли боло бурдани меъёри фоизии бонкҳои марказӣ (миллӣ) ва пешбурди сиёсати қатъии монетарӣ дар кишварҳои ҷаҳон нисбатан коҳиш ёфта, интизор меравад, ки дар соли 2024 раванди паст намудани меъёрҳои фоизи калидӣ оғоз хоҳад гардид.

Қобили зикр аст, ки тибқи таҳлилҳои эмпирикӣ ва омӯзиши таърихи иқтисодиёти ҷаҳон аз ҷониби ХБА[1] аз 100 шоки таваррумии баамаломадаи ҷаҳонӣ 60 фоизи онҳо дар муддати 3 то 5 сол ва 40 фоизи боқимонда баъд аз 5 сол бартараф гардидаанд. Тибқи ҳисоботи таҳлилии созмони мазкур бо вуҷуди тамоюли коҳишёбӣ доштани таварруми умумӣ, таварруми аслӣ, ки омилҳои талаботиро инъикос менамояд, ҳоло ҳам дар сатҳи нисбатан баланд қарор дорад. Омили мазкурро мутахассисони байналмилалӣ бо коҳишёбии боварии аҳолӣ ба бонкҳои марказӣ (миллӣ) бинобар афзои-

1. One Hundred Inflation Shocks: Seven Stylized Facts" IMF Working Paper 23/190, 2023

ши бардавоми сатҳи нархҳо дар солҳои охир ва ба ин васила манфӣ гардидани интизориҳои таваррумӣ алоқаманд медонанд.

Тибқи адабиёти муосири иқтисодӣ ва таҷрибаи аксари бонкҳои марказии (миллии) давлатҳои ҷаҳон интизории таваррум яке аз ҷузъҳои муҳим дар пешбурди сиёсати монетарӣ ва омили асосии муайянкунанда ё пешгӯикунандаи сатҳи таваррум дар иқтисодиёт арзёбӣ мегардад. Дар ин раванд, мавҷудияти интизориҳои манфии таваррумӣ дар соли 2024 метавонад ба арзиши молу хизматрасонӣ ва ҳаҷми онҳо таъсири манфӣ расонад. Зеро, дар чунин ҳолат корхонаҳо бинобар интизории афзоиши хароҷоти истеҳсолӣ (болоравии нархи ашёи хом, маҳсулоти нимтайёр, музди меҳнат, беқурбшавии пули миллӣ, афзоиши хизматрасонии қарзҳои хориҷӣ ва ғайра) бо ду роҳ фаъолияти минбаъдаи худро танзим менамоянд. Яъне, тавассути кам кардани хароҷот (аз ҷумла паст намудани сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда, коҳишёбии шумораи қувваи корӣ ё музди меҳнати кормандон) ва ё ба воситаи боло бардоштани нархи молу хизматрасонӣ. Новобаста ба ин, интизории манфии таваррумӣ метавонад боиси афзоиши сатҳи нархҳо гардад.

Аз ин лиҳоз, ХБА ба бонкҳои марказӣ (миллӣ) тавсия додааст, ки дар соли 2024 ҷиҳати паст намудани интизории таваррумии аҳолӣ ва нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо такмили сиёсати коммуникатсионӣ ва истифодаи самарабахши он ҷиҳати пешгирии болоравии сатҳи нархҳо ва ноил шудан дар доираи ҳадафи муқарраргардидаи таваррум мувофиқи мақсад мебошад.

Мутаассифона, боиси нигаронист, ки дар соли 2024 тибқи пешбинии аксари созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва мутахассисони ботаҷрибаи соҳа коҳишёбии рушди иқтисодиёти ҷаҳон дар назар дошта шудааст. Айни замон, аллакай раванди пастравии рушди иқтисодиёти баъзе аз кишварҳои мутараққӣ, ки дар иқтисодиёти ҷаҳон саҳми назаррас доранд, мушоҳида гашта истодааст.

Дар ин раванд, дар соли 2024 мувофиқи арзёбии созмонҳои болозикр омилҳои қатъӣ будани сиёсати монетарӣ[2] дар давоми солҳои 2021-2023, зиёдшавии қарзҳои давлатии кишварҳо[3] ва қатъ гардидани сиёсати ҳавасмандгардонии фискалӣ[4] ба пастшавии сатҳи талабот ва ниҳоят коҳишёбии рушди иқтисодиёти ҷаҳон мусоидат хоҳанд кард. Ҳамзамон, Бонки Ҷаҳонӣ дар ҳисоботи худ (моҳи июни 2023) қайд намудааст, ки бинобар зиёд будани қарзҳои давлатӣ дар соли 2024 ҳиссаи назарраси хароҷот барои хизматрасонии қарзҳои давлатӣ (пардохти қарз ва фоизи он) равона хоҳад шуд.

Дар ин ҳолат, тамоюли мазкур дар соли 2024 эҳтимолан метавонад пайомадҳои мусбат ва манфиро ба миён оварад (коҳишёбии маҷмуи талаботи ҷаҳонӣ, зиёд шудани сатҳи бекорӣ, камшавии сармоягузориҳои мустақим, эҳтимолияти пастравии нархи нафт ва маводи дигари сӯзишворӣ, идомаи коҳишёбии нархҳои ҷаҳонии ашёи хом ва молу маҳсулоти кишоварзӣ, коҳишёбии омилҳои таваррумӣ, вале зиёдшавии омилҳои таназзули иқтисодӣ, пастравии нархҳои содиротӣ ва ба ин васила коҳиш ёфтани қурби асъори кишварҳо ва афзоиши нархҳои воридотӣ бинобар беқурбшавии қурби самаранокии воқеӣ[5] ва ғайра).

2. Таъсири қатъии сиёсати мазкур ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ зиёда аз 1 солро дар бар мегирад.
3. Тибқи баҳодиҳии Бонки Ҷаҳонӣ айни замон қарзи давлатии кишварҳо ба ҳисоби миёна ба 70,0 фоизи ММД – и онҳо баробар мебошад.
4. Солҳои 2020-2023 бештари кишварҳо ҷиҳати бартараф намудани оқибатҳои пандемияи коронавирус, муътадилии нархи маводи сӯзишворӣ ва барқарор намудани рушди иқтисодиёт сиёсати ҳавасмандгардонии фискалиро амалӣ намуданд.
5. Беқурбшавии қурби самаранокии воқеии асъори миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ рақобатнокии молҳои хориҷиро нисбат ба молҳои истеҳсоли ватанӣ камтар менамояд.

## БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Дар баробари ин, ХБА дар ҳисоботи худ пешниҳод намудааст, ки сарфи назар аз тамоюли беҳтаршавии вазъи иқтисодиёти ҷаҳон ва коҳишёбии сатҳи нархҳои молу маҳсулоти хӯрокворӣ, ҳоло ҳам хавфҳои зерин, аз қабили номуайянӣ дар иқтисодиёти ҷаҳон, ноустувории молиявӣ дар кишварҳои тараққикарда, шиддат гирифтани вазъи геосиёсӣ, тақсимшавии геоиқтисодӣ, тағйирёбӣ ва гармшавии иқлим мавҷуданд, ки эҳтимолан метавонанд дар оянда фишорҳои қурбию таваррумиро аз дигар тараф ба миён оваранд.

Бояд қайд намуд, ки бонкҳои марказии шарикони стратегӣ низ (аз рӯи ҳамаи сенарияҳо) дар соли оянда ба коҳишёбии рушди иқтисодиёти ҷаҳон ва пастравии нархи нафт ва маҳсулоти нафтӣ ишора кардаанд.

Бо назардошти омилҳои болозикр, аз ҷониби ХБА ва Бонки Ҷаҳонӣ рушди иқтисодиёти ҷаҳон барои соли 2024 мувофиқан 2,9 фоиз ва 2,4 фоиз пешбинӣ гардидааст.

Тибқи дурнамои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 бинобар афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ то 20,2 фоиз ва кишоварзӣ то 7,3 фоиз, рушди соҳаи нақлиёт то 5,6 фоиз, савдои чакана то 9,9 фоиз ва хизматрасонии пулӣ ба аҳолӣ то 8,4 фоиз рушди воқеии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) то 8,0 фоиз пешбинӣ мегардад. Ҳамзамон, вазорати мазкур соли оянда рушди содироти кишварро то 23,6 фоиз арзёбӣ намудааст. Вобаста ба ин, афзоиши буҷети давлатӣ низ дар назар аст. Ҳамчунин, интизор меравад, ки дар мавриди қабули барномаи Воситаи ҳамоҳангсозии сиёсати ХБА (PCI) ҳаҷми сармояи хориҷӣ ба кишвар афзоиш меёбад. Вуруди сармояи хориҷӣ, афзоиши буҷети давлатӣ, зиёдшавии маҷмуи содирот ва 8,0 фоиз рушд ёфтани ММД – и воқеӣ аз зиёдшавии маҷмуи талаботи дохилӣ гувоҳӣ дода, метавонад омилҳои талаботии таваррумиро дар соли оянда нисбатан зиёд намояд.

Коҳишёбии назарраси ҳаҷми пул дар муомилот дар соли 2023 дар навбати худ ҳамчун омили мусбат метавонад ба маҳдуд гардидани омилҳои монетарии таваррум мусоидат намояд. Аз ин лиҳоз, омилҳое, ки ба раванди ташаккулёбии сатҳи таваррум дар соли оянда бештар таъсир мерасонанд, омилҳои ғайримонетарӣ арзёбӣ мегарданд.

Бо вуҷуди ин, иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ ба тағйирёбии вазъи иқтисодиёти берунӣ алоқаманд буда, аз тағйирёбии сиёсати кишварҳои хориҷа, аз ҷумла сиёсати монетарии бонкҳои марказӣ ва сатҳи нархҳои ҷаҳонӣ осебпазир боқӣ хоҳад монд.

Бинобар ин, дар чунин шароити номуайянии иқтисодиёти ҷаҳон ҷиҳати таъмин намудани муътадилии сатҳи нархҳои дохилӣ ва рушди иқтисодиёти кишвар, мониторинги пайвастаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, омилу хавфҳои берунии таҳдидкунанда ва вокуниши саривақтӣ ба тағйироти назарраси онҳо амри зарур мебошад.

Ҳамзамон, дар давраи миёнамуҳлат ҷиҳати коҳиш додани вобастагии иқтисодиёти кишвар аз омилҳои берунӣ, вазорату идораҳои дахлдорро зарур аст, ки дар доираи салоҳияти худ чораҳои зарурӣ андешанд. Бахусус, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти дохилии воридотивазкунанда, зиёд намудани кишти маҳсулоти кишоварзӣ ва кам намудани вобастагии иқтисодиёти кишвар ба таконҳои берунӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Бояд қайд намуд, ки рушди соҳаи кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва муътадилии сатҳи нархҳо (маҳсулоти кишоварзӣ дар сабади таваррум ҳиссаи назаррас дорад) ҳамчун яке аз ҳадафҳои муҳимми стратегии кишвар, ки вобастагиро аз иқтисодиёти минтақа нисбатан кам менамояд, нақши калидӣ дорад. Тибқи мушоҳидаҳо ҳанӯз ҳам баъ-

зе мушкилиҳо дар ин самт ба назар мерасанд, ки барои дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ ва мӯътадилии сатҳи нархҳо таъсири манфӣ мерасонанд.

**Дар сабади истеъмолии кишвар** бештари молу маҳсулот (аз рӯи шумора) воридотӣ буда, тағйирёбии нархи онҳо аз вазъи сиёсию иқтисодии давлатҳои минтақа (бахусус шарикони асосии савдо), бозорҳои ҷаҳонии молу маҳсулот ва қурби асъор вобастагии зич дорад.

Дар ин раванд, бояд қайд намуд, ки мисли таҷрибаи давлатҳои тараққикарда истеҳсол ва дар сатҳи зарурӣ захира намудани молҳои асосии ниёзи аввалия (аз қабили гандум, биринҷ, гӯшт, равған, сабзавот ва дигар молҳое, ки дар сабади истеъмолӣ вазни зиёд доранд) дар дохили кишвар бо пешниҳоди имтиёзҳои андозию қарзӣ ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Бояд қайд намуд, ки таъмини суботи нархҳо ва нигоҳдории сатҳи мӯътадили таваррум ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои фундаменталии макроиқтисодӣ барои коҳиш додани номуайянӣ ва интизориҳои манфии аҳолӣ, зиёд гаштани эътимод ба пули миллӣ, тақсимоти босамари захираҳо, афзоиши пасандозҳо ва сармоягузории аҳолӣ, ки дар маҷмуъ дар рушди воқеии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва баланд шудани сатҳи некуаҳволии мардум инъикос мегардад, заминаи мусоид фароҳам меорад.

**Таварруми мӯътадил** яке аз омилҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ дар давраи дарозмуддат ба ҳисоб рафта, боиси зиёд гардидани эътимоди аҳолӣ, соҳибкорон ва сармоягузорони дохиливу хориҷӣ ба пули миллӣ ва вазъи молиявию иқтисодии ояндаи кишвар, бонакшагирии дарозмуддат, нисбатан кам шудани хавфҳо, номуайянӣ ва пастшавии меъёри фоизҳо, қобилияти харидории боэътидоли пули миллӣ, инчунин рушди иқтисодӣ ва некуаҳволии мардум мегардад.

Бо назардошти омилҳои болозикр, дар соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат Бонки миллии Тоҷикистон бо назардошти хавфҳо ва фишорҳои эҳтимолии таваррумӣ дар доираи ваколатҳои худ тамоми имкониятҳоро ҷиҳати ноил шудан ба мақсади асосӣ, яъне нигоҳ доштани сатҳи мӯътадили нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмуҳлат бо истифода аз механизму фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ роҳандозӣ менамояд.

Меъёри бозтамвил ҳамчун фишанги калидии сиёсати пулию қарзӣ вобаста ба вазъи макроиқтисодии кишвар самарабахш истифода гардида, меъёри воқеии он бошад, бо назардошти интизориҳои таваррумӣ дар сатҳи мусбат нигоҳ дошта мешавад.

Ҳамзамон, бо вуҷуди дар раванди гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум қарор доштан, дар баробари меъёри фоизи амалиёти кӯтоҳмуддати байнибонкӣ ҳамчун ҳадафи амалиётии сиёсати пулию қарзӣ, истифодаи пулҳои захиравӣ низ ба сифати нишондиҳандаи амалиётӣ дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ баҳри коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи нархҳо идома дода мешавад. Бахусус, меъёри фоизи миёнавазни қарзҳои байнибонкӣ ҳамчун ҳадафи амалиётии механизми таъсирбахшии сиёсати монетарӣ мунтазам мавриди таҳлил ва мониторинг қарор дода мешавад.

Дар соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат низ сиёсати қурбӣ ба реҷаи “шинокунандаи танзимшаванда, бе муайян ва эълон кардани ҳудудҳои тағйирёбии қурб” асос ёфта, қурби расмии сомонӣ нисбат ба асъори хориҷӣ дар асоси талабот ва пешниҳод дар бозори дохилии асъор муқаррар карда мешавад. Бонки миллии Тоҷикистон тибқи реҷаи мазкур танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ метавонад ба бозори дохилии асъор дахолат намояд.

**Дар соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат (солҳои 2025 ва 2026) ҳадафи таваррум дар доираи 6,0 фоиз (±2 банди фоизӣ) пешбинӣ карда мешавад.**

# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## ДИАГРАММАИ САТҲИ ТАВАРРУМИ СОЛОНА ВА ҲАДАФИ ОН ДАР ДАВРАИ МИЁНАМУҲЛАТ




**Бо назардошти таъсири хавфҳои эҳтимолии ҷойдошта ва бетағйир мондани дигар омилҳо дурнамои сатҳи таваррум барои соли 2024 аз рӯи сенарияҳои оптимистӣ ва базавӣ дар доираи ҳадафи муқарраршуда пешбинӣ мегардад.**

**Дурнамои сатҳи таваррум** дар асоси таҳлили сенарияҳои тағйирёбии эҳтимолии вазъи иқтисоди дохилию берунӣ, таъсири омилҳои мавсимӣ, маъмурӣ ва интизориҳо пайваста ҳар семоҳа дар ҷаласаҳои Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон (минбаъд - Кумита) баҳогузорӣ карда шуда, метавонад тағйир ёбад.

Тибқи нақша ҷаласаҳои Кумита дар соли 2024 дар маҷмуъ 4 маротиба (ҳар семоҳа) гузаронда мешаванд (Замимаи 1). Бояд қайд намуд, ки дар ҳолатҳои фавқулода ҷаласаҳои ғайринақшавии Кумита низ баргузор карда мешавад.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади идомаи амалисозии гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум дар ин давра таъмини устувории пардохтпазирии кӯтоҳмуддати низоми бонкӣ, муътадилии қурби пули миллӣ, рушди боэътидоли ҳаҷми пул ва нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳои дохилиро пайгирӣ хоҳад кард.

Бояд қайд намуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон танҳо имконияти бартараф ва ё пешгирӣ намудани омилҳои монетарии таваррумро (омилҳои талаботиро) дорад ва бартараф намудани омилҳои ғайримонетарии таваррум (омилҳои таклифотӣ) бошад, тибқи таҷрибаи дигар кишварҳо танҳо дар мавриди таъмини ҳамоҳангии фаъолияти вазорату идораҳои дахлдори кишвар, бахусус Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Агентии зиддиинҳисорӣ, Агентии захираҳои моддӣ, Тоҷикматлубот ва Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир мебошад.

Дар баробари иҷрои ӯҳдадориҳои худ, инчунин бахри таъмини самараноки татбиқи сиёсати пулию

қарзӣ ва гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум Бонки миллии Тоҷикистон дар соли 2024 ва давраи миёнамуҳлат чораҳои заруриро ҷиҳати таъсирбахш намудани механизми трансмиссионии сиёсати пулию қарзӣ ва усули сиёсати фоизӣ амалӣ хоҳад кард. Бо мақсади пурзӯр намудани механизми таъсирбахшии сиёсати фоизӣ ва бартараф намудани мушкилиҳои дар он ҷойдошта дар соли 2024 андешидани чораҳои зерин ба нақша гирифта шудааст:

- такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тибқи таҷрибаи бонкҳои марказии (миллии) кишварҳои пешрафта;
- идомаи ҳамкорӣ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ҷиҳати ҷалби кумаки техникӣ дар самти рушди бозори пулии ҷумҳурӣ;
- гузариш ба марҳилаи озмоиши самаранокии иктисодии лоиҳаи механизми миёнакунонии меъёри захираҳои ҳатмӣ ва мавриди истифода қарор додани он;
- бунёди низоми (платформаи) махсуси амалиётӣ ҷиҳати таҳкими раванди таҳлилию тадқиқотӣ тариқи такмили инфрасохтори инноватсионӣ, рушди низоми бонкӣ ва таъсирбахшӣ ба сиёсати монетарӣ;
- омӯзиши таҷрибаи бонкдории исломӣ ҷиҳати ҷорӣ намудани фишангҳои нави пулию қарзӣ бахри танзими сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии исломӣ;
- таҳкими раванди таҳлилу тадкиқот ва оияндабинӣ;
- татбиқи бандҳои дигари Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025.

Дар баробари чорабиниҳои зикргардида, инчунин нигоҳ доштани сатҳи мақбули захираҳои байналмилалӣ барои таъмини хизматрасонии уҳдадориҳои давлат ва муътадилии бозори дохилии асъор, таъмини ҳамоҳангӣ дар татбиқи сиёсати монетарию фискалӣ, вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ҷиҳати коҳиш додани ҳиссаи пули нақд дар муомилот низ ба нақша гирифта шудаанд.

Лозим ба ёдоварист, ки Бонки миллии Тоҷикистон тибқи талаботи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025 тасмим гирифтааст, ки дар давоми соли 2025 гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррумро (бе назардошти таъсири омилҳои манфии ғайричашмдошт) эълон намояд.

*Замимаи 1*

## НАҚШАИ

### БАРГУЗОРИИ ҶАЛАСАҲОИ КУМИТАИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2024

Дар соли 2024 тибқи нақшаи тасдиқнамудаи ҷаласаи Кумитаи сиёсати пулию қарзӣ аз 27 октябри соли 2023, ҷаласаҳои Кумита барои муайян намудани меъёри бозтамвил 4 маротиба (бе назардошти ҷаласаҳои ғайринақшавӣ) гузаронда мешаванд:

**9 ФЕВРАЛ; 26 АПРЕЛ;**
**31 ИЮЛ; 25 ОКТЯБР.**

Қарорҳои қабулнамудаи Кумита дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон то соати 17:00 (рӯзи баргузории ҷаласа) нашр карда мешаванд.

Қарорҳои қабулгардида ба натиҷаҳои дурнамои нишондиҳандаҳои асосӣ, ки дар доираи таҳлилҳои эмпирикӣ ва вазъи макроиқтисодии кишвар муайян гардидаанд, асос меёбанд.




ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САРМОЯГУЗОРИИ

## ДУШАНБЕ-ИНВЕСТ 2023

# “НАҚШИ НИЗОМИ МОЛИЯВӢ ДАР РУШДИ СОҲИБКОРӢ ВА ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРӢ”

**29-30 сентябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалии “Душанбе-инвест 2023” баргузор гардид. Ба кори Форум Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сухани шодбошӣ ҳусни оғоз бахшиданд.**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Паёми видеоӣ ба иштирокдорони Форуми байналмилалии “Душанбе-инвест 2023” муроҷиат намуда, ба фаъолияти минбаъдаи Форум барору муваффақият орзу намуданд.

Дар кори форум беш аз 600 нафар соҳибкорону сармоягузорони якчанд давлатҳои олам ва намояндагони созмонҳои бонуфузи байналмилалии молиявӣ иштирок доштанд.

Муаррифии бештари зарфияту фазои мусоиди сармоягузории Тоҷикистон, ҷалби сармоя, ба роҳ мондан ва тақвияти ҳамкорӣ байни ширкатҳои ватанӣ ва сармоягузорони хориҷӣ, ҳамчунин фароҳамсозии имконият барои рушди тиҷорати рақамӣ бо мақсади татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати мамлакат аз ҳадафҳои асосии Форуми “Душанбе –инвест 2023” мебошад.

Дар доираи Форум 9 панел доир гардид, ки онҳо оид ба пайдо намудани имкониятҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноат, энергетика, сайёҳӣ, нақлиёт, тандурустӣ, молия ва содирот равона гардиданд.

Панелҳои соҳавӣ бо фаро гирифтани мавзуъҳои зерин, аз қабили “Имконоти сармоягузории шаҳри Душанбе”, «Саноат омили асосии рушди иқтисодӣ ва заминаи мусоид барои сармоягузорӣ”, “Тоҷикистон - мамлакати энергияи “сабз”, иштироки бахши хусусӣ дар рушди энергетика”, “Нақши низоми молиявӣ дар рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя”, “Рушди иқтисодиёти “сабз”, рақамикунонӣ ва минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», “Имконоти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, истеҳсол ва содироти маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи кишоварзӣ ба бозори ҷаҳонӣ”, “Рушди нақлиёт, логистика ва коммуникатсияҳои нақлиётӣ”, “Имконияти сармоягузорӣ дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ, дурнамои рушди соҳаи дорусозӣ ва тибби хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва ғайра доир гаштанд.

Бонки миллии Тоҷикистон ба панели чорум дар мавзуи “Нақши низоми молиявӣ дар рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ” масъул буд. Дар панели мазкур раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло, муовини якуми раис Толибзода Фирдавс Назримад ва муовини раис Назирӣ Гулбаҳор Назир, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғурта, роҳбарони институтҳои байналмилалӣ ва воситаҳои ахбори омма ширкат варзиданд. Муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода ба кори панели чоруми Форуми байналмилалии “Душанбе-инвест 2023” ҳусни оғоз бахшида, суханро барои пешбурди он ба раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло вогузор намуд.

**Раиси Бонки миллии Тоҷикистон** Форуми байналмилалии сармоягузориро барои баррасии масъалаҳои низоми молиявӣ ва роҳандозии тадбирҳои зарурӣ барои ҷалби бештари сармоягузорӣ заминаи мусоид хонд.

Изҳори умед карда шуд, ки ин чорабинии муҳим бо иштироки мутахассисону коршиносони соҳа ва шарикони рушд имкониятҳои васеъро ҷиҳати тақвияти робитаҳои иқтисодии Тоҷикистон бо сармоягузорони хориҷӣ, баҳодиҳии иқтидори иқтисоди миллӣ, пешбурди фаъолияти босамари соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар Тоҷикистон фароҳам меорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир санадҳои меъёрии ҳуқуқии мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ қабул гардидаанд, ки онҳо ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ тавассути беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва дар ин робита таъмин намудани рушди устувори иқтисодиёти кишвар, инчунин дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ замина ба вуҷуд овардаанд.

Дар натиҷаи ҳамкориҳои судманд созмонҳои молиявии байналмилалӣ лоиҳаҳои гуногуни низоми молиявиро маблағгузорӣ намуда истодаанд, ки он ба рушди оянда и бахши хусусӣ мусоидат намуда истодааст.

Фаъолияти босуботи низоми бонкӣ яке аз омилҳои калидӣ дар таъмини устувории иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад, дар ин замина Бонки миллии Тоҷикистон тамоми чораҳои зарурӣро барои таъмини фаъолияти устувори он андешида истодааст, ки ҳадаф аз он мусоидат ба рушди соҳа мебошад.

Солҳои охир аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон барои таъмини устувории низоми бонкии кишвар як қатор ислоҳоти институтсионалӣ амалӣ карда шуданд. Таҳия ва

DUSHANBE INTERNATIONAL INVESTMENT FORUM 2023

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН




қабули зиёда аз 120 қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ аз самаранок буданиислоҳоти мазкур шаҳодат медиҳанд.

Татбиқи сиёсати ислоҳот ҷиҳати амалисозии иқдоми гузариш аз "миқдор ба сифат" ба солимгардонии бозори хизматрасониҳои бонкӣ равона гардида, ба рушди тамоюли беҳтаршавии вазъи молиявии низоми бонкӣ, баланд бардоштани устуворӣ, эътимоднокӣ ва навоварии он мусоидат намуд.

Ҷиҳати танзими суботи молиявӣ, бахусус роҳандозӣ намудани тадбирҳои зарурӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, дастгирии бахши хусусӣ, баланд бардоштани сифати идоракунии корпоративӣ, такмили қонунгузории бонкӣ, васеъ намудани доираи хизматрасонӣ дар ҳамаи соҳаҳои бозори молиявӣ ва бозори суғурта мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ, инчунин инфрасохтори бозори коғазҳои қиматнок бомаром ҷараён дорад.

Бо мақсади фароҳам овардани заминаи воқеӣ ҷиҳати рушди устувори низоми бонкӣ бо роҳандозии технологияҳои молиявию инноватсионӣ, васеъ намудани хизматрасониҳои бонкӣ ва дар ин замина ҷорӣ намудани амалиётҳои ғайринақдӣ, дар кишвар рӯз то рӯз ба истифодаи васеи технологияи муосири инноватсионӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тақвияти ҳамкориҳо дар самти ҷорӣ намудани навовариҳо, рақамикунонии низоми молия ва афзоиши ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар як қатор корҳо иҷро гардида истодаанд. Зеро ҳалли масъалаҳои ҷойдошта имкон медиҳад, ки сатҳу сифати хизматрасониҳо дар низоми молиявию бонкии кишвар беҳтар гардад.

Амалигардонии ҳадафҳои гузошташуда дар навбати худ татбиқи ислоҳоти фарогир ва ҷорӣ намудани технологияҳои нави бонкиро бо мақсади дастгирӣ ва рушди низоми бонкӣ дар асоси стандартҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи беҳтарини ҷаҳонӣ тақозо менамояд.

**Дар ин робита, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода омодагии ҳамешагии низоми бонкии кишварро ба муколамаи озод бо шарикони рушд ҷиҳати ҷалби сармоя бо мақсади таҳкими низоми бонкӣ, ҳамчун артерияи асосии иқтисодиёти кишвар баён намуд.**

Форуми мазкур, - изҳор дошт ӯ, - ҳамчун платформаи ҳамоҳангсоз бо табодули иттилоот, таҷрибаи пешқадам, пешниҳодҳои ҷолиб ва мубодилаи афкор имкониятҳои бештари ҳамкории судмандро пеш меорад.

Дар маҷмуъ, бо вуҷуди таъсири омилҳои беруна, ки бо вазъи геосиёсӣ дар ҷаҳон тавъам аст, нишондиҳандаҳои устувории фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ (меъёрҳои кифоятии сармоя ва пардохтпазирӣ) аз меъёри муқарраршуда баланд мебошанд.

Низоми бонкии кишвар



барои сармоягузорони хориҷӣ сол аз сол ҷолибтар мегардад ва саҳми онҳо дар сармояи оинномавии ташкилотҳои қарзии молиявӣ афзун шуда истодааст.

Солҳои охир вазъи молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ беҳтар гардида, онҳо дар маблағгузории қарзӣ ба соҳаҳои иқтисоди кишвар нақши назаррас гузошта истодаанд. Ҷиҳати рушд додани бахши воқеии иқтисодиёт ва вусъат ёфтани фаъолияти соҳибкорон ҳаҷми қарзҳои додашуда ва маблағгузориҳое, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ пешниҳод мекунанд, рӯ ба афзоиш дорад.

Барои бо хизматрасониҳои босифати молиявӣ фаро гирифтани аҳолӣ, аз ҷумла соҳибкорон, андешидани чораҳо дар самти густариш додани фаъолияти бонкдории исломӣ ва рушди босуръати пардохтҳои ғайринақдӣ идома доранд.

Бо вуҷуди ин, барои ҷалби бештари сармоя ба низоми бонкӣ, паст кардани фоизи қарзҳо, таъсиси ташкилотҳои қарзии нав, аз ҷумла зиёд кардани шумораи бонкҳо ва зиёд намудани хизматрасониҳои электронӣ зарур аст, ки фаъолияти низоми бонкии кишвар боз ҳам тақвият дода шавад.

Дар доираи баргузории Форуми сармоягузорӣ намояндагони воситаҳои ахбори омма ба таври васеъ чорабинии сатҳи байналмилалиро инъикос намуданд. Дар рафти ифтитоҳи панели 4, ки ба мавзуи ҷалби сармоягузоӣ ба низоми молиявӣ рабт дошт, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор Назир дар мусоҳиба бо Телевизиони Тоҷикистон чунин изҳор дошт:

- Дар панели “Низоми молиявӣ дар рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ” масъалаҳои зиёди танзими назорати бонкӣ ва рушди суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин баланд бардоштани тахассусияти касбии кормандони низоми бонкӣ ва ҳамзамон ҷалби сармоя ба ин соҳаҳо мавриди таваҷҷуҳ ва баррасӣ қарор хоҳанд гирифт. Мавриди тазаккури хос аст, ки дар арафаи баргузории Форуми мазкур байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи идора ва танзими хавфҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва идорӣ, идоракунии корпоративии иқлим ба имзо расонида шуд ва имзорасонии ин санади муҳим буд, ки имрӯз Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба ин шабака шомил гардиданд. Баимзорасии санади мазкур имконият фароҳам месозад, ки соҳибкории хурду миёна рушд

карда, ташкилотҳои қарзии нав таъсис ёбанд. Дар маҷмуъ имрӯз низоми молиявӣ – низоми бонкӣ ва бахши суғурта барои ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ имкониятҳои васеъ доранд.

Сипас, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ба ҳайси барандаи панели низоми молиявӣ суханро ба директори департаменти назорати бонкии Бонки миллии Тоҷикистон Зафар Абдуллоев дод, ки ӯ дар мавзуи "Имкониятҳои сармоягузорӣ дар низоми бонкии кишвар. Нақши низоми бонкӣ дар рушди соҳибкорӣ" рӯнамоии худро ба аҳли нишаст манзур намуд. Номбурда оид ба вазъи низоми бонкӣ дар кишвар, дороиҳо ва ӯҳдадориҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ, сатҳи қарздиҳӣ ва сиёсати фоизӣ, идоракунии корпоративӣ, ҷалби пасандозҳо, ҷалби сармоягузорӣ ба низоми бонкӣ маълумот дод.

Бояд қайд кард, ки фаъолияти сармоягузории бонкҳо на танҳо аҳаммияти иқтисодӣ, балки иҷтимоиву сиёсӣ дошта, ба рушди муносибатҳои бозорӣ дар иқтисод тавассути фароҳам овардани заминаи молиявӣ барои фаъолияти субъектҳои он мусоидат менамояд.

Бо назардошти ин, дар идомаи кори панели 4 иҷрокунандаи вазифаи раиси Раёсати "Бонки Эсхата" Акмал Сайфидинов аз таҷрибаи бонки мазкур дар маблағгузории самтҳои муҳимми иқтисодиёт ва ҷалби сармояи хориҷӣ, маблағгузорӣ ба соҳибкории ватанӣ маълумот дод.

## ▲ БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ

Дар баробари низоми анъанавии бонкӣ таъсис додани низоми алтернативӣ, яъне низоми молиявии исломӣ, воқеан ҳам иқдоми муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад. Ҷорӣ гардидани бонкдории исломиро дар Тоҷикистон метавон ҳамчун нигоҳи нав ба низоми молия маънидод кард. Роҳандозии ин низом ба ҷалби бештари сармояи хориҷӣ мусоидат менамояд, зеро дар ин маврид шумораи сармоягузороне, ки мехоҳанд бо маблағҳои исломӣ сармоягузорӣ кунанд, афзоиш меёбанд.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади таҳкими низоми бонкдории исломӣ дар кишвар, тадбирҳои заруриро амалӣ намудааст ва барои танзиму назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ дар кишварамон санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор (29 санади меъёрии ҳуқуқӣ) таҳия шуда истодааст.

Бояд гуфт, ки барои таъсис ва фаъолияти бомароми бонкҳои исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Айни замон дар қаламрави кишвар 1 бонки исломӣ ва 2 равзанаи бонки исломӣ фаъолият доранд, боз якчанд ташкилотҳои дигар пешбурди фаъолиятро дар ин самт ба нақша гирифтаанд.

Дар ин робита, раиси Раёсати "Тавҳидбонк" Шералӣ Зардов дар идомаи кори панели 4-ум оид ба пешбурди фаъолияти бонкдории исломӣ ва саҳми он дар низом ба ҳозирин рӯнамоӣ намуд.

## ▲ РУШДИ БОЗОРИ СУҒУРТА

Низоми суғурта дар тамоми кишварҳои пешрафта ва рӯ ба тараққӣ манбаи назарраси молия ба шумор рафта, дар коҳиш додани хавфҳо ва пешгирӣ кардани зарари молиявии иштирокчиёни он нақши муҳим мебозад.

Бонки миллии Тоҷикистон ба сифати танзимгар дар самти рушди низоми мазкур тавонист ислоҳоти назаррасро ба анҷом расонад ва таҳкими заминаи меъёрию ҳуқуқии онро такмил диҳад.

Вобаста ба ин, оид ба вазъи бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сардори идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон Дилбар Хусейнова баромад намуд.

Фаъолияти самараноки ташкилотҳои суғуртавӣ имкон медиҳад, ки сармоягузории хориҷиро ба низоми суғурта бештар ҷалб намуда, ба ин васила бозори молиявии ҷумҳуриро устувор намояд.

Зикр карда шуд, ки ташкилотҳои суғуртавӣ бо роҳи ҷойгир намудани маблағҳои озоди худ дар шакли сармоягузорӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ва коғазҳои қиматнок, метавонанд дар рушди иқтисодиёти мамлакат саҳмгузор бошанд. Ин дар на-

вбати худ барои маблағгузории иловагии соҳаҳои иқтисодиёт ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои ниҳоӣ ва дастовардҳои натиҷабахш мусоидат менамояд.

Дар идома, оид ба таҷрибаи худ дар ин самт иҷрокунандаи вазифаи директори кулли ташкилоти суғуртавии “БИМА” Неъматҷон Ҷалолидинов, директори ширкати “Спитамен иншурэнс” Бузургҷамил Раҳмонов дар назди аҳли нишаст баромад карданд.

## ▲ НИЗОМИ ПАРДОХТ: РУШДИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ

Рушди пардохтҳои ғайринақдӣ ва афзоиши ҳиссаи онҳо дар муомилоти пулӣ яке аз омилҳои муҳимми рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ ва низоми молиявии мамлакат ба ҳисоб рафта, барои таъмини шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлат, кам кардани хароҷоти мустақим барои эмиссия ва муомилоти пули нақд, пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва коҳиши таъсири омилҳои инсонӣ нақши бениҳоят назаррас дорад.

Вобаста ба ин, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои пайвастаи Ҳукумати мамлакат ҷиҳати вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои давлатӣ, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва шарикони рушд мунтазам тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст.

Дар зимн, сардори идораи низоми пардохти Бонки миллии Тоҷикистон Шуҳрат Салоҳиддинов оид ба равандӣ татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ”, тадбирҳои андешидашудаи Бонки миллии Тоҷикистон дар ин самт бо ҳамкории ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва вазорату идораҳои масъул, вазъи инфрасохтори низоми пардохт дар кишвар, зиёд шудани ҳиссаи амалиётҳо ва дар маҷмуъ тамоми нишондиҳандаҳои бо ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ алоқаманд бо рунамои муфассал баромад кард.

Дар ҷамъбасти ин мавзуъ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода бори дигар таъкид намуд, ки афзоиши ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба шаффофияти иқтисодиёт, болоравии мавқеи кишвар дар раддабандиҳои байналмилалӣ ва беҳтар гардонидани фазои сармоягузории кишвар мусоидат менамояд.

Бо назардошти ин, Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи ислоҳоти институтсионалӣ сол аз сол дар самти рақамикунонии пурраи равандҳои иқтисодӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад. Ҳамин аст, ки дар давоми 5 соли охир барои ташаккули иқтисодиёти рақамӣ шароит ва заминаи муносиб фароҳам оварда шуд.

Дар ин робита зарур аст, ки мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои қарзӣ ҳамкории наздик ба роҳ монда, баҳри иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» тамоми чораҳои имконпазирро амалӣ намоянд. Зеро, иҷрои саривақтӣ ва сифатноки Фармони мазкур барои ташаккули иқтисодиёти ғайринақдӣ дар кишвар заминаи устувор мегузорад.

Бояд қайд намуд, ки имрӯз рақобати шадид дар фаъолияти бонкӣ ба назар мерасад, ки боиси рушди хизматрасониҳои муосири молиявии рақамӣ гардидааст. Дар ин ҷода, аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ татбиқи технологияҳои муосири пардохтӣ ва инноватсия барои рақобатпазир гардидани онҳо дар бозор нақши калидӣ мебозад. Бинобар ин, таъмини равона намудани маблағгузориҳои дахлдор барои рушди минбаъдаи соҳа ва зарурати татбиқи технологияҳои муосири рақамӣ дар самтҳои асосии фаъолияти низоми молиявӣ ҷой дорад.

## ▲ ДАР ҲАМКОРӢ БО ИНСТИТУТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар идомаи кори панели 4 изҳор дошт, ки дар самти ҷалби сармоягузорӣ ва беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, рушди ҳамкорӣ

бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ нақши назаррас дошта, аз замони ба роҳ мондани ҳамкориҳо Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ҳамчун шарики боэътимоду устувори Тоҷикистон дар рушди иқтисоди кишвар тавассути ҳамкориҳои наздику судманд ва самараноку пурмаҳсул, ки дар тули солҳои соҳибистиқлолӣ ташаккул ёфтаанд, нақши муҳиму калидӣ дорад.

Дар ин росто, Ҳоким Холиқзода суханро ба Роҳбари намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Холгер Вифел дод. Мавсуф ба мавзуи ҳамкориҳои БАТР бо Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсус бо низоми бонкию молиявӣ, ки ба татбиқи як қатор лоиҳаҳои ҷолиб дар рушди иқтисоди сабз ба иқтисоди миллӣ равона шудааст, диққати ҳозиринро ҷалб намуд. Роҳбари намояндагии БАТР дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Холгер Вифел таъкид дошт, ки имрӯз дар иқтисоди ҷаҳон технологияҳои сабз ва навовариҳо дар ҳамаи бахшҳо ва соҳибкорӣ афзалият доранд.

Ҳамзамон, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода дар ҳошияи ин мавзуъ зикр намуд, ки имрӯз тамоми иқтисодиёти ҷаҳон дар марҳилаи гузариш ба рақамикунонӣ қарор дорад.

Фишангҳои молиявии сабз ҳамчун василаи рушди технологияҳо амал намуда, ба вусъат бахшидани ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ мусоидат менамоянд. Дар ин росто, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳавасмандгардонии рушди бозори молияи сабз саъю кушиш менамояд.




Дар робита ба ин, раиси Бонки миллии Тоҷикистон барои иштироки бонкҳои Тоҷикистон дар бозори маблағгузории сабз ҷорӣ намудани механизми навро зарур қайд кард, ки барои рушди иқтисоди сабз ин гузариш ба марҳилаи нави рушд аст, ки мақсади он фароҳам овардани шароити экологӣ мебошад. Бо мақсади баланд бардоштани огоҳии иштирокчиёни бозори молиявӣ оид ба масъалаҳои иқлим ва суръат бахшидан ба фаъолияти молиявии устувор ва сабз дар Тоҷикистон, ҷорӣ намудани принсипҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва корпоративӣ, идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои молиявӣ зарур мебошад.

Дар ин ҷода, Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзии ватанӣ вобаста ба ҷалби сармояи хориҷӣ бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, аз ҷумла Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (КБМ) дар самти маблағгузории рушди иқтисоди "сабз" ҳамкориҳои натиҷаоварро ба роҳ мондаанд.

## МУҲОКИМАРОНӢ

Дар идомаи кори панели ҷорум, бо пешниҳоди Ҳоким Холиқзода дар атрофи масъалаҳои имконияти сармоягузорӣ ба низоми бонкии кишвар, нақши низоми бонкӣ дар рушди соҳибкорӣ, вазъи бозори суғурта ва дурнамои рушд, маблағгузории самтҳои муҳимми иқтисодиёти миллӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ, рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, бонкдории исломӣ, саҳми ташкилотҳои

суғуртавӣ дар сармоягузории низоми бонкӣ ва рушди бозори суғурта, нақши созмонҳои байналмилалӣ дар ҷалби сармоягузории хориҷӣ, амалиётҳо ва стратегия, фароҳам овардани шароит барои сармоягузории бахши хусусӣ муҳокимаронии ҳои ҳирфаӣ доир гардид.

### САНАДИ ҲАМКОРӢ

Дар қисмати хотимавии ҷаласаи панели форум **маросими баимзорасонии Харитаи роҳ оид ба амалисозии лоиҳаи Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ "Маблағгузорӣ дар асоси дороиҳои манқул" барои соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2024** баргузор гардид, ки ба он раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ва намояндаи доимии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Фарух Султонов имзо гузоштанд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода зимни ҷамъбасти кори панели форум аз иштирокдорони Форуми байналмилалии "Душанбе-инвест 2023" даъват ба амал овард, ки барои амалӣ гардонидани вазифаҳои муштараки умумӣ ва ба сатҳи баланд бардоштани ҳамкории мутақобилан судманди шарикӣ бо мақсади ҷалби бештари сармоягузорӣ ва ба ин васила рушди низоми бонкӣ ҳавасмандӣ зоҳир намуда, фаъол бошанд.

Бо ҳамин мазмун раиси Бонки миллии Тоҷикистон таваҷҷуҳи ҳозиринро бори дигар ба ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ бо дарназардошти рушди ояндаи дарозмуддати иқтисоди миллӣ, ки вазифаи аввалиндараҷаи ҷорӣ мебошад, ҷалб намуда, аз ҷумла гуфт:

"Мо бо ҳар як шарики ҳамкор, ки барои кори муштарак омодагии худро изҳор менамояд, ҳамкорӣ менамоем.

Фаъолияти самарабахши низоми бонкӣ омили муҳимму таконбахши рушди босуръати иқтисоди миллӣ, манбаи асосии сафарбар кардани захираҳои молиявӣ дар маблағгузории бахшҳои воқеии иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ин раванд, бояд ба масъалаҳои самаранокӣ ва бо сифати баланд татбиқ намудани лоиҳаҳои сармоягузории соҳаи бонкӣ диққати ҷиддӣ дода шавад.

Яке аз роҳҳои ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта – сармоягузорӣ ба рушди неруи инсонӣ мебошад, ки мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомҳо дар самти рушди низоми бонкӣ бо баланд бардоштани сатҳи касбияти кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад.

Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ раванди ислоҳоти низоми бонкиро суръат бахшида, сиёсати пулию қарзӣ, ҳисоббаробариҳои байнибонкӣ ва дигар воситаҳои молиявиро тақвият медиҳад. Дар баробари ин, барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаи бонкӣ шароити мусоид фароҳам оварда, умуман сиёсати пуливу қарзиро барои ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ, таъмини устувории қурби пули миллӣ, баланд бардоштани пардохтпазирӣ ва эътимоди низоми бонкӣ, таъмини фаъолияти босуботу бехатари низоми пардохтҳо равона менамояд.

Ҳамзамон, Бонки миллӣ фаъолияташро барои рушди низоми бонкӣ ва тақвияти эътимоди аҳолӣ ба бонкҳо, ҷоннок намудани назорати бонкӣ, арзёбии дороии бонкҳо ва мониторинги доимии вазъи бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва ҷалби сармоя пурзӯр менамояд.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои дурнамои сиёсати пулию қарзӣ бо истифода аз фишангҳои пулию қарзӣ, ҷиҳати ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар ва тақвият додани ҳамкориҳои судманд бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ, аз ҷумла фондҳои байналмилалӣ ва сохторҳои бонкии кишварҳои хориҷии дуру наздик, ҷолиб гардонидани низоми бонкӣ барои сармоягузорӣ, ташкили бозори такрории коғазҳои қиматнок, бозори суғурта ва иштироки фаъоли ташкилоту муассисаҳо дар ин бозор тадбирҳои заруриро роҳандозӣ хоҳад намуд".

***Ҳасанова Мавҷуда,***
***сармуҳаррири маҷалла***

## НАВИД•РӮЙДОД•АХБОР



# Ҷаласаи Шурои ҳамоҳангсозии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**26 сентябри соли 2023 дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи Шурои ҳамоҳангсозии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии раиси Шуро - раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло ва ҳузури ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Неъматулло Ҳикматуллозода баргузор гардид.**

Дар ин чорабинӣ вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Музаффар Ашуриён, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода Саттор, вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Завқӣ Завқизода, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саъдӣ Қодирзода, раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратулло Давлатзода, муовини якуми раиси Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Нурулло Асо, муовини раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Суҳроб Ализода, роҳбар ва аъзои Кумитаи иҷроияи стратегия ва роҳбарони гурӯҳҳои корӣ, роҳбарони воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказии Бонки миллии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Дар ҷаласа масъалаҳои ворид намудани тағйирот дар ҳайати аъзои асосии Шурои ҳамоҳангсозӣ, интихоби муовинони раиси шурои ҳамоҳангсозии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисобот оид ба раванди иҷрои бандҳои Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 ва нимсолаи якуми соли 2023, муҳокимаи раванди иҷрои бандҳои Нақшаи чорабиниҳои Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои ҷорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Раиси Шуро Ҳоким Холиқзода бо сухани ифтитоҳӣ ба кори ҷаласа ҳусни оғоз бахшида, қайд кард, ки дар доираи татбиқи самараноки Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва бо мақсади



## НАВИД•РӮЙДОД•АХБОР



таъмини иҷрои муқаррароти Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, таҳти №314 Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 тасдиқ карда шудааст. Дар робита ба ин, пешбурди сиёсати оқилона дар ин самт метавонад ба таъмини суботи низомҳои молиявӣ мусоидат намояд.

Ҳамчунин, номбурда иброз дошт, ки бо мақсади гузаштан ба низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" ба тасвиб расид, ки ба васеъ гардидани фарогирии молиявӣ дар кишвар тақвият бахшид.

Ҳадафи дигари фарогирии молиявӣ ин беҳтар намудани дастрасӣ ва таъмини хизматрасониҳои босифати молиявӣ мебошад, ки барои рушди устувори бахши молиявӣ, солимгардонии фазои соҳибкорӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди сармояи инсонӣ ва дар ин замина, баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявӣ нақши муҳим мебозад.

Таъкид карда шуд, ки яке аз сохторҳои идоракунии Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ Кумитаи иҷроияи он ба ҳисоб меравад ва вазифаи он амалӣ намудани идоракунии ҳамарӯзаи чорабиниҳои Стратегия, ташкил ва дастгирии чорабиниҳои Шурои ҳамоҳангсозӣ ва гурӯҳҳои корӣ мебошад.

Дар идомаи ҷаласа масъалаи ворид намудани тағйирот ба ҳайати аъзои асосии Шурои ҳамоҳангсозии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, аз ҷониби аъзои Шуро дастгирӣ ёфт.

Ҳамзамон вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Музаффар Ашуриён ва вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода муовинони раиси Шурои ҳамоҳангсозии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардиданд.

Сипас, дар назди ҳозирин бо рӯнамои муфассал оид ба иҷрои бандҳои Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 ва нимсолаи якуми соли 2023 роҳбари Кумитаи иҷроияи Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ – муовини директори пажӯҳишгоҳи илмӣ – тадқиқотии Бонки миллии Тоҷикистон Гулнора Саломзода баромад намуд.

# НАВИД•РӮЙДОД•АХБОР

Номбурда иброз дошт, ки Ҳисоботи мазкур дар асоси маълумоти пешниҳоднамудаи вазорату идораҳо ва муассисаҳои дахлдор, ташкилотҳои қарзии молиявӣ, воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон ва роҳбарони гурӯҳҳои кории Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ омода гардидааст.

Қайд карда шуд, ки оид ба корҳои иҷрошудаи Нақшаи чорабиниҳои Стратегия дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои мувваззафгардида ба Бонки миллии Тоҷикистон маълумоти муфассал пешниҳод карда шуд.

Дар қисмати муҳокимаи раванди иҷрои бандҳои Нақшаи чорабаниҳои Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон аксари аъзои Шурои ҳамоҳангсозии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ ва пешниҳодҳои мушаххас манзур намуданд.

Дар хотимаи ҷаласа ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Неъматулло Ҳикматуллозода баромад намуда, аъзои Шурoро барои саҳм гузоштан дар таъмини иҷрои саривақтӣ ва самараноки нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 даъват намуд.



## БМТ: ОҒОЗИ БАРНОМАИ КУМАКИ ТЕХНИКИИ БАТР ДАР ДОИРАИ “ЁДДОШТИ ТАФОҲУМ ДАР БОРАИ ҲАМКОРӢ ДАР СОҲАИ ИДОРА, ТАНЗИМИ ХАВФҲОИ ЭКОЛОГӢ, ИҶТИМОӢ ВА ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВИИ ИҚЛИМ”

**6 декабри соли 2023 бо иштироки раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода, роҳбари Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Холгер Вифел, сардори низомҳои молиявии сабзи БАТР хонум Ксения Брокман, иқтисодчии низомҳои молиявии сабзи БАТР ҷаноби Дамин Чунг ва Баҳодур Юсупов - масъули бахши молиявӣ ва ҳамзамон Роҳбари Барномаи маблағгузории иқтисоди сабзи БАТР дар Тоҷикистон ҳамоиш барои оғози расмии барномаи кумаки техникии БАТР дар доираи “Ёддошти тафоҳум дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи идора, танзими хавфҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунии корпоративии иқлим” оғоз ёфт.**

Дар чорабинии мазкур ҳамчунин, муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фируз Шарифзода, намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва роҳбарони сохторҳои калидии бонк ширкат варзиданд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода чорабиниро бо сухани ифтитоҳӣ оғоз намуда, қайд кард, ки барномаи кумаки техникии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) дар доираи Ёддошти тафоҳум, ки моҳи сентябри соли 2023 байни БМТ ва БАТР ба имзо расида буд, роҳандозӣ мегардад.

Номбурда ба Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, махсусан ба ҷаноби Холгер Вифел – роҳбари намояндагии БАТР дар Тоҷикистон барои

## НАВИД•РӮЙДОД•АХБОР



оғоз намудани марҳилаи дуюми “Барномаи маблағгузории иқтисоди сабз” дар Тоҷикистон ва мусоидат дар рушди ҳамкории Бонки миллии Тоҷикистон бо “Шабакаи сабзгардонии низоми молиявӣ” изҳори сипос намуд.

Ҳамчунин қайд гардид, ки дар вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд хонум Одил Рено-Бассо дар ҳошияи Конфронси 28-уми тарафҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим, ки 2 декабри соли 2023 баргузор гардид, аҳаммияти хоса дода шуд.

Тавре аз арзёбии охир бармеояд, Тоҷикистон низ мисли кишварҳои дигари минтақа дар баробари дучоршавӣ ба хавфҳои вобаста ба иқлим қарор дорад ва бо назардошти пайомадҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёти кишвар, ки дар натиҷаи тағйирёбии иқлим ба вуҷуд меоянд, бештар хусусияти молиявӣ пайдо мекунанд.

Бинобар ин, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади омӯхтани таҷрибаи тақрибан 130 бонки марказӣ ва мақомоти танзимкунанда дар саросари ҷаҳон, афзун намудани иқтидор дар соҳаи ҳамгироии хавфҳои вобаста ба муҳити зист ва иқлим ба низоми бонкӣ, инчунин ҳамкории зич бо шарикони рушд, аз ҷумла Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд барои шомил гардидан ба узвияти “Шабакаи сабзгардонии низоми молиявӣ (NGFS)” дар самтҳои номбурда дархост пешниҳод намудааст.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон изҳори умед намуд, ки Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд кӯшишҳои Бонкро дар самти сабзгардонии низоми молиявӣ ва ҳамгироии принсипҳои вобаста ба муҳити зист ва иқлим дар соҳаи молия дастгирӣ хоҳад кард.

Роҳбари намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Холгер Вифел дар навбати худ аз сатҳи ҳамкориҳои дуҷонибаи Бонки миллии Тоҷикистон ва БАТР изҳори қаноатмандӣ намуда, қайд кард, ки ҳамкорӣ дар самти маблағгузории иқтисоди сабз барои рушди муносибатҳои минбаъдаи ҷонибҳо дар бахшҳои фарогирии молиявӣ, суғурта, бозори асъор, коғазҳои қиматнок ва идоракунии корпоративӣ саҳми назаррас мегузорад.

Номбурда афзуд, ки БАТР ба яке аз бузургтарин сармоягузорони институтсионалӣ дар Тоҷикистон табдил ёфта, бо бонкҳои марказӣ ва танзимгарон ҳамкории зичро ба роҳ мондааст, то ки ба табодули таҷрибаи беҳтарини байналмилалӣ дар самти ҳалли хатарҳое, ки аз тағйирёбии иқлим ба вуҷуд меоянд, мусоидат намояд.

Ҷаноби Холгер Вифел ҳамчунин барои идома додани ҳамкориҳои самаровар дар самти маблағгузории иқтисодиёти сабз, рушди бахши молиявӣ ва иқтисодиёти Тоҷикистон омодагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушдро баён дошт.

# НАВИД•РӮЙДОД•АХБОР



Дар идомаи ҷаласа муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода диққати аҳли нишастро ба фаъол гардидани равандҳои табиӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар, ба амнияти низоми бонкӣ тавассути хатарҳои ҷисмонӣ, дар бораи принсипҳои идоракунии экологӣ, иҷтимоӣ ва корпоративӣ, доир ба масъалаҳои идоракунии хавфҳои вобаста ба иқлим дар ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷониби бонкҳои марказӣ ба назар гирифтани омилҳои вобаста ба иқлим ва хавфҳои ба он алоқаманд ва ғайра ҷалб намуд.

Номбурда таъкид бар он дошт, ки дар ҷаҳони имрӯза масъалаҳои марбут ба тағйирёбии иқлим, таъмини амнияти экологӣ, кам кардани газҳои гулхонаӣ ва рушди иқтисодиёти "сабз", ки ба мавзуъҳои доғи рӯз табдил ёфтаанд, метавонанд барои иқтисодиёти кишварҳои пешрафта ва рӯ ба тараққӣ паёмадҳои ногувор дошта бошанд.

"Бонки миллии Тоҷикистон бо дастгирии ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва шарикони рушд ҷиҳати фароҳам овардани як платформаи мувофиқ, пеш аз ҳама, таҳия намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ барои рушди маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявии муосири "сабз" дар Тоҷикистон мавриди ҳадаф қарор додааст. Бинобар ин, месазад, ки ташкилотҳои қарзии молиявии Тоҷикистон дар самти ҷорӣ намудани механизмҳои иштирок дар бозори маблағгузории сабз фаъолияти худро ба роҳ монанд", - гуфт Ф.Толибзода.

Сипас, сардори низомҳои молиявии сабзи БАТР хонум Ксения Брокман дар назди ҳозирин бо рӯнамоии муфассал дар бораи барномаи маблағгузории иқтисоди сабз, пайомад ва имкониятҳое, ки ба тағйирёбии иқлим алоқаманданд, хусусиятҳои хавфҳои иқлим ва дигар масъалаҳои марбут ба "Шабакаи сабзгардонии низоми молиявӣ" баромад намуд.

Дар қисмати ҷамъбастии ҳамоиш раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода бори дигар аҳаммияти ҳамоҳангсозии кӯшишҳои дуҷонибаро оид ба коҳиш додани хавфҳои марбут ба тағйирёбии иқлим ва роҳандозии принсипҳои экологӣ дар сиёсати муассисаҳои молиявӣ таъкид намуда, изҳор дошт, ки он бе иштироки фаъоли низоми бонкии мамлакат ғайриимкон мебошад.

*www.nbt.tj*

НАВИД•РӮЙДОД•АХБОР




# ТОҶИКИСТОН ДАР ҲАМОИШИ “АМАЛҲОИ ҶАҲОНӢ - ТАЪСИРИ ҶАҲОНӢ”

## ГУЗОРИШ АЗ ҶАЛАСАҲОИ СОЛОНАИ БОНКИ ҶАҲОНӢ ВА ХАЗИНАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АСЪОР

**Дар ҳамоиши солонаи Бонки ҷаҳонӣ ва Хазинаи байналмилалии асъор, ки аз 9 то 15 октябри соли 2023 дар шаҳри Марокаши шоҳигарии Марокаш тахти унвони “Амалҳои ҷаҳонӣ - таъсири ҷаҳонӣ” баргузор шуданд, муҳимтарин масъалаҳои ҳамкориҳои давлатҳо дар самти молияву иқтисод ва роҳҳои таҳкими онҳо баррасӣ гардиданд. Дар ин ҳамоиш ба намояндагӣ аз Тоҷикистон раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ва вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода иштирок намуданд.**

### БАРНОМА ВА ҲАДАФҲОИ НАВ

Иштирокдорони ин ҳамоиш роҳбарони бонкҳои марказӣ ва вазирони молияи кишварҳои узви Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ ва Хазинаи байналмилалии асъор аз саросари олам буданд, ки барои баланд бардоштани устувории иқтисодӣ, ноил шудан ба ислоҳоти табдилдиҳанда ва густариши ҳамкориҳои ҷаҳонӣ тамаркуз карданд. Онҳо дар ин чорабинии муҳим барномаи нави Бонки Ҷаҳониро ки ҳадафаш “эҷоди ҷаҳони озод аз камбизоатӣ дар сайёраи қобили зиндагӣ” мебошад, дастгирӣ карданд.

Зимни суханронии худ президенти Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ Аҷай Банга мақсади барномаи нави ин ташкилоти байналмилалиро «ҳавасмандгардонии рушди муосир ва беҳбудии сифати зиндагӣ бо ба инобат гирифтани дастрасӣ ба ҳавои тоза, оби тоза, таҳсилот ва хидматрасонии шоистаи тандурустӣ» унвон кард.

Вай таъкид кард, ки барномаи нави Бонки ҷаҳонӣ ҳама қишрҳои аҳолӣ, ба вижа занон ва ҷавононро фаро гирифта, устуворӣ ба зарбаҳои табиӣ аз ҷумла бухронҳои иқлимӣ ва гуногунии биологӣ, пандемия ва бесуботиро тавассути рушди иқтисодӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ, рушди инсонӣ, идоракунии молиявӣ ва қарз, амнияти озуқаворӣ ва дастрасӣ ба ҳавои тоза, об ва энергия таъмин мекунад.

### ҚОИДАҲОИ НАВ

Иштирокдорони ҳамоиш бо мақсади таҳкими устуворӣ ва тавсеаи имкониятҳо ба хотири оянда беҳтар маҷмуи принсипҳои ҳамоиши Марокашро барои густариши ҳамкориҳои ҷаҳонӣ қабул карданд:

- Такмили рушди фарогир ва устувор тавассути пешбурди ислоҳоти сохторие, ки рушди иқтисодиро дастгирӣ мекунанд, манобеи молияро васеъ мекунанд ва осебпазириро ҳал мекунанд;
- Тақвияти устуворӣ тавассути таҳкими иқтидори институтсионалӣ, нигоҳдории суботи беруна, таҳкими низомҳои идоракунии қарзи давлатӣ ва ҳалли онҳо, баланд бардоштани омодагӣ ба бухрони ҷаҳонӣ ва коҳиш додани таъсири он ва ҳифз кардани рушди иқтисодӣ аз хатарҳои тағйирёбии иқлим;
- Дастгирии ислоҳоти табдилдиҳанда тавассути суръат бахшидан ба гузариш ба иқтисоди сабз, идоракунии тағйироти технологӣ, такмили низомҳои тандурустӣ ва омодагӣ ба бухронҳо, пешбурди таҳсилоти одилона ва босифат ва таъмини баробарии гендерӣ;
- Тақвият ва навсозии ҳамкориҳои ҷаҳонӣ тавассути таҳкими низоми байналмилалии асъор, таҳкими низоми савдои бисёрҷониба ва тавсеаи ҳамкориҳо.

Дар ҳамоиш зикр гардид, ки, сармоягузорӣ ба асосҳои қавии иқтисодӣ ва сармоягузорӣ дар ҳамкориҳои байналмилалӣ бояд

## НАВИД•РӮЙДОД•АХБОР

аз афзалиятҳо дар 50 соли оянда бошад.

Иштирокдорон дар поёни ҳамоиш дар Марокаш баёния нашр карданд, ки дар он ризояти давлатҳои аъзо ба таҳкими ҳамкориҳо дар панҷ самти муҳим - эҷоди иқтидори молиявӣ, тақвияти амалҳои муштарак дар мавриди мубориза бо тағйирёбии иқлим, тавсеаи ҳамкорӣ дар сатҳи кишварҳо, таҳкими маблағгузории муштарак ва афзоиши иштироки бахши хусусӣ эълом ёфт.





### МУЛОҚОТҲОИ МУҲИМ ДАР ҲОШИЯИ ҲАМОИШ

Дар ҳошияи ҷаласаҳои солонаи Хазинаи байналмилалии асъор ва Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ва вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода як қатор мулоқотҳои муҳим анҷом доданд. Аз ҷумла, рӯзи 9 октябр Ҳоким Холиқзода ва Файзиддин Қаҳҳорзода бо Директори департаменти Шарқи наздик ва Осиёи марказии Хазинаи байналмилалии асъор ҷаноби Ҷиҳад Азур, ноиби президенти Бонки ҷаҳонӣ оид ба Аврупо ва Осиёи марказӣ хонум Антонелла Бассани ва бо муовини директори иҷроияи Хазинаи байналмилалии асъор Бо Ли вохӯрӣ намуданд.

Дар мулоқот ҷонибҳо вазъи иқтисодии кишварро баррасӣ намуда, доир ба масъалаҳои сармоягузорӣ, хусусан ҷараёни татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика ва соҳаҳои дигари воқеии иқтисодиёт изҳори назар намуданд. Онҳо барои тақвияти ҳамкорӣ дар соҳаҳои дигар изҳори ҳавасмандӣ намуда, роҷеъ ба ислоҳоти калидии аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ тавсияшуда суханронӣ карданд.

Рӯзи 11 октябри соли 2023 дар ҳошияи ҷаласаҳои солонаи Хазинаи байналмилалии асъор ва Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ машварати нисфирӯзии мудирони ХБА аз кишварҳои Шарқи наздик ва Осиёи марказӣ баргузор гардид, ки дар он раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ширкат намуд. Дар ин ҷаласа ба мудирони ХБА аз кишварҳои Шарқи наздик ва Осиёи марказӣ вазъи монетарии минтақа шарҳ дода шуд.

Дар ин чорабинӣ масоиле чун, тақвияти танзим ва назорати бонкҳои давлатӣ барои таъмини суботи молиявӣ, таъсири афзоиши меъёрҳои фоизӣ ба низоми бонкӣ, имконоти васеъ намудани заминаи сармоягузории дохилии кишварҳо ҷиҳати коҳиш додани хавфҳо, инчунин танзим ва ҳамоҳангсозии тадбирҳои макропруденсиалӣ ва зиддибуҳрониро баррасӣ намуда, роҳҳои ҳалли онҳоро ҷустуҷӯ карданд.

Дар он рӯз, ҳамчунин Ҳоким Холиқзода бо намояндагони Бонки саноатӣ ва тиҷоратии Чин мулоқот анҷом доданд. Дар ин мулоқот масъалаҳои рушди ҳамкориҳои дуҷониба, хизматрасониҳои бонкӣ аз қабили хизматрасонии

# НАВИД•РӮЙДОД•АХБОР

хазинадорӣ, идора намудани дороиҳо, имконияти кушодани сuratҳисобҳои муросилотии бонкҳои тиҷоратӣ, инчунин васеъ намудани амалиёт тавассути сuratҳисобҳои муросилотиро мавриди баррасӣ қарор доданд. Дар ҷамъбасти ин мулоқот ҷонибҳо барои давом додани ҳамкориҳо изҳори омодагӣ карданд.

Рӯзи 11 октябр ҳамчунин дидор ва мулоқоти раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода бо намояндагони Агентии рейтингии Moody›s баргузор шуд. Дар ин вохӯрӣ ҷонибҳо масъалаҳои муҳиммеро чун фаъолияти бозорӣ, муносибат бо сохторҳои тиҷоратӣ, имкониятҳои васеъ кардани доираи ҳамкорӣ ва мавзуъҳои дигари мавриди назарро муҳокима намуда, изҳор доштанд, ки дар ин самт гуфтушунидро идома хоҳанд дод.

Рӯзи 14 октябр дар ҳошияи ҳамоиш раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода бо раиси Бонки миллии Швейтсария Томас Йордан мулоқот намуданд ва ҳамкориҳои дуҷонибаро баррасӣ намуданд. Дар мулоқот Ҳоким Холиқзода аз ҳамкории судманд изҳори қаноатмандӣ намуда, изҳор дошт, ки муносибатҳои Тоҷикистону Швейтсария дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт пайваста инкишоф меёбанд.

Раиси Бонки миллии Швейтсария Томас Йордан низ бо таъкид ба сатҳи хуби ҳамкориҳои дуҷониба омодагии худро барои боз ҳам густариш бахшидани онҳо, аз ҷумла дар самти устувории низоми бонкии Тоҷикистон баён намуд. Инчунин дар ин мулоқот масъалаҳои ҳамкорӣ дар самти баланд бардоштани иқтидори кормандони Бонки миллии Тоҷикистон дар




бахшҳои идоракунии хавфҳои амалиётӣ ва ҳисобдорӣ, ташкили сафари мутахассисони Бонки миллии Швейтсария ба Душанбе барои гузаронидани чорабиниҳои омӯзишӣ ва додани машваратҳо баррасӣ шуданд.

Ҳамчунин, дар ин рӯз мулоқоти раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ва вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода бо ноиби президенти минтақавии Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) хонум Ҳела Шейхрухоу баргузор шуд. Дар ҷараёни мулоқот масоили ҳамкории ҷонибҳо ва кумакҳои техникии созмони мазкур ба Бонки миллии Тоҷикистон баррасӣ карда шуданд. Бо сипос аз роҳбарияти Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ барои хамкории пурсамар таъкид гардид, ки Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ яке аз шарикони муҳимми Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар мулоқот ҷонибҳо изҳори умедворӣ намуданд, ки ҳамкориҳо миёни Бонки миллии Тоҷикистон ва Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ минбаъд ҳам тавсеа меёбанд.

Ба андешаи коршиносон иштироки намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамоиши солонаи Бонки ҷаҳонӣ ва Хазинаи байналмилалии асъор, ки дар он масъалаҳои муҳимми таҳкими ҳамкориҳои давлатҳо дар самти молияву иқтисод баррасӣ гардиданд, босамар буда, дидору мулоқотҳои баргузоршуда дар ҳошияи он барои боз ҳам беҳтар шудани ҳамкориҳои молиявию бонкии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон мусоидат мекунад.

**Аслам Мӯминов**

## НАВИД•РӮЙДОД•АХБОР




# ТАЪСИРИ НОМАТЛУБИ КОРРУПСИЯ ДАР РАВАНДИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ ВА РОҲҲОИ МУБОРИЗА БО ОН

**5 декабри соли 2023 дар доираи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷиҳати иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Бонки миллии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба коррупсия дар соли 2023, бо роҳбарии муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад вохӯрии намояндагони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кормандони дастгоҳи марказӣ ва шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Тавре зимни ифтитоҳ муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода иброз дошт, ҳадафи асосии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба вуҷуд овардани фазои зиддикоррупсионӣ, баланд бардоштани маърифату фарҳанги зиддикоррупсионии шаҳрвандон, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва дар маҷмуъ муқовимат ба ин зуҳуроти номатлуб мебошад.

Бояд қайд кард, ки тибқи банди 3 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №222 аз 3 августи соли 2021 ва банди 1 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025), бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2021 **Барномаи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба коррупсия барои давраи то соли 2030** қабул гардид, ки дар асоси он ҳамасола нақшаи чорабиниҳои муқовимат ба коррупсия дар Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ ва мавриди амал қарор мегирад.

Барнома ва нақшаи чорабиниҳои мазкур маҷмуи тадбирҳои зиддикоррупсионии Бонки миллии Тоҷикистонро дар бар гирифта, дар онҳо самтҳои асосии фаъолияти Бонки миллӣ дар робита ба муқовимат ба коррупсия ва вазифаҳои воҳидҳои сохтории дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон оид ба иҷрои ҳар як чорабинӣ, мӯҳлати иҷро ва мақсадҳои гузошташуда ба таври мушаххас муайян шудаанд, - қайд кард Фирдавс Толибзода.

Зикр карда шуд, ки дар доираи татбиқи Нақшаи чорабиниҳои муқовимат ба коррупсия дар Бонки миллии Тоҷикистон барои соли 2023 ва ҷиҳати ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни кормандон, роҳандозӣ намудани як қатор тадбирҳои судманд дар назар дошта шудааст.

Дар доираи татбиқи Барнома ва Нақшаи чорабиниҳо зимни вохӯрӣ бо кормандони Бонки миллии Тоҷикистон сардори раёсати муқовимат ба коррупсияи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники

## НАВИД•РӮЙДОД•АХБОР

адлия Муқимӣ Нигора Аминзод ва нозири калони раёсати муқовимат ба коррупсияи Агентии мазкур Асилзода Парвизи Мирзоғайбулло оид ба муҳиммияту зарурати қабул гардидан ва мавриди амал қарор дода шудани Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 сухан карданд.

Зимни мулоқот махсусан таъкид гардид, ки бо мақсади муқовимат ба ин зуҳуроти хавфнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардид. Ҳамчунин, то ин давра қабули се санади барномавӣ, аз қабили Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008 - 2012, Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 ва Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз таваҷҷуҳи Роҳбари Олии мамлакат ба ин мавзуи ҳассос дарак медиҳад.

Қабул ва мавриди амал қарор гирифтани ин санадҳо дар марҳилаҳои гуногун шаҳодати он аст, ки имрӯз масъалаи муқовимат ба коррупсия дар радифи дигар самтҳои афзалиятнок яке аз самтҳои муҳимму меҳварии сиёсати ҳуқуқии давлат қарор гирифтааст.

Аз ин рӯ, дар рафти мулоқот таваҷҷуҳи ҳозирин ба мақсаду вазифа ва принсипҳои татбиқ, самтҳои асосӣ ва моҳияту аҳаммияти



Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, вазъи содиршавии ҷиноятҳои ба коррупсия алоқаманд дар низоми бонкӣ, таҳлили зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, тақвият бахшидани муқовимат ба коррупсия дар соҳаҳои аз нигоҳи коррупсия осебпазир, баланд бардоштани маърифату фарҳанги зиддикоррупсионӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо Агентӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷалб карда шуд.

Намояндагони Агентӣ таъкид бар он доштанд, ки пешгирию бартараф намудани амалҳои коррупсионӣ танҳо вазифаи як сохтори Агентӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ набуда, балки кори дастаҷамъист. Аз ин рӯ, ҳар як шаҳрванди масъулиятшинос ва бонангу номус уҳдадор аст, ки ба ин зуҳуроти хатарноку зиёновар муқовимат нишон диҳад ва мубориза барад.

Дар робита ба ин, дар чорабинии ҳамоиш махсус қайд карда шуд, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни яке аз мулоқотҳо вобаста ба ин масъала чунин таъкид доштанд, ки **бояд ҳар яки мо худамон намунаи ибрат бошему аз ин амал дурӣ ҷӯем ва баъдан дигаронро ба ин талқин намоем. Барои мубориза бар зидди ин кирдори нангин бетарафиро нагирифта, ин вазифаро танҳо бар дӯши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ напартоему чун шаҳрванди ватандӯст бо сохторҳои давлатӣ бештар ҳамкорӣ намуда, дар ҷомеа тафаккури зиддикоррупсиониро ба вуҷуд орем.** Ҳатман кореро анҷом диҳем, ки танҳо ва танҳо бо роҳи қонунӣ бошад.

Дар ҷамъбаст муовини якуми раиси БМТ Фирдавс Толибзода ёдовар шуд, ки воҳӯрии кормандони Бонки миллии Тоҷикистон бо намояндагони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мунтазам баргузор мегардад ва мақсад аз он тавсеаи ҳамкориҳои мақоми масъул бо Бонки миллӣ, тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ ва баланд бардоштани маърифату фарҳанги зиддикоррупсионӣ дар миёни кормандони низоми бонкӣ мебошад.

**"БТҶ"**

# НАВИД•РӮЙДОД•АХБОР

## ИШТИРОКИ МУОВИНИ РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ФИРУЗ ШАРИФЗОДА ДАР НИШАСТИ СОЛОНАИ ТАШКИЛОТИ ҲИСОБДОРӢ ВА АУДИТ БАРОИ МУАССИСАҲОИ МОЛИЯВИИ ИСЛОМӢ (AAOIFI)



**Рӯзҳои 29-30 ноябри соли 2023 дар шаҳри Манамаи Шоҳигарии Баҳрайн аз ҷониби Ташкилоти ҳисобдорӣ ва аудит барои муассисаҳои молиявии исломӣ (AAOIFI) ва Бонки Исломии Рушд (IsDB) конфронси 18-уми солона оид ба бонкдорӣ ва молияи исломӣ дар сатҳи баланд баргузор гардид. Дар кори он ҷиҳати дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ намудани низоми бонкии кишвар, алалхусус рушди бонкдории исломӣ муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фируз Шарифзода ширкат варзид.**

Ташкилоти ҳисобдорӣ ва аудит барои муассисаҳои молиявии исломӣ (AAOIFI) созмони бонуфузи байналмилалӣ буда, тавассути таҳия ва нашр намудани стандартҳои муосири байналмилалӣ дар ҷанбаҳои гуногуни соҳаи молияи исломӣ, аз қабили муайян намудани талабот оид ба меъёрҳои шариат, баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит, идоракунӣ, этика ва ғайра ба рушди молияи исломӣ мусоидат менамояд.

Бо мақсади густариши ҳамкориҳои судманд дар ҳошияи конфронс муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фируз Шарифзода бо раиси Шурои Ташкилоти ҳисобдорӣ ва аудит барои муассисаҳои молиявии исломӣ (AAOIFI) шайх Иброҳим бин Халифа ал Халифа, директори кулли Шурои хизматрасонии молияи исломӣ ҷаноби Билол Данбатта, раиси Бонки марказии Баҳрайн ҷаноби Рашид Муҳаммад ал Мараҷ ва роҳбари "Хонаи молиявии Кувейт" дар Шоҳигарии Баҳрайн ҷаноби Абдулҳаким Алхайят якҷанд мулоқоту вохуриҳо доир намуд.

Дар ҷараёни мулоқотҳои дуҷониба муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фируз Шарифзода раванди татбиқи бонкдории исломиро дар Тоҷикистон муаррифӣ намуда, масъалаҳои ҳамкории Бонки миллии Тоҷикистон бо Ташкилоти ҳисобдорӣ ва аудит барои муассисаҳои молиявии исломӣ (AAOIFI), инчунин мавзуъҳои мубрами молияи исломӣ, ба монанди табодули таҷриба дар самти назорати бонкӣ, рушди фаъолияти биржаҳои фондӣ, бозори суғуртаи исломӣ (такаффул), кушодани ташкилотҳои қарзии исломӣ дар Тоҷикистон ва роҳандозии ипотекаи исломӣ мавриди муҳокима қарор дода шуд.

Дар доираи ҳамкориҳои судманди тарафайн ҳамасола кормандони мақоми назорати бонкдории исломии Бонки миллии Тоҷикистон дар семинару вебинарҳо ва мизҳои мудаввар, ки аз ҷониби Ташкилоти ҳисобдорӣ ва аудит барои муассисаҳои молиявии исломӣ гузаронида мешаванд, иштирок менамоянд.

Бо истифода аз стандартҳои байналмилалии ташкилоти

# НАВИД•РӮЙДОД•АХБОР









AAOIFI соли 2014 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” қабул гардида, дар асоси қонуни мазкур зиёда аз 27 адад дастурамалу низомномаҳо оид ба танзим ва назорати фаъолияти бонкҳои исломӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ, равзанаҳои бонкии исломӣ, идоракунии хавфҳо, тартиби таъсис ва фаъолияти Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ ва ғайра таҳия ва қабул гардиданд. Санадҳои меъёрии мазкур заминаи асосии танзиму назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ ба ҳисоб рафта, ба таъсис ёфтани се адад ташкилоти қарзии исломӣ, ки ба муштариёни худ тавассути пешниҳоди маҳсулотҳои бонкдории исломӣ хизмат расонида истодаанд, омили асосӣ ба ҳисоб меравindependent.

Дар айни замон аз ҷониби якчанд ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар ба Бонки миллии Тоҷикистон бастаи ҳуҷҷатҳо бо мақсади гирифтани иҷозатнома барои амалӣ намудани фаъолияти бонкии исломӣ пешниҳод гардидаанд.

Иштирок дар чунин конфронсҳо барои муаррифии татбиқи бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим буда, ба ҷалб намудани сармоягузориҳо ба низоми бонкӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, ҳамзамон барои пешбурди танзим ва назорати фаъолияти танзимкунандаи Бонки миллии Тоҷикистон самарабахш арзёбӣ мегардад.

# НАВИД•РӮЙДОД•АХБОР



## ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲОИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БО БОНКИ МАРКАЗИИ АМОРАТИ МУТТАҲИДАИ АРАБ

**29 сентябри соли 2023 муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс бо мудири бахши робита бо ташкилотҳои давлатӣ ва суратҳисобҳои ғайрибонкии Бонки марказии Аморати Муттаҳидаи Араб (АМА) ҷаноби Салем Ал-Ҳармӣ мулоқот намуд.**

Нахуст Фирдавс Толибзода ташрифи намояндаи АМА-ро ба Бонки миллии Тоҷикистон хайрамақдам гуфта, иброз дошт, ки мулоқоти имрӯза барои тақвият бахшидани рушди ҳамкориҳо дар сатҳи нав миёни ҳарду кишвар заминаи мусоид ба миён меорад.

Номбурда изҳор намуд, ки феълан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҷалби сармояи мустақим ва фаъолияти озоду бемамониати сармоягузорони хориҷӣ дар бахши иқтисодиёт, аз ҷумла низоми бонкӣ шароити хуби фаъолият ва заминаи меъёрию ҳуқуқии мукаммал муҳайё карда шудааст.

Ҷаноби Салем Ал-Ҳармӣ зимни суханронии худ барои пазироии самимӣ изҳори миннатдорӣ намуда, ҳавасмандии худро ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷонибаи судманд ва имкониятҳои сармоягузорӣ дар бахшҳои иқтисодиёти мамлакат, аз ҷумла низоми бонкӣ баён дошт. Мавсуф қайд кард, ки ташрифи соҳибкорону сармоягузорони АМА ҷиҳати пайгирии раванди татбиқшавии санадҳои ҳамкории баимзорасида байни соҳибкорони ду кишвар дар рафти баргузории Форуми байналмилалии сармоягузории Душанбе – 2023 барои таҳкими муносибатҳои дуҷонибаи тиҷоратӣ такони нав хоҳад бахшид.

Зимни мулоқот махсус масъалаҳои марбут ба кушодани намояндагиҳо ва филиалҳои бонкҳои АМА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, имконияти саҳмгузорӣ ба сармояи бонкҳои Тоҷикистон аз ҷониби сармоягузорони ин кишвар, бонкдории исломӣ, кушодани суратҳисобҳои муросилотӣ, ба роҳ мондани ҳамкорӣ байни бонкҳои марказии АМА ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои гуногуни низоми бонкӣ, аз ҷумла табодули маълумот ва омӯзиши таҷрибаи АМА дар самти бонкдории исломӣ мавриди баррасии ҷонибҳо қарор гирифтанд.

Тавре номбурда қайд намуд, ҷалби сармоягузорӣ яке аз масъалаҳои муҳим буда, роҳандозии ҳамкориҳо бо АМА дар ин самт барои татбиқи лоиҳаҳои гуногун ва сармоягузории бахшҳои бонкӣ ва суғурта мувофиқи мақсад мебошад.

Илова бар ин, ҷонибҳо бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд байни бонкҳои марказии АМА ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои мухталифи бахши бонкӣ ва ба имзо расонидани лоиҳаи нави Ёддошти тафоҳум дар самти мубодилаи маълумот ва таҷриба миёни бонкҳои марказӣ тавашшуҳ зоҳир намуданд.

Дар интиҳои вохӯрӣ мусоҳибон барои мулоқоти судманд арзи сипос намуда, ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои минбаъда, ки ҷавобгӯи манфиатҳои тарафайн хоҳанд буд, омодагии худро баён карданд.

## НАВИД•РӮЙДОД•АХБОР




## ФОРУМИ МОЛИЯВӢ “ҲАМКОРИИ МИНТАҚАВӢ - ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАҲКИМИ ИНФРАСОХТОРИ МОЛИЯВӢ ВА ДАСТРАСӢ БА БОЗОРҲОИ САРМОЯ”

**Рӯзҳои 7-8 декабри соли 2023 Форуми молиявӣ таҳти унвони “Ҳамкории минтақавӣ-ҳамчун омили таҳкими инфрасохтори молиявӣ ва дастрасӣ ба бозорҳои сармоя” баргузор шуд, ки доираи васеи иштирокчиёни бозори молиявӣ ва хизматрасонии рақамиро ба ҳам овард.**

Дар кори Форуми молиявӣ муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор Назир, директори GIZ дар Тоҷикистон хонум Сабине Олтхоф, директори Дафтари Швейтсария, Консули консулгарии Швейтсария дар Тоҷикистон хонум Саломе Штайб, намояндаи доимии БАТР дар Тоҷикистон ҷаноби Холгер Вифел, намояндаи доимии IFC дар Тоҷикистон Фарух Султонов, роҳбарони созмонҳои байналмилалӣ, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавӣ, ширкатҳои мобилӣ иштирок доштанд.

Дар маросими ифтитоҳи расмии Форуми молиявӣ муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ иштирокчиёни форумро хайрамақдам гуфта, ба Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон барои ҳамкории судманд ва ташкили ҳамоиши бошукуҳ изҳори сипос намуд.

Рӯзи дуюми Форум, ки ба мавзуи “Рақамикунонӣ ҳамчун пешбарандаи фаъолияти иноватсионӣ” бахшида шуд, бо иштирок ва суханронии муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Рукмина Сафарзода, муовини вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуриддинзода Аҳлиддин ва муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор оғоз гардид. Дар ин ҳамоиш “Дар бораи чораҳои густариши пардохтҳои ғайринақдӣ дар Тоҷикистон” сардори идораи низоми пардохти Бонки миллии Тоҷикистон Салоҳиддинов Шуҳрат рунамоӣ кард. Иштирокдорони Форум инчунин мавзуъҳои тиҷорати электронӣ, трансформатсияи рақамӣ, маркетинги электронӣ ва саводнокиро мавриди баррасӣ қарор дода, дар доираи сессияҳо муҳокимаронии ҷолиб анҷом доданд.

Дар доираи кори Форуми молиявӣ, аз ҷониби муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ дар фазои тантанавӣ ба кормандони фаъоли ташкилотҳои қарзии молиявӣ нишони Аълочии маблағгузории хурд ва Дипломи фахрӣ барои саҳм доштан дар ҷалби сармояи хориҷӣ тақдим гардид.

"БТҶ"



# РАВАНДИ ТАТБИҚИ ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН -

## "ДАР БОРАИ ТАДБИРҲОИ ВУСЪАТ ДОДАНИ ҲИСОББАРОБАРКУНИИ ҒАЙРИНАҚДӢ"



**Низоми пардохти ғайринақдӣ ва афзоиши ҳиссаи он дар муомилоти пулӣ яке аз омилҳои муҳимми рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ ва низоми молиявии кишвар маҳсуб ёфта, барои таъмини шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлат, кам кардани хароҷоти мустақим барои эмиссия ва муомилоти пули нақд, пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва коҳиши таъсири омилҳои инсонӣ нақши бениҳоят назаррас дорад.**

Дар замони рушди технологияҳои муосир аксари давлатҳои мутараққӣ ба низоми рақамикунонӣ рӯ оварда ба низоми ғайринақдии пардохт афзалият додаанд. Аллакай дар баъзе давлатҳо нақшаи комилан даст кашидан аз тарзи нақди муомилот дар раванди амалишавӣ қарор дорад.

Бинобар ин, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ба масъалаи пардохтҳои ғайринақдӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад. Дар робита ба ин, 22 июни соли 2023 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" таҳти рақами 586 ба тасвиб расид, ки тибқи он аз 1 августи соли 2023 пардохти тамоми хизматрасониҳои музднокии давлатӣ, аз қабили андоз, боҷҳои давлатӣ, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасонии тиббӣ, хизматрасонии коммуналӣ ва ғайра тариқи ғайринақдӣ роҳандозӣ мегардад.

Албатта бо қабули Фармони мазкур зина ба зина гузаштан ба ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ сар карда аз пардохтҳои ҳатмии давлатӣ, барои рушди минбаъдаи ин низом дар кишвар заминаи мусоид фароҳам хоҳад шуд.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои пурра ва босифати Фармони мазкур дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ анҷом додани иқдомҳои минбаъдаро рӯи кор гирифт.

Дар робита ба ин, ташкилотҳои қарзии молиявӣ шурӯъ аз 1 августи соли 2023 қабули маблағи пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасонии тиббӣ, хизматрасонии

### ИСТИФОДАБАРИИ ТЕРМИНАЛҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА QR-РАМЗҲО ДАР МУАССИСАҲОИ САВДОЮ ХИЗМАТРАСОНӢ (ФОИЗ)




**Дар давраи ҳисоботӣ таносуби ҳиссаи амалиётҳои гирифтани пули нақд ва пардохтҳои ғайринақдӣ бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) 81,7 фоиз ба 18,3 фоизро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ ҳиссаи амалиётҳои ғайринақдӣ 7,6 банди фоизӣ зиёд гардидааст.**

коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасонии давлатиро тариқи нақдӣ манъ намуда, қабули онҳоро танҳо ба таври ғайринақдӣ бо истифода аз суратҳисобҳои бонкӣ, кортҳои пардохтии бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ, замимабарномаҳои мобилӣ ва дигар воситаҳои ғайринақдии пардохтӣ роҳандозӣ намуданд.

Бо мақсади таъмини инфрасохтори пардохтӣ ташкилотҳои қарзии молиявӣ навъҳои гуногуни хизматрасонии пардохтиро пешниҳод намуда, имкон фароҳам овардаанд, ки тавассути низомҳо ва инфрасохтори пардохтӣ маблағи пардохтҳои давлатиро ба таври ғайринақдӣ қабул ва дар сомонаҳои расмии вазорату идораҳои давлатӣ хизматрасонии интернет-эквайрингро ташкил намоянд (пардохт тавассути сомонаи мақомоти давлатӣ), инчунин тавассути ҳамгирой бо низомҳои иттилоотию билингии мақомоти давлатӣ дар ҳамёни мобилии худ (замимабарномаи мобилӣ) пардохти хизматрасониҳои давлатиро барои муштариён имконпазир гардонанд.

Қобили зикр аст, ки истифодаи замимабарномаҳои мобилӣ (ҳамёнҳои электронӣ)-и ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар кишвар афзун гашта, тавассути онҳо имконияти пардохти маблағи хизматрасониҳои давлатии вазоратҳои корҳои дохилӣ, адлия, молия, маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, Агентии хариди давлатӣ ва мақомоту ташкилоти дигари давлатӣ, ки дар маҷмуъ зиёда аз 300 навъи хизматрасонии давлатиро ташкил медиҳад, фароҳам оварда шудааст.

Дар ин замина, бо мақсади тавсеаи инфрасохтори пардохтии кишвар, тавассути ҳамгироии низоми қабули пардохтҳои КВД БА ҶТ “Амонатбонк” иловатан қабули пардохти маблағи зиёда аз 250 навъи хизматрасонии давлатӣ тариқи замимабарномаҳои мобилии дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ таъмин карда шудааст.

Дар натиҷаи анҷом додани чораҳои мушаххас аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон айни замон зиёда аз 20 намуди замимабарномаҳои мобилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои қабули пардохтҳои хизматрасонии давлатӣ мавриди истифода қарор доранд. Аксари ин замимабарномаҳо барои пардохти ҳаққи истифодаи қувваи барқ, обу корез, партовҳои маишӣ, гармидиҳӣ ва хизматрасонии дигари коммуналӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ имкон медиҳанд.

Дар баробари ин, аз ҷониби танҳо КВД БА ҶТ “Амонатбонк” дар 75 филиал, 548 маркази хизматрасонии бонкӣ ва 45 нозироти андоз барои қабули пардохти ғайринақдии хизматрасониҳои давлатӣ 1033 адад POS-терминал насб шудаанд, ки маблағи зиёда аз 475 намуди хизматрасонии давлатӣ ба таври ғайринақдӣ қабул карда мешаванд.

Ҳамзамон, ташкилотҳои қарзии молиявӣ бевосита дар корхонаю муассисаҳои давлатӣ барои қабули пардохтҳои ғайринақдӣ 2491 адад POS-терминал ва 821 QR-рамзи ягона насб кардаанд.

Илова бар ин, аз тарафи ташкилотҳои қарзии молиявӣ тавассути хизматрасонии интернет - эквайринг пардохти 9 намуди андоз ба роҳ монда шудааст.

Ҷиҳати зиёд намудани шу-

**АМАЛИЁТҲО БО ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ЭЛЕКТРОНИИ ПАРДОХТӢ ВА ҲИССАИ ПАРДОХТҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ**




мораи дорандагони кортҳои пардохтӣ ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯзи ба тасвиб расидани Фармон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» гурӯҳҳои махсуси сайёр созмон дода шуда, дар назди нуқтаҳои қабули маблағи хизматрасонии давлатии вазорату идораҳо, муассисаҳо ва корхонаҳои давлатӣ, дар бозорҳо ва дигар мавқеъҳои сераҳолӣ то 30.09.2023 зиёда аз 350 ҳазор кортҳои пардохтии миллӣ ва байналмилалиро ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ройгон пешниҳод намудаанд ва шумораи чунин кортҳо рӯ ба афзоиш аст.

Дар баробари ин, барои сарфаи вақт ташкилотҳои қарзии молиявӣ кортҳои пардохтии беномро, ки ба расмиятдарории онҳо аз 5 то 15 дақиқаро фаро мегирад, дар мавқеъҳои сераҳолии болозикр ва ё тавассути марказҳои хизматрасонии худ ба муштариён ройгон пешниҳод намуда истодаанд. Ин иқдом имкон медиҳад, ки шаҳрвандон зуд соҳиби корти пардохтӣ ва ё ҳамёни электронӣ шуда, оид ба қоидаҳои истифодаи корт ва ё ҳамёнҳои электронӣ аз мутахассисон (гурӯҳҳои махсуси сайёр) маълумот гиранд.

Дар ин росто, аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҷиҳати бештар анҷом додани амалиётҳои ғайринақдӣ барномаҳои ҳавасмандгардонӣ, аз қабили кэшбэк, аксияҳои бурднок ва пешниҳоди қарзи овердрафтии бемузд ташкил карда шуда истодаанд.

Бо мақсади татбиқи Фармони мазкур аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар вазоратҳои адлия, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм, энергетика ва захираҳои об, нақлиёт, корҳои хориҷӣ, корҳои дохилӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, саноат ва технологияҳои нав, кумитаҳои телевизион ва радио, идораи замин ва геодезӣ, Хадамоти гумрук, Хадамоти алоқа, КВД "Почтаи Тоҷик", КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ", Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон мулоқоту вохӯриҳо гузаронида шуда, масъалаҳои иҷрои бандҳои алоҳидаи Фармон ва мушкилиҳои ҷойдошта дар ин самт мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Ҷиҳати таъмини фаъолияти муназзами воситаҳои электронии пардохтӣ дар ҳамкорӣ бо Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва операторони алоқаи мобилӣ масъалаи таъмини аҳолии кишвар бо интернети босифат аз ҷониби операторони алоқаи мобилӣ барои истифодаи ҳамёнҳои электронӣ ва замимабарномаҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ баррасӣ гардид.

Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ, Бонки миллии Тоҷикистон дар барномаҳои телевизиони давлатии "Тоҷикистон" (пахшҳои мустақим), "Сафина" , МД Телевизиони "Илм ва табиат", радиои "Садои Душанбе" ва радиои АМИТ "Ховар" ширкат варзида, доир ба масъалаҳои марбут ба Фармони мазкур ва зангҳои мустақими телефонии шаҳрвандон ҷавобҳои

мушаххас пешниҳод намуданд. Ҳамзамон, оид ба иҷрои ҳамин банди Фармон Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ маводи тавзеҳотию таблиғотӣ (видеороликҳо, эълонҳо ва ғ.) таҳия карда, тавассути васоити ахбори омма, аз ҷумла тариқи шабакаҳои телевизионӣ, радиои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, сомонаҳои расмиву шабакаҳои иҷтимоӣ (фейсбук, инстаграм, телеграм, ютуб) мунтазам пахш намуда истодаанд.

Қайд кардан лозим аст, ки созмон додани платформаи ягонаи пардохти хизматрасониҳои давлатӣ ҳамрадиф ба қисмати якуми лоиҳаи "Асосҳои рақамикунонии Тоҷикистон" (рақамикунонии идоракунии давлатӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ) мебошад. Созмон додани чунин платформа инчунин дар банди 11 Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2022 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 9 январи соли 2023, №АП-321) зикр гардидаанд, қайд шудааст. Лоиҳаи "Асосҳои рақамии Тоҷикистон" барои ташаккули иқтисодиёти рақамӣ, афзоиши дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии молиявии рақамӣ, рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва низоми бонкию молиявии кишвар муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, масъалаҳои роҳандозӣ намудани лоиҳаи мазкур дар як қатор мулоқоту вохӯриҳои Бонки миллии Тоҷикистон бо вазорату идораҳои дахлдор ва Бонки ҷаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт ва дар ҳошияи ин масъалаи асосноккунии техникӣ ва ҷалби мушовири байналмилалӣ ҷиҳати арзёбии техникию иқтисодии созмон додани платформаи ягонаи пардохти хизматрасониҳои давлатӣ ва таҳияи талаботи техникӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд.

Дар ин росто, маҳз масъалаи созмон додани Портали ягонаи пардохти хизматрасониҳои давлатӣ, ки ба ҳамгироии низомҳои иттилоотии вазорату идораҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ бо инфрасохтори пардохтии ташкилотҳои қарзии молиявӣ имкон медиҳад, дар ҳалли мушкилоти мақомоти давлатӣ ҳангоми гузариш ба пардохтҳои ғайринақдӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" омодагии худро иброз намуда, бахри иҷрои мақсаду вазифаҳои дар назди низоми бонкӣ гузошташуда тамоми чораҳои заруриро роҳандозӣ хоҳад кард.

**М.Ҳасанова**

# ИҶОЗАТНОМАҲО

**● ҶДММ Бюрои таърихи қарзҳо "Криф Тоҷикистон" иҷозатнома гирифт**

Тибқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2023, таҳти №117 номи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Бюрои таърихи қарзҳои "Бюрои қарзию иттилоотии Тоҷикистон" ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Бюрои таърихи қарзҳо "Криф Тоҷикистон" табдил дода шуд. Бар асоси қарори мазкур, ба ташкилоти мазкур ба тариқи азнавбарасмиятдарорӣ иҷозатнома барои намудҳои фаъолияти Бюрои таърихи қарз дода шуд.

**● Иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтии "Астрасенд"**

Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори худ аз 30 ноябри соли 2023, таҳти №125 ба Ҷамъияти саҳомии Бонки тиҷоратии "Соколовский", ки мутобиқи қонунгузории Федератсияи Россия таъсис ёфта, амал менамояд, барои фаъолияти оператори низоми пардохтии "Астрасенд" ба муҳлати номаҳдуди амал иҷозатнома дод.

**● "Равзанаи бонкии исломӣ"-и ҶСП ТАҚХ "Ҳумо" иҷозатномаи нав дарёфт кард**

Дар асоси қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2023, таҳти №106 бо назардошти иҷозати амалиёти бонкии иловагӣ ба "Равзанаи бонкии исломӣ"-и Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Ҳумо" барои анҷом додани фаъолияти бонкии исломӣ тавассути "Равзанаи бонкии исломӣ" дар шакли филиал бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дода шуд.

Мардуми шарифи Тоҷикистон зери Парчами миллӣ ба сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ расид ва мо сиёсати созандаву бунёдкоронаамонро барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ва эъмори ҷомеаи нав – ҷомеаи озоду демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ минбаъд низ таҳти ин рамзи муқаддаси миллӣ амалӣ мегардонем.

Эмомалӣ Раҳмон





# Парфишони Парчами давлат муборак! Бахти миллат, давлати миллат муборак!

**Дар арафаи ҷашни миллӣ, 23 ноябри соли 2023 ба ифтихори таҷлили Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло ва бо иштироки муовини якуми раис Фирдавс Толибзода, муовини раис Фируз Шарифзода, Алиҷон Салимзода ва аҳли кормандони бонк ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид. Дар чорабинии мазкур ҳамчунин раиси Маркази тарғиби адабиёти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Абдуллоҳи Раҳнамо ширкат варзид.**

Ҳамоиши идона бо садо додани Суруди миллӣ ва зери садои мусиқии мутантан ба толор ворид гардидани Парчами давлатӣ оғоз гардид.

Дар оғози чорабинӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода аҳли нишасти ҷаласаи тантанавӣ ва дар симои онҳо тамоми кормандони Бонки миллии Тоҷикистонро ба муносибати Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки чордаҳ сол инҷониб ҳамчун рӯзи иди давлатӣ ботантана таҷлил карда мешавад, самимона муборакбод гуфта, қайд кард, ки моҳи ноябр дар таърихи давлатдории нави миллии мо бо санаҳои муҳимми таърихӣ ва сарнавиштсози худ ҷойгоҳи муҳим дорад. Дар ин моҳ мо Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 31-солагии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ботантана таҷлил намудем ва имрӯз Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бошукӯҳ ҷашн мегирем.

Таъкид карда шуд, ки 31 сол аз ин пеш, яъне 24 ноябри соли 1992 дар иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парчами давлатии кишвари соҳибистиқлоли мо аз тарафи вакилони халқ қабул гардид. Ҳамчунин бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2009 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар





бораи рӯзҳои ид» тағйирот ворид карда шуд, ки мувофиқи он рӯзи 24 ноябр Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шуд.

Ҳоким Холиқзода зимни суханронӣ изҳор намуд, ки Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ рамзҳои асосии ҳар як давлат буда, нишонаи соҳибихтиёрӣ ва соҳибистиқлолии давлату миллат ба ҳисоб рафта, дар фаъолияти давлатдорӣ, аз ҷумла маъракаҳои расмию ғайрирасмии давлатӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, ҳамчунин дар муносибатҳои байналмилалӣ ва дар ҳаёти ҳамарӯзаи ҷомеа мавқеъ ва нақши муҳим доранд. Бинобар ин, шоиста аст, ки Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муқаддасот ва рамзи давлатдории миллии мо мавриди эҳтиром ва қадршиносии ҳар як сокини мамлакат, аз ҷумла кормандони низоми бонкии мамлакат ва Бонки миллии Тоҷикистон қарор бигирад.

Ҳамин аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президен-



ти Ҷумҳурии Тоҷиккистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи парчами миллӣ барҳақ чунин иброз доштаанд: "Парчами миллӣ яке аз рамзҳои муҳимми истиқлолияти миллӣ ва давлатдории муосири мо, таҷассумгари асосҳои таърихӣ ва рамзҳои давлатдории гузаштаи тоҷикон, инчунин ифодакунандаи мақсаду маром ва орзуву ормонҳои тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад".

Маҳз бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истиқболи 20-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ва бо мақсади афзун намудани ҳисси ифтихор аз давлату давлатдории миллӣ дар пойтахти Тоҷикистон, шаҳри зебои Душанбе 30 августи соли 2011 пояи саду шаступанҷметраи Парчами давлатии Тоҷикистон бунёд

гардид, ки ҳамон вақт баландтарин пояи парчами давлатӣ дар олам ба ҳисоб рафта, ба китоби рекордҳои Гиннес ворид гардида буд.

“Шоистаи таъкид аст, ки се рукни муҳимми давлатдории имрӯзаи миллии мо, яъне таҳкими пояҳои Истиқлол ва давлатдории миллӣ, қабули Парчами давлатии Тоҷикистон ва ба мақоми роҳбарии Тоҷикистон расидани Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як вақт, ҳангоми баргузории иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқуъ пайвастааст. Ба ибораи дигар, ба фаъолияти давлатдорӣ шуруъ кардани Пешвои муаззами миллат аз савганди садоқат зери ҳамин Парчами давлатӣ оғоз шудааст ва барқарории сулҳу субот ва музаффариятҳои минбаъдаи мардуми мо, аз ҷумла бунёди нақбу роҳҳои мошингарди муосир, роҳи оҳан, бунёд ва ба истифода додани неругоҳҳои хурду калон, махсусан чархаҳои якуму дуюми НБО-и Роғун ва бунёдкориҳои дигар ва дар маҷмуъ ҳар чор ҳадафи стратегии мамлакат ҳама дар зери ҳамин Парчам амалӣ шуда истодаанд”, - ёдовар шуд Ҳ.Холиқзода.





Дар идомаи ҷамъомади тантанавӣ шоир ва муҳаққиқи шинохта, раиси Маркази тарғиби адабиёти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Абдуллоҳи Раҳнамо андешаҳои ҷолиби худро дар бораи омилҳои таҷлили ҷашни Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърихи пайдоиши он, роҳи пурпечутобу сангини соҳибдавлат шудани миллати тоҷик ва дигар муқаддасоти миллӣ - Нишони давлатӣ ва Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муфассал баён намуд.

Сипас, сардори шуъбаи тарҷумаи Дастгоҳи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон Ҳасани Султон, намояндагони Созмони ҷавонон ва Шурои бонувони Бонки миллии Тоҷикистон оид ба паҳлуҳои таърихии Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ ва аз ашъори бузургони адабиёти классикӣ ва муосир шеърҳо қироат намуданд.

Дар фарҷоми кори ҷаласаи тантанавӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода бори дигар кормандони Бонки миллии Тоҷикистонро ба ифтихори ин ҷашни фархунда – Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона муборакбод гуфта, таманнои онро намуд, ки ба бахти мо **Парчами давлатии Тоҷикистони азиз ҳамеша парафшон ва офтоби бахти мо бо роҳбарии Пешвои муаззами миллат ҳамеша дурахшон бошад.**



# Президенти Тоҷикистон

## дар бунёди сиёсати мустақили пулию қарзӣ ва таҳкими низоми бонкдории миллӣ нақши асосӣ доранд

**Таҷлили Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 31 солагии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Бонки миллии Тоҷикистон**

15 ноябри соли 2023 дар Бонки миллии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Шарифзода Фируз Ҳомиддин ба ифтихори таҷлили Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 31 солагии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи тантанавӣ доир гардид.

Дар ҷаласа муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Салимзода Алиҷон ва кормандони Бонки миллии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Чорабиниро муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Шарифзода Фируз ҳусни оғоз бахшида, ҳозиринро бо фарорасии санаҳои барои халқу миллати тоҷик сарнавиштсоз ва муҳим таҳният гуфта, изҳор дошт, ки аз саҳифаҳои таърих дар ёд дорем, ки 16 ноябри соли 1994 дар иҷлосияи Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими адои савганд ва ба вазифа шуруъ кардани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардида буд.

Маҳз ибтидо аз ҳамин санаи тақдирсоз марҳилаи нави давлатдории миллӣ мутобиқи Конститутсияи давлати соҳибихтиёр оғоз гардида, Президенти тозаинтихоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иҷрои вазифа шуруъ намуд.

Илова бар ин, қайд гардид, ки Рӯзи Президент бо кору пайкор ва саъю талошҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон алоқамандии зич дорад.

Зимни суханронии худ Фируз Шарифзода изҳор дошт, ки дар таърихи 9 сентябри соли 1991 эълон шудани истиқлолият ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешрафти мамлакат заминаи мусоид муҳайё гардид. Дар чунин марҳилаи сарнавиштсоз давлату миллат ба сарвари шуҷову далер ва хирадманду дурандеше ниёз дошт, то ки ӯ битавонад тақдири давлату миллатро комилан ба дасти худ

гирифта, мамлакатро аз гирдоби фалокати низоҳои дохилӣ наҷот диҳад ва ҳамрайъи ормону мақсадҳои мардум, ки дар Конститутсия баён гардидаанд, бошад.

Хушбахтона, дар он рӯзгори ниҳоят сахту душвор маърифату дурандешии





халқ вакилони Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар атрофи манфиатҳои миллӣ сарҷамъ оварда, дар Иҷлосияи шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули қарори тақдирсоз раҳбарии кишвар ба зиммаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ки аллакай саҳми бузурги худро ҳамчун вакил ва сиёсатмадор, бо хислатҳои баланди инсонӣ ва роҳбарию ташкилотчигӣ дар фаъолияти Шурои Олӣ ва ҳаёти сиёсии Тоҷикистон гузошта буданд, вогузор гардид.

Дар идомаи ҳамоиш таъкид карда шуд, ки баргузории Иҷлосияи таърихии 16 - уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки имсол 31-солагии он таҷлил мешавад, дар ҳаёти сиёсию иқтисодии мамлакат ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ нақши муҳим дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҳамон рӯзҳои аввали ба мақоми роҳбарӣ расидан мардумро муттаҳид намуда, дар қалби пиру ҷавон шуълаи умед ба ояндаи дурахшонро бедор ва халқро бо қадамҳои қатъӣ ба сулҳу осоиш, рушду суботи минбаъда ҳидоят намуданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бо назардошти хизматҳои шоиста бахри эҳёи давлати тоҷикон, саҳми бузург дар барқарор кардани сулҳ, сарҷамъ кардани миллати тоҷик ва ваҳдати мардум, ки намунаи олии ватандӯстӣ, хизмат ба Ватану ҷомеа, вафо ба қавлу амал мебошад, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сазовори унвони “Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат” гардиданд.

Таърихи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон гувоҳи он аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар марҳилаи устуворгардонии рукнҳои давлатдории муосири кишвар, ҳамчун шахсияти барҷаста ва номбардори миллати тоҷик, дар вазъияти барои кишвар мураккабу ҳассос, роҳи рушди минбаъдаи мамлакати худро

муайян намуда, вахдату субот ва осоиши мардум, инчунин мақому нуфузи давлатро дар арсаи байналмилалӣ таъмин намуданд.

Имрӯз пули миллии Тоҷикистон на танҳо василаи молиявӣ, балки яке аз рамзҳои давлатдорӣ мебошад. Метавон гуфт, ки пули миллӣ ҳамчунин



Сипас, номбурда иброз дошт, ки маҳз бо ташаббусу дастгирии бевоситаи Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Тоҷикистон соҳиби пули миллии худ гардид. Дар таърихи 26 октябри соли 2000 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси аз 30 октябри соли 2000 ба муомилот барovардани пули миллии кишвар "сомонӣ", ки ба ифтихори асосгузори аввалин давлати мутамаркази тоҷикон Исмоили Сомонӣ номгузорӣ шудааст, қабул карда шуд. Фармони мазкур, ҳамчун эҳёи ниёгон ва масъулияти ҳар як шаҳрванд дар назди гузаштагону наслҳои оянда аҳаммияти таърихӣ дорад.

рамзи арзандаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба шумор рафта, барои иқтисодиёти рӯ ба инкишофи ҷумҳурӣ воситаи боэътимоди муомилот хизмат карда истодааст.

Дар робита ба гуфтаҳои боло таъкид карда шуд, ки яке аз вазифаҳои муҳимми кормандони Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии мамлакат андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати ҳарчи бештар устувор намудани боварии аҳолии кишвар ва давлатҳои дигар ба низоми пулию бонкии Тоҷикистон мебошад.

Дар ин раванд, яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Бонки миллӣ ва низоми бонкӣ барои давраи кутоҳмуҳлат, ривоҷ додани низоми электронии пардохт ва фаъолияти босамари он, кортҳои пардохтӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии нави муосир мебошад, ки дар замони рушди технологияҳои иттилоотӣ ва ривоҷ ёфтани иқтисоди рақамӣ, хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Сипас, сардори шуъбаи тарҷумаи Дастгоҳи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон Ҳасани Султон ва намояндагонии Созмони ҷавонони бонк дар мавзуи "Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" суханронӣ ва порчаҳои шеъриро аз эҷодиёти адибони намоёни тоҷик қироат намуданд.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Шарифзода Фируз дар қисмати ҷамъбастии чорабинии тантанавӣ бо истифода аз фурсати муносиб аҳли нишастро бо Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 31-солагии баргузории Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона муборакбод намуда, бо боварӣ изҳор дошт, ки зери роҳбарии хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла низоми бонкии мамлакат, ба дастовардҳои назаррас ноил хоҳем гашт.

# НЕРУИ ЗАНОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ



БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН




# Дастрасии занон ба воситаҳои молиявӣ асоси рушди соҳибкории бонувон

**15 ноябри соли 2023 бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Котиботи Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии занони соҳибкор ҳамоиш дар доираи ЭКСПО 2023 – Рушди соҳибкории занон баргузор гардид. Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор Назир ба панели "Дастрасии занон ба воситаҳои молиявӣ, таҷрибаи кишварҳои пешқадам дар самти роҳандозии маҳсулоти ҷанбаҳои гендеридошта" роҳбаладӣ карданд.**

Нахуст, дар кори ҳамоиш муовини сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлубахон Сатториён, роҳбарони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагии СММ – занон дар Тоҷикистон, намояндагии БРСММ дар Тоҷикистон ва доираи васеи бонувони

**Танҳо дар панҷ соли охир ва 9 моҳи соли 2023 маблағи қарзи ба занону бонувон пешниҳодшуда 16,0 миллиард сомониро ташкил медиҳад.**

соҳибкор бо маҳсулотҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ, занони соҳибкор ва шахсони имконияташон маҳдуд, ки дар намоишгоҳи ҳамоиш пешниҳод шуда буданд, шинос шуда, дар ифтитоҳи расмии чорабинии мазкур иштирок ва

суханронӣ намуданд.

Дар ҳамоиш мавзуъҳои “Нақш ва саҳми занон дар соҳаи агробизнес”, “Рушди тиҷорати электронӣ, соҳибкории ҷавонон ва иқтисоди сабз” ва “Дастрасии занон ба воситаҳои молиявӣ, таҷрибаи кишварҳои пешқадам дар самти роҳандозии маҳсулоти ҷанбаҳои гендерӣ дошта” мавриди баррасӣ ва табодули афкори иштирокдорон қарор гирифт.



Баробари дигар панелҳои соҳавӣ панели сеюм дар мавзуи **“Дастрасии занон ба воситаҳои молиявӣ, таҷрибаи кишварҳои пешқадам дар самти роҳандозии маҳсулоти ҷанбаҳои гендеридошта”** таҳти роҳбарии муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ бо иштироки сармоягузорон, соҳибкорони дохилию хориҷӣ, намояндагони ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва роҳбарони ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурӣ роҳандозӣ гардид.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ зимни суханронӣ аз сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ва таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудан ба масъалаҳои татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва муҳайё намудани шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории занону бонувон махсусан қайд намуд.

Дар партави пешбурди сиёсати Пешвои миллат солҳои охир Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти худро дар самти ислоҳоти низоми бонкӣ, тақвияти сиёсати пулию қарзӣ, рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва дигар воситаҳои молиявӣ идома бахшида, баҳри таъмини устувории қурби пули миллӣ, баланд бардоштани қобилияти пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, инчунин таъмини фаъолияти босуботу бехатари низоми пардохт равона намудааст.

Зикр карда шуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми татбиқкунандаи сиёсати пулию қарзӣ бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои роҳбарияти олии мамлакат дар самти васеъ намудани дастгирии соҳибкории бонувон бо хизматрасониҳои молиявӣ ва инчунин саривақт, осону бемамониат ва босифат пешниҳод намудани ин хизматрасониҳо корҳои муайянро анҷом дода истодааст.

Ҳамин аст, ки дар 9 моҳи соли 2023 аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ ба зиёда аз 675 ҳазор занону бонувон ба маблағи беш аз 3 миллиарду 570 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба соли 2018-ум 2,6 баробар зиёд мебошад.

Танҳо дар панҷ соли охир ва 9 моҳи соли 2023 маблағи қарзи ба занону бонувон пешниҳодшуда 16,0 миллиард сомониро ташкил медиҳад.

Зимни суханронии худ Гулбаҳор Назирӣ инчунин қайд намуд, ки дар доираи

татбиқи самараноки Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва бо мақсади таъмини иҷрои муқаррароти Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, таҳти №314 Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 тасдиқ карда шудааст. Дар Стратегия бахши махсуси маҷмуӣ оид ба васеъ кардани ҳуқуқ ва имкониятҳои иқтисодии занон ва ҷавонон муайян карда шудааст, ки ин ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти таъмини баробарии гендерӣ ва рушди иҷтимоии ҷавонон бевосита таъсири мусбӣ мерасонад.

Соли 2022 Бонки миллии Тоҷикистон ва БАТР лоиҳаи фарогирии молиявии гендериро оғоз намуданд, ки он тавассути баимзорасонии Созишнома байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд сурат гирифт.

Баимзорасонии Созишномаи мазкур ба фарогирии бештари молиявӣ ва таъмини баробарии гендерӣ мутобиқи “Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026” заминаи мусоид фароҳам меорад.

Илова бар ин, бо мақсади васеъ гардидани доираи

**Соли 2022 Бонки миллии Тоҷикистон ва БАТР лоиҳаи фарогирии молиявии гендериро оғоз намуданд, ки он тавассути баимзорасонии Созишнома байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд сурат гирифт.**

фарогирии молиявӣ дар кишвар ва татбиқи ҳадафҳои Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳо бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ лоиҳаҳои гуногунро ҷиҳати рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ ба роҳ монда истодааст.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ изҳори итминон намуд, ки дар сатҳи баланд баргузор намудани чунин чорабиниҳо барои васеъ намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, рушди минбаъдаи соҳибкории бонувон ва ҷалби бештари занону духтарон ба низоми бонкию молиявӣ мусоидат хоҳанд кард.

Сипас, аз ҷониби муовини раиси Раёсати КВД БА ҶТ "Амонатбонк" Шаҳло Сайфзода, раиси Раёсати ҶСП Бонки “Арванд” Шоира Содиқова, директори “Маркази табобатии ташхисии Шафқат” Манзура Ғафурова, ҳамоҳангсози Барномаи “Занҳо дар тиҷорат”–и Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд Дилдора Тоҷибоева, роҳбари Лоиҳаи ташкили фаъолияти Маркази дастгирии иҷтимоии “Тен қоғам” Татяна Баклажанская, дар мавзуъҳои беҳтар намудани дастрасии занон ба қарзҳо, воситаҳои молиявӣ ва роҳандозии маҳсулоти ҷанбаҳои гендеридошта, таъмини фарогирии молиявӣ барои корхонаҳои хурду миёна зери роҳбарии занон, дастгирии иҷтимоӣ барои шахсони имкониятҳошон маҳдуд рӯнамоиҳои муфассал манзур карда шуд.

Зимни ҷамъбасти кори панели сеюм муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ қайд намуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми бонкии мамлакат ҳам дар якҷоягӣ бо дигар вазоратҳу идораҳои дахлдор дар навбати худ ба таври мунтазам фаъолияти босамарро ба роҳ монда, сатҳу сифат ва шаклу намуди хизматрасониҳои бонкию молиявиро афзун менамоянд ва барои фарогирии молиявии ҳамаи қишрҳои аҳолӣ, бахусус дастрасии бонувон ба воситаҳои молиявӣ дар мамлакат саҳми шоиста мегузоранд.

**М.Ҳасанова**




## Иҷрои барномаҳои давлатӣ дар самти дастгирии занон дар маркази таваҷҷуҳи Шурои бонувони Бонки миллии Тоҷикистон

**13 октябри соли 2023 дар Бонки миллии Тоҷикистон дар ҷаласаи навбатии Шурои бонувони Бонк раванди татбиқи "Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони болаёқат барои солҳои 2023-2030" мавриди баррасӣ қарор гирифт. Ҷаласаи мазкур таҳти роҳбарии раиси Шурои бонувони Бонки миллии Тоҷикистон, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор Назир бо ҳузури муовини якуми раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуруллозода Фирӯза, ҳайати бонувони Бонки миллии Тоҷикистон доир гардид.**

Раиси Шурои бонувони Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Г.Н. дар рафти ҷаласа аз таваҷҷуҳу дастгирии доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри бузургдошти мақому манзалати зан-модар махсусан таъкид намуд. Зикр карда шуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти нақши муассири занону духтарон дар рушди иқтисоди миллии кишвар ҳамеша масъалаи таъмини ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро дар меҳвари сиёсати худ қарор дода, барои беҳбуд бахшидан ба вазъи онон таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд.

Дар партави дастгиру ғамхориҳои пайвастаи давлату Ҳукумати мамлакат заминаҳои қонунгузорӣ ҷиҳати таъмини имкониятҳои баробарии мардону занон мустаҳкам гардида, фишангҳои миллии ҳимояи ҳуқуқи занон муайян шудаанд.

Муовини якуми раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуруллозода Фирӯза зимни муаррифии худ аз рафти иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа” ва “Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони болаёқат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2030”, рушди касбии бонувон ва ба вазифаҳои роҳбарикунанда пешбарӣ намудани онҳо дар назди ҳозирин маълумот дод. Мавсуф аз ташаббусу иқдомҳои Кумита дар самти тақвият додани донишандӯзии хизматчиёни давлатӣ аз ҳисоби бонувон дар азхудкунии забонҳои хориҷӣ, технологияи иттилоотӣ, коргузорӣ дар идораи давлатӣ, маҳорати суханварӣ ва омода намудани кадрҳои роҳбарикунанда сухан кард.

Дар доираи ҷаласа ҳамзамон ҷавонони фаъол аз ҳисоби бонувон, аз ҷумла мутахассиси пешбари шуъбаи банақшагирии молиявӣ ва таҳлил  Раҷаб Фариштамоҳи Ҳабибулло дар мавзуи “Татбиқи сиёсати Пешвои миллат дар самти хайру эҳсонкорӣ” ва “Қонуни миллӣ – кафолати зиндагии шоиста”, мутахассиси идораи



муносибатҳои байналмилалӣ Фурқатзода Мавзуна оид ба "Тамоюли баланд бардоштани савияи донишу малакаи занону духтарон дар доираи барномаҳои давлатӣ" дар назди ҳозирин баромад карданд. Дар рафти ҷаласа перомуни мавзуъҳои баррасишуда муҳокимарониҳои ҳирфаӣ барпо шуд.

Дар фаровард раиси Шурои бонувони Бонки миллии Тоҷикистон-муовини раиси Бонки миллӣ Назирӣ Гулбаҳор Назир изҳор намуд, ки яке аз масъалаҳои калидии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбарӣ ва таъин намудани кадрҳои ҷавону болаёқат аз ҳисоби занону духтарон ба вазифаҳои роҳбарикунанда ташкил дода, дар оянда метавонанд, баҳри рушди соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ саҳми назаррас дошта бошанд.

***Муҷебуллоев Ҳ.***

## Танзими анъана ва ҷашну маросим дар оила мусоидаткунандаи зиндагии шоиста

Бо мақсади татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар Бонки миллии Тоҷикистон Комиссияи ҷамъиятӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим фаъолият мекунад, ки роҳбарии онро раиси Бонки миллии Тоҷикистон ба уҳда дорад.

Асосҳои ташкил ва фаъолияти Комиссияи ҷамъиятии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим аз Низомномаи Комиссияи ҷамъиятӣ сарчашма мегирад, ки Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва тибқи "Низом-



**Фариштамоҳи Раҷаб**

номаи намунавии комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, №96 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Комиссияи ҷамъиятӣ дар фаъолияти худ муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

Вазифаҳои асосии Комиссияи ҷамъиятӣ риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз ҷониби кормандони Бонки миллии Тоҷикистон ва андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати пешгирии қонунвайронкуниҳо дар ин самт мебошад. Комиссияи ҷамъиятӣ дар фаъолияти худ маросими аз ҷониби кормандони дастгоҳи марказӣ ва шуъбаҳои минтақавӣ гузарондашударо дар дафтарҳои сабти маъракаҳо қайд менамояд. Комиссияи ҷамъиятӣ дар асоси нақшаи корӣ фаъолият мекунад, ки он аз ҷониби раиси Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ шуда, ҳар семоҳа оид ба иҷрои бандҳои дахлдори он ба Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот манзур карда мешавад. Маврид ба таъкид аст, ки соли 2023 ҳамаи бандҳои нақшаи кории Комиссияи ҷамъиятӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим иҷро шуда, аз натиҷаи он тибқи муқаррарот ҳисобот пешниҳод шудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон ба амалӣ намудани корҳои хайру эҳсонкорӣ низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Амалҳои хайру саховат ва эҳсонкорӣ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ аз сарфаю сариштакории занон-модарони мо сарчашма мегирад. Албатта, сарфаю сариштакорӣ ва ҳимояи дороии мардум самараи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" мебошад, ки натиҷаҳои мусбати онро имрӯз ҳар як сокини мамлакат, бахусус мо занону бонувон дар рӯзгори оилаи худ возеҳ дида истодаем.

Тавре ***Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо аҳли ҷамоатчиёни мамлакат оид ба "Танзими расму оинҳо ва анъанаву маросимҳои миллӣ" 24-уми майи соли 2007 иброз намуданд, то расму оин ва маросимҳои милливу динии худро то ба як низоми муайян надарорем ва хароҷоти беҳудаи мардумро аз байн набарем, ба қабулу татбиқи барномаҳои давлатӣ ва сарфи маблағҳои зиёд дар масъалаи паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ба натиҷаҳои дилхоҳу назаррас ноил шуда наметавонем.*** Ҳамзамон Пешвои миллат қайд намуданд, ки қисме аз мардуми мо бо сабабҳои зоҳирпарастии беасос ва дар иҷрои маросимҳо, маъракаҳо пойбанди таассуби хурофот будани худ ба амалҳое даст мезананд, ки дар ягон гӯшаи дигари олам ба назар намерасад.

Аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" 16 сол сипарӣ шуд ва хизмати умдатарини Қонуни мазкур дар он зуҳур меёбад, ки Қонун пеш аз ҳама мафкураи мардумро дар баргузории маъракаҳои хурсандӣ ва таъзия дигар намуд. Мавриди амал қарор гирифтани ин Қонун имкон дод, то дар шароити ҷаҳонишавӣ ва буҳрони молиявии ҷаҳонӣ манфиати аҳолии мамлакат то андозае ҳимоя гардида, ба нигоҳ доштани захираҳои пулии онҳо дар бонкҳо мусоидат намояд. Дар ин замина тибқи маълумоти оморӣ баъди қабули Қонуни мазкур захираҳои пулии мардум дар бонкҳо беш аз 20 баробар афзоиш ёфта, анъанаи гирифтани қарз ба хотири баргузории тӯю маросимҳои гуногун қариб ки аз байн рафтааст.

Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро, ки дорои манфиати умумимиллист, таҳти назорати қатъӣ қарор хоҳад дод.

Пас моро зарур аст, ки андеша намоем, ки аз маблағи умумии сарфашудаи маъракаҳои танзимшуда тавонем барои оила ва фарзандони худ шароити хуби зиндагӣ фароҳам оварем, амалҳои хайру эҳсонкорӣ анҷом диҳем, дар ободии маҳалли зист, бунёди муассисаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва ободонии диёр иқдом намуда, саҳми шоистаи худро баҳри ободии Ватани хеш гузорем. Набояд фаромӯш сохт, ки ҳар қонуне, ки ба тасвиб мерасад, ба беҳбудӣ ва рушди иҷтимоии давлат равона мегардад. Чун зиндагии ободу осуда мехоҳем, пас, биёед исрофкор набошем ва қабл аз ҳама Қонунро риоя намоем!

# БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ ДАР НИЗОМИ БОНКӢ - ОМИЛИ МУСОИДАТКУНАНДАИ ЭЪТИМОД, УСТУВОРӢ ВА ФАРОГИРӢ



**Қурбоналиева Н.М. –** иқтисодчӣ, дорандаи сертификати "Барномаи Бонкдории бонувони ҷаҳон, пешбурд ва гуногунӣ барои танзимгарон – 2023"

**Таҷибаева Д.** - коршинос дар самти гендер

**Нахуст бо таваҷҷуҳ ба масоили баланд бардоштани нақши зан дар ҷомеа, аз суханҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқтибос меорем: «Дар ҳама иқдом ва дастовардҳои таърихӣ хидмати занону модарон, ки ақлу заковаташон таҷассуми маънавиёти гаронбаҳои халқи куҳанбунёди мо мебошад, басо бузург аст.»**

**Қобили қайд аст, ки аз замони ба даст омадани истиқлолияти кишварамон барои баланд бардоштани нақши занон дар пешрафти ҷомеаи муосир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд стратегию барномаҳои дахлдор қабул намуд, ки бонувон бо татбиқи самараноки онҳо дар рушди соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат саҳми назаррас гузошта истодаанд.**

**Дар партави сиёсати созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа равона карда шудааст, низоми бонкии кишвар ҳамчун такондиҳандаи рушди иқтисодиёт, ба самти татбиқи сиёсати баробарии гендерӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.**

Имрӯз бо эътимоди комил метавон гуфт, ки дар доираи амалӣ намудани Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, яке аз афзалиятҳои рушди сармояи инсонӣ ин таъмини баробарии гендерӣ пешбинӣ шудааст ва ба ин васила низоми бонкии кишвар дар татбиқи он фаъол мебошад.

Дар робита ба ин, ҷиҳати пешбурди сиёсати баробарии гендерӣ мутобиқ ба таҷрибаи ҷаҳонӣ соли 2023 созишномa миёни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ба имзо расид. Дар ин замина ва доштани узвият дар Алянс барои фарогирии молиявӣ (Alliance for Financial Inclusion) Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи Нақшаи чорабинии Денарау оид ба маблағгузории фарогири гендерӣ[1] нақшаи амали дохилиро (аз 29 апрели соли 2023, №851а/13.1) ба тасвиб расонид. Ҳуҷҷати мазкур самтҳои такмили низоми ҷамъоварии маълумот аз руйи хизматрасонии бонкӣ бо тақсимбандии мансубияти ҷинсӣ, мусоидат ба гуногунии гендерӣ дар ҷойи кор, ҳамгироии равишҳои гендерӣ дар ҷараёни омодасозии кормандони бахши бонкӣ, баланд бардоштани сатҳи

1. Нақшаи чорабинии Денарау оид ба маблағгузории фарогири гендерӣ ин ухдадории шабакаи Алянс барои фарогирии молиявӣ (AFI) ҷиҳати рафъи фарқияти гендерӣ дар фарогирии молиявӣ буда, соли 2016 тасдиқ шудааст.

тахассуси онҳо ва ғайраро дар бар мегирад, ки татбиқи ин тадбирҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани фарогирии бонувон мусоидат менамояд.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо назардошти икдоми пешагирифта, дар Форуми глобалии Алянс барои фарогирии молиявии соли 2023 дар самти рушди хизматрасониҳои молиявӣ барои занон, ба ҷоизаи “Сафир оид ба маблағгузории фарогирии гендерӣ” сазовор гардид.**

### МУҲИММИЯТИ БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ ДАР НИЗОМИ БОНКӢ

Мусаллам аст, ки баробарии гендерӣ яке аз масоили глобалӣ буда, коршиносон ва муҳаққиқон оид ба муҳиммияти он дар таъмини рушди фарогири иқтисодиёт дар заминаи тадқиқотҳои мухталиф ибрози ақида намудаанд. Масалан, тадқиқоти Институти бозорҳои ҷаҳонии Goldman Sachs нишон медиҳад, ки рафъи фарқияти гендерӣ дар самти дастрасӣ ба қарз метавонад суръати рушди кишварҳои рӯ ба инкишофро 1,1 фоиз беҳтар намояд.

**Тавре маълум аст, мавҷудияти баробарии гендерӣ дар низоми бонкӣ ҳамчун пешниҳодкунандаи хизматрасонии молиявӣ ба талаботи маҳсулотҳои молиявӣ низ таъсири мусбӣ расонида, метавонад ба рушди иқтисодиёт мусоидат намояд.**

Тибқи гузориши McKinsey[2] дар соли 2020 ташкилотҳое, ки бо зиёда аз 30 фоиз роҳбарони зан фаъолият мекунанд, иқтидори бештари созандагӣ доранд. Ба ҳамин монанд, дар соли 2019, муайян кардаанд, ки ширкатҳои бидуни зан дар муқоиса бо ширкатҳое, ки ҳадди аққал як зан дар раёсат доранд, 19 фоиз камтар фоида ба даст овараданд. Шумораи нисбатан зиёди занон дар вазифаҳои роҳбарӣ дар бонкҳо ва ширкатҳои хизматрасонии молиявӣ имкон медиҳад, ки ғояҳои тоза пешниҳод шаванд, дурнамои навро таҳия ва тамоюлҳои инноватсиониро пайгирӣ намоянд. Бо дарки ҳамаҷонибаи ин далелҳо, ташкилотҳо бештар ба гуногунӣ ва фарогирии гендерӣ афзалият медиҳанд.

Илова бар ин, муҳаққиқ (Galletta, 2021) бо такя ба таҳлили эмпирикӣ (OLS ва probit regression) аз рӯйи 880 нишондоди бонкии 48 кишвари ҷаҳон барои давраи солҳои 2011-2019 ба чунин хулоса омад, ки бо зиёд гардидани теъдоди занони роҳбарикунанда дар низоми бонкӣ фаъолияти молиявию экологии онҳо беҳтар мегардад. Ин падидаро муаллиф бо назардошти хислатҳои гуногун, аз қабили малакаи хуби шабакавию иҷтимоӣ, ки барои коҳиш додани номуайяниҳои марбут ба фазои берунӣ рабт намуда, инчунин мониторинг ва назорати фаъолияти ташкилотро омили муҳимми ҳалли мушкилот меҳисобад. Дар баробари ин, ӯ ғояҳои таҷрибаи беҳтарин[3], ки зиёд гардидани гуногунӣ дар сатҳи баровардани қарор (шуро) боиси афзоиши назарраси нишондиҳандаҳои устувориро дастгирӣ намуда, гуногуниро омили мусоидаткунандаи беҳтар гардидани вазъи иҷтимоӣ арзёбӣ намудааст. Занони дорои таҷрибаи мухталифи идоракунӣ метавонанд ба талаботи ҷонибҳои манфиатдор таъсир расонанд. Ба ин васила, дар равишҳои муносибатҳои ҷонибҳои манфиатдор рафтор (ethnics) ва тиҷорати (business) синергетикиро ҳамчун масоили зарурӣ далел овардааст.

Дар мақолаи илмии дигар (Cardilloandetc., 2021) бо тадқиқоти эконометрикӣ дар заминаи маълумоти 84 бонки Аврупо солҳои 2005-2017 натиҷагирӣ шудааст ва дар он омадааст, ки бо зиёд гардидани гуногунии гендерӣ ба 1 фоизи инҳирофи стандартӣ дар шурои бонкҳо, эҳтимолияти андозаи дастгирии давлатӣ (bailout) 2,44 фоиз кам мегардад. Инчунин, ин ҳолат ба фаъолияти бонк, даромаднокии дороиҳо ва Tobin’s Q бо таносуби пардохти ди-

2. https://www.mckinsey.com/featured-insights/diversity-and-inclusion/diversity-wins-how-inclusion-matters
Does boardroom gender diversity decrease credit risk in the financial sector?

3. Дар заминаи далелҳои Chartered Institute of Personnel and Development (CIPD), 2015 ва European Central Bank, 2020

виденд таъсири мусбат дорад, ки инро дар беҳтар гардидани мониторинг дар бонкҳо ҳамчун фарзия шарҳ додааст. Далелҳои ин матлаб барои таъмини суботи молиявӣ ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

Масоили баробарии гендерӣ бо таври муфассал дар таҳқиқоти Хазинаи Байналмилалии Асъор (IMF, 2022) бо асоснокии таҳлилҳои дар ин ҷода овардашуда собит карда шудааст, ки коҳиш додани тафовути гендерӣ ба рушди иқтисодиёт, зиёд гардидани ҳосилнокии қувваи корӣ, коҳиш додани нобаробарӣ ва беҳтар гардидани некуаҳволии аҳолӣ мусоидат менамояд. Инчунин, дар ин мақола дар асоси ақидаҳои як қатор муҳаққиқон зикр карда шудааст, ки бо коҳиш додани тавофути гендерӣ устувории иқтисодиёт нисбати зарбаҳои беруна беҳтар гардида, минбаъд тавозуни пардохт тавассути баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва истеҳсолу содироти молҳои кишвар афзун мегардад. Илова ба ин, **фарогирии бештари занон аз ҷониби таъминкунандагон ва танзимкунандагони молиявӣ ба суботи низоми бонкӣ таъсири мусбат расонида, зиёд гардидани занони роҳбарикунанда дар муассисаҳои молиявӣ ба кам шудани қарзҳои ғайрифаъол ва устувории молиявӣ боис мегардад.**

Ҳамчунин, дар асоси арзёбии маълумоти бонкҳо ва муассисаҳои молиявии номбаршуда дар 20 кишвари ҷаҳон аз соли 2006 то 2017[4] муайян карда шуд, ки намояндагии занон дар шурои директорон хусусияти хавфи қарзии бонкро хеле коҳиш медиҳад. Ин натиҷаҳо баҳсҳои тулониеро дастгирӣ мекунанд, ки шуроҳои директорони занон дар бахши бонкӣ нисбат ба шуроҳои мардона дар идора ва кам кардани хавфҳои қарзии мушаххаси бонк қодиртаранд. Ин тадқиқот минбаъд нақши назарияи оммавии интиқодӣ дар гуногунии гендерӣ дар шуроҳо ва муносибатҳои хавфи қарзии мушаххаси бонкро санҷида, муайян мекунад, ки доштани се ё зиёда зан дар шурои директорон хавфи қарзии мушаххаси бонкро дар бахши бонкӣ ба тарви назаррас коҳиш медиҳад.

**Тавре аз таҳлилҳои муҳаққиқону коршиносони касбӣ бармеояд, зиёд гардидани бонувон дар низоми молиявӣ ба рушди иқтисодиёт, фарогирии молиявӣ ва суботи молиявӣ мусоидат менамояд.**

## МУВОЗИНАТИ ГЕНДЕРӢ ДАР НИЗОМИ МОЛИЯВИИ ҶАҲОН

Қайд кардан бамаврид аст, ки шумораи занон тақрибан нисфи аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳад ва истифодаи маърифату касбияти онҳо дар бахшҳои мухталифи иқтисодиёт, бахусус дар низоми молиявӣ ба беҳтар гардидани фарогирии молиявӣ, рушди иқтисодиёт, баланд гардидани некуаҳолии мардум ва коҳиш ёфтани сатҳи нобаробарӣ дар ҷомеа сабаб мегардад.

Тибқи тадқиқоти OMFIF, ки соли 2023 миёни 186 бонкҳои марказӣ, 50 бонки тиҷоратӣ, 50 фонди нафақавӣ гузаронида шуд, маълум гардид, ки нисбат ба солҳои охир намояи мутавозунии гендерӣ дар ин ташкилотҳо дар маҷмуъ ҳамагӣ 1-2 банди фоизӣ беҳтар гардида, феълан дорои чунин рақамҳо мебошанд: бонкҳои марказӣ ва тиҷоратӣ аз 100 ҳамагӣ 50 хол, фондҳои нафақавӣ 50 хол ва фонди нафақавӣ 23 хол.

Дар ҳисоботи дигар, Deloitte барои соли 2022 муаллиф қайд намудааст, ки дар соли 2021 занон дар ташкилотҳои хизматрасонии молиявӣ 21 фоиз дар шурои директорон, 19 фоиз дар вазифаҳои роҳбарикунанда ва 5 фоиз дар мансаби директорони генералиро ташкил медоданд. Дар низоми бонкии Британияи Кабир шумораи занони роҳбарикунанда аз 1,7 фоиз дар соли 2021 то 9,7 фоиз дар соли 2020 зиёд гардид. Ин нишондиҳанда дар доираи мақсадҳои гузоштаашудаи Агентии назорати молиявӣ (FCA) - таъмини гуногунии гендерӣ таъмин гардид: на камтар аз

4. https://www.sciencedirect.com/science/article/abs/pii/S1042443121000664
Board diversity and financial fragility: Evidence from European banks
https://www.sciencedirect.com/science/article/abs/pii/S1057521916301879

40 фоизи шурои директоронро занон ва на камтар аз 1 нафари вазифаи баланди шурои директоронро бояд бонувон ташкил диҳанд. Инчунин талаботи “риоя ва тавзеҳ”-ро ҷорӣ намуд, ки тибқи он ташкилот бояд маълумот оид ба ноил гардидани ҳадафҳои гузошташударо эълон намояд ва дар ҳолати баръакси он сабабҳояшро шарҳ диҳад.

## БОНУВОН ДАР НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Низоми бонкии кишвар тайи солҳои охир бо мақсади беҳтар намудани вазъи гендерӣ дар фаъолияти худ чораҳои самаранок андешид, ки дар натиҷа шумораи занон дар тамоми сатҳи фаъолият тамоюли зиёдшавӣ дорад. Барои мисол, агар ҳиссаи кормандони занони низоми бонкӣ дар соли 2018 ба 33,0 фоиз баробар гардида бошад, дар интиҳои августи соли 2023 ин нишондод аллакай ба 40,0 фоиз расид ва тавофути шумораи занон нисбат ба мардон тадриҷан коҳиш ёфт (диаг.1).

Бо мақсади муайян кардани сатҳи баробарии гендерӣ дар низоми бонкӣ ва возеҳ намудани масъалаҳои марбута тавассути гузаронидани пурсишнома миёни 16 бонк, 1 ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ ва 19 ташкилоти амонатии қарзии хурд, ки 89,5 фоизи бозори молиявиро аз ҳисоби дороиҳо ташкил медиҳад, таҳлилҳои сифатӣ гузаронида шуданд.

**ДИАГ.1.** ТАМОЮЛИ ЗИЁДШАВИИ ШУМОРАИ ЗАНОН НИСБАТ БА ҲАҶМИ УМУМИИ КОРМАНДОН ДАР НИЗОМИ БОНКӢ




**Сарчашма**: Бонки миллии Тоҷикистон

Таҳлили болозикр нишон дод, ки бонувон дар тамоми зинаҳо фаъолият намуда, ин нишондиҳандаҳо дар қиёс ба нишондиҳандаҳои кишварҳои дигар наздик мебошанд. Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки дар байни онҳо занони соҳибкасбу ботаҷриба ва дорои қобилияти баланди қарорқабулкунӣ (decision making) низ мавҷуданд (диаг. 2), ки ин бешубҳа барои рушди босуботи фаъолияти ташкилот, фарогирии молиявии занон ва ҷорӣ намудани хизматрасонии муосири молиявӣ такони ҷиддӣ медиҳад.

Таҳлилҳои гузаронидашуда бори дигар исбот намуданд, ки дар давраи баррасишаванда аз шумораи умумии кормандони ҷалбшуда 47,0 фоизро занон ташкил дода, шумораи умумии кормандони дар ташкилотҳои қарзӣ фаъолиятдошта, ки вазифаашон баланд карда шудааст, 42,0 фоизашон зан мебошад.




аз шумораи умумии кормандони ҷалбшуда




аз шумораи умумии кормандони ба вазифаи баландтар гузаронидашуда

**ДИАГ.2.** ҲИСОБИ МИЁНАИ САҲМИ БОНУВОН ДАР ШУМОРАИ УМУМИИ КОРМАНДОН




**Сарчашма**: натиҷаи тадқиқот

Яке аз механизми калидии дастгирии бонувон дар самти баланд бардоштани вазифаи кормандон дар низоми бонкӣ ин боло бурдани донишҳои тахассусӣ ва сатҳи касбии онҳо буда, дар ин ҷода дар нимсолаи якуми соли 2023 аз 7 147 нафар мутахассис, 50,6 фоиз зан ба курсҳои омӯзишии семинар, вебинар ва ғайра фаро гирифта шуданд.

Ҳамчунин, ҷамъбасти таҳлилҳо нишон дод, ки 60,7 фоизи ташкилотҳои қарзӣ-респондент барои кормандони зан барномаи махсуси истеъдод ва рушд, (масалан, тренинг, менторинг, ротатсия, омӯзиши менеҷмент) татбиқ намудаанд, ки ин нишондоди ниҳоят хуб ба ҳисоб меравад.

Инчунин, аксарияти бонкҳо барои пешбурди баробарии гендерӣ ва баланд бардоштани мақоми занон аз сиёсати корпоративӣ ё стратегияи сатҳи баланд кор мегиранд, ки ин бевосита аз таваҷҷуҳи хоси ташкилотҳои қарзӣ ба масъалаи баробарии гендерӣ гувоҳӣ медиҳад.




аз шумораи умумии ба омӯзиш фарогирифташуда




дорои барномаи махсуси истеъдод ва рушд барои занон




дорои сиёсати корпоративӣ ё стратегияи сатҳи баландро барои пешбурди баробарии гендерӣ

**ДИАГ.3.** ОМӮЗИШ ВА ПЕШБАРИИ КОНСЕПСИЯ ОИД БА БАРОБАРИИ ГЕНДЕРӢ




Илова бар ин, маълум гардид, ки аз ҷониби ташкилотҳои мазкур омӯзиши кулли кормандон оид ба (1) консепсияи баробарии гендерӣ ва парвандаи тиҷории натиҷавӣ, инчунин (2) омӯзиш ва пешбарии менеҷерон оид ба усулҳои одилона, баробар ва фарогирандаи гендерӣ ба роҳ монда шудааст ва он дар маҷмуъ чунин баҳогузорӣ гардидааст. (Диаг. 3.)

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки вобаста ба дастгирии молиявии бонувон дар ҳолати нигоҳубини кудакон, таъкид шуд, ки кор дар ин самт дар заминаи қонунгузорӣ амалӣ гардида, дар ин самт ягон мушкилӣ ба чашм намерасад. Дар баробари ин, аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ[5] бо назардошти дастовардҳои ноилгардида дар таҳкими заминаи қонунгузорӣ ва ба қишри ҳимояи қонунӣ дохил шудани занон, баланд баҳогузорӣ шудааст.

## ХУЛОСА

Таҳлилҳо собит месозанд, ки низоми бонкии кишвар бо дарки нақши занон дар таъмини устуворӣ, фарогирӣ ва эътимод сиёсати худро дар баробарии гендерӣ тақвият дода, нисбати ҷалби бонувон ба тамоми самтҳои фаъолият чораандешӣ намуда истодааст. Барои боз ҳам зиёд намудани саҳми занон дар низоми бонкӣ, алалхусус дар сатҳи роҳбарикунанда, баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ ва донишу малакаҳои ба талаботи замон ҷавобгӯ зарур буда, ин аз иқдому иродаи худи бонувон вобаста мебошад.

**Маҳз азбар намудани илми муосиру доштани таҷрибаи ғанӣ омили басо муҳимми рушди босубот ба ҳисоб меравад.**

Дар навбати худ, дар таҷрибаи муассисаҳои молиявии кишварҳои дигар иқдомҳои зерин ҷиҳати зиёд

5. https://documents1.worldbank.org/curated/en/921321638250371738/pdf/Tajikistan-Country-Gender-Assessment.pdf

намудани саҳми бонувон дар ташкилотҳои молиявӣ мавриди амал қарор гирифтанд:

**▶ Тағйир додани мухтавои эълонҳо барои ҷалби кормандон.**

Муассисаҳои молиявӣ ҳангоми ҷалби кормандон барномаҳои худро бознигарӣ карда, мухтавои эълони қабули мутахассисонро тағйир додаанд. Ҳангоми таблиғот "рухсатии ибтидоии нигоҳубини кудак" ва "рухсатии нигоҳубини иловагӣ" ва таблиғи кори гибридӣ (онлайн ва офлайн) ҳамчун стратегияи кадрӣ, ки асосан ба занон нигаронида шудааст, мавриди амал қарор доданд.

**▶ Ҷорӣ гардидани реҷаи кории чандир ва формати гибридии корӣ.**

Бинобар сабаби он ки аксарияти занон ухдадориҳои хонаводаро ба душ мегиранд, ба онҳо бештар имконоти формати гибридии корӣ додаанд. Тибқи тадқиқоти гузаронидашуда дар соли 2021 аз ҷониби Catalyst[6] - созмони ҷаҳонии ғайритиҷоратӣ, ки мақсади он пешбурди занон дар ҷои кор мебошад, ин ақидаро тасдиқ кардааст, ки 93 фоизи кормандон худро ҳамчун дохил шудан ба муҳити корӣ, ки реҷаи кории онлайн ва чандирро пешниҳод мекунанд, эҳсос менамоянд.

**▶ Таҳияи барномаҳои менторӣ.**

Ташаббуси менторӣ тақвият додаанд, ки ин метавонад ба занон дар тули рушди касбӣ дар соҳаи бонкӣ ва молия кумак расонад. Ин имконияти васеъ намудани доираи шабакавӣ фароҳам меорад, ки барои машварат ва дастгирии касбӣ ба ашхосон муроҷиат кунад. Барномаҳои расмии менторӣ: барои дарёфти роҳҳои мушаххаси рушди касбӣ ва зиёд гардидани занони роҳбарикунанда мусоидат менамояд.

**▶ Фарҳанги ҳассоси гендерӣ.**

Сиёсат, фарҳанг ва шеваи роҳбариро ҳамчун қувваи пешбаранда дониста, самтгирӣ ва омӯзиши кормандони нав бо таҷрибаи андухташуда, махсусан аз ҷониби роҳбарият, роҳи муассири ба эътидол овардани фарҳанги фарогирӣ ва имкониятҳоро мавриди амал қарор доданд.

**▶ Барномаҳои махсус барои бозгашт ба кор.**

Дар ибтидои солҳои 2000-ум, Уолл Стрит яке аз мушкили маъмулро пай бурд, ки занон ҷойҳои кориро дар миёнаи касб тарк карда, имконияти номзадҳоро ба мансабҳои роҳбарикунанда кам менамуд. Lehman Brothers ва Goldman Sachs яке аз аввалинҳо буданд, ки ҳалли мушкилоти худро дар шакли барномаҳои расмии бозгашт пешниҳод карданд ва дар он ҷо онҳо дарёфтанд, ки ғараз нисбати онҳое, ки танаффус мегиранд, беасос аст. Барномаҳои дубора ворид шудан як роҳи таъмини ширкатҳои хидматрасонии молиявӣ бо истеъдодҳо барои беҳтар кардани гуногунии гендерӣ дар идоракунии сатҳи миёна ва болоӣ мебошанд. Барномаҳо инчунин ба кормандон хабар медиҳанд, ки танаффуси тӯлонии касб, малака ва таҷрибаи онҳоро кӯҳна намекунад.

Дар маҷмуъ механизму воситаҳои пешниҳодшудаи дигар кишварҳо боиси таваҷҷуҳ буда, амалигардии онҳо бевосита ба баробарии гендерӣ дар низоми бонкӣ мусоидат хоҳад намуд.

6. https://www.catalyst.org/reports/remote-work-burnout-productivity/

**Адабиётҳо:**


- Cardillo G., Onali E., Torluccio G. "Does gender diversity on banks' boards matter? Evidence from public bailouts" Journal of Corporate Finance. Volume 71, December 2021.
- Galetta S., Mazzu S., Naciti V., Vermiglio C.Research Article "Gender diversity and sustainability performance in the banking industry", Corporate Social Responsibility and Environmental Management. Volume 29, Issue 1. January 2022, page 161-174.
- IMF. Strategy, Policy and Review Department."IMF Strategy toward mainstreaming gender background paper". July 2022.
- Official Monetary and Financial Institutions Forum (OMFIF). Gender Index Balance 2023. 10th edition.

# ФЕСТИВАЛИ “САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ” ДАР ХАТЛОНУ СУҒД



**Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар вилоятҳои Хатлону Суғд бо иштироки намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ, суғуртавӣ ва шарикони рушди маҳаллӣ ва хориҷӣ фестивали "Саводнокии молиявӣ" гузаронида шуд.**

Фестивали "Саводнокии молиявӣ" дар шаҳри Бохтар дар 3 қисм баргузор шуд. Қисмати аввали онро муовини раиси вилояти Хатлон Сулаймонзода Акрам Раҳим ифтитоҳ намуда, оид ба моҳияти саводнокии молиявии аҳолӣ, зарурияти баланд бардоштани сатҳи он дар назди ҳозирин баромад кард.

Дар идомаи кори фестивал муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ дар бораи иҷрои корҳо ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои пешбининамудаи “Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026” ва нақши саводнокии молиявӣ дар рушди низоми бонкии мамлакат суханронӣ намуд.

Дар ин раванд як зумра мутахассисони соҳаи бонкӣ, соҳибкорони муваффақ ва намояндагони ширкатҳои хориҷӣ дар мавзуъҳои гуногун вобаста ба саводнокии молиявӣ андешаҳои ҷолиби худро иброз









доштанд.

Аз ҷумла, дар мавзуъҳои “Маърифати молиявӣ ва зарурати он” - директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,



доктори илмҳои иқтисод, профессор Шариф Раҳимзода, “Пардохтҳои ғайринақдӣ ва роҳҳои пешгирии амалҳои қаллобони молиявӣ” - муовини сардори идора – сардори шуъбаи таҳлил ва рушди хизматрасониҳои молиявии рақамии Бонки миллии Тоҷикистон Фурқат Раҳматов, “Таъсири меъёрҳои иҷтимоӣ ба рафтори молиявӣ” роҳбари Корпоратсияи байналмилалии молиявии Бонки Ҷаҳонӣ Фарух Султонов, “Бехатарии молиявӣ” директори генералии ширкати мобилии “О-мобайл” Фирдавс Зеваров ва дар мавзуи “Низоми суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” муовини сардори идора – сардори шуъбаи назорати ташкилотҳои суғуртавии идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон Бобурхон Бобоев бо рӯнамоҳои муфассал баромад намуданд.

Бо мақсади ҷолибу хотирмон гузаштани форуми “Саводнокии молиявӣ” ҳаҷвнигорони шинохта дар чорабинӣ дар



мавзуъҳои молия ва қарз саҳначаҳои ҳаҷвӣ намоиш доданд.

Қобили қайд аст, ки дар анҷоми қисми якуми фестивал миёни иштирокчиёни он саволу ҷавоб сурат гирифт ва ба фаъолон тӯҳфаҳои хотиравӣ, ки аз ҷониби шариконы рушд пешниҳод гардида буданд, тақдим карда шуд.

Дар форуми мазкур зиёда аз 500 нафар, аз ҷумла хонандагон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ, устодону донишҷӯёни мактабҳои олӣ, кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва намояндагони ташкилотҳои хориҷӣ иштирок намуданд.

Дар қисмати дуюми фестивал дар майдони нишони давлатии шаҳри Бохтар “Намоиши маҳсулоти молиявӣ ва суғуртавӣ” баргузор гардид, ки дар он ташкилотҳои қарзии молиявӣ, суғуртавӣ ва соҳибкорони инфиродӣ



маҳсулоти молиявӣ ва истеҳсолии худро ба маърази тамошои иштирокчиён гузоштанд. Дар ҷараёни намоиш дар

саҳнаи асосии майдони театр намояндагони ташкилотҳои қарзӣ ва суғуртавӣ барои иштирокчиён бозиҳои зеҳнӣ ташкил карданд ва ба ғолибон туҳфаҳои арзанда тақдим намуданд. Инчунин, аз ҷониби маркази дилхушии кӯдаконаи “Синбод парк” барои кӯдакон ва наврасон бозиҳои зеҳнӣ,





саволу ҷавобҳо, кроссвордҳо ва дигар машғулиятҳои шавқовар гузаронида шуд.

Дар қисмати сеюми фестивал, чорабинии фарҳангӣ баргузор гардид, ки дар он сарояндагони эстрадаи тоҷик бо суруду таронаҳои хеш ҳунарнамоӣ ва табъи иштирокчиёни фестивалро болида гардониданд.

Маврид ба таъкид аст, ки аз баргузории фестивали “Саводнокии молиявӣ” дар шаҳри Бохтар тавассути шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Instagram зиёда аз 1 млн. 500 ҳазор нафар огаҳӣ пайдо намуда, 8000 нафар бевосита ширкат варзиданд.




Бояд қайд кард, ки чунин Фестивали саводнокии молиявӣ дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд низ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон баргузор карда шуд. Он дар Театри давлатии мазҳакаи мусиқии ба номи Камоли Хуҷандии шаҳри Хуҷанд бо иштироки намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ, суғуртавӣ ва шарикони рушд, аз ҷумла шарикони маҳаллӣ ва хориҷӣ дар фазои тантанавӣ баргузор гардид.

Кори фестивалро дар ин минтақа муовини раиси вилояти Суғд Анвар Яъқубӣ ифтитоҳ намуда, аз зарурати баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ суханронӣ намуд. Баъдан, муовини раиси Бонки








миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ дар бораи раванди татбиқи ҳадафҳои пешбинина-



мудаи “Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026” ва нақши саводнокии молиявӣ дар рушди низоми бонкии мамлакат дар назди ҷамъомадагон маърӯза намуд. Инчунин мутахассисони соҳаи бонкӣ, соҳибкорони муваффақ ва намояндагони ширкатҳои хориҷӣ дар мавзуъҳои гуногун марбут ба саводнокии молиявӣ суханронӣ ва оид ба таҷрибаи андӯхтаашон андешаҳои худро изҳор намуданд.

Дар қисмати дигари фестивал дар майдони Театри давлатии мазҳакаи мусиқии ба номи Камоли Хуҷандӣ “Намоиши маҳсулоти молиявӣ ва суғуртавӣ” баргузор гардид. Дар он ташкилотҳои қарзии молиявӣ, суғуртавӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва кӯдакони соҳибкор маҳсулоти молиявӣ ва истеҳсолии худро ба иштирокчиён муаррифӣ намуданд.

Дар қисмати охири фестивал сарояндагони шинохтаи



эстрадаи тоҷик сурудхонӣ карданд. Бино ба маълумоти созмондиҳандагони ин чорабинӣ, тавассути шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Instagram зиёда аз 1 млн. 200 ҳазор нафар дар бораи баргузории фестивали “Саводнокии молиявӣ” дар шаҳри Хуҷанд огаҳӣ пайдо намуда, 6 000 нафар иштироки бевосита доштанд.

Мавриди зикр аст, ки 14 декабри соли 2023 чунин Фестивали саводнокии молиявӣ дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон низ баргузор гардид. Фестивали мазкур дар фазои тантанавӣ бо иштироки намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ, суғуртавӣ ва шарикони рушд, аз ҷумла шарикони маҳаллӣ ва хориҷӣ ва теъдоди зиёди сокинон доир шуда, барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии аҳолӣ мусоидат намуд.

Дар фестивали “Саводнокии молиявӣ” дар шаҳри Кӯлоб зиёда аз 3 000 нафар бевосита



иштирок намуда, дар бораи баргузории чорабинии мазкур тавассути телевизион, радио инчунин, шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Instagram зиёда аз 1 млн. нафар огаҳӣ пайдо намуданд.

**Таҳияи А.Мӯминов**

# МОДЕЛИ МОНЕТАРӢ ВА ТАТБИҚИ ОН ДАР ТАҲЛИЛИ ТАВАРРУМ

**Дар шароити муосир, ки  таъсири омилҳои дохилию берунӣ ба вазъи макроиқтисодӣ бештар ба назар мерасад, масъалаи устувор нигоҳ доштани қобилияти харидории пули миллӣ ва роҳ надодан ба ҳолатҳои ғайриинтизории таваррум муҳим, ҳалталаб ва мубрам боқӣ мемонад.**




**Мирзоев Сайалӣ,**
*номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мутахассиси пешбари пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии Бонки миллии Тоҷикистон*

**Усмонов Муҳридин,**
*мутахассиси пешбари пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии Бонки миллии Тоҷикистон*

Лозим ба ёдоварист, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" ва таъмини иҷрои муқаррароти Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 рушди низоми бонк, аз ҷумла такмили минбаъдаи инфрасохтори пардохти ғайринақдӣ ва нигоҳ доштани сатҳи муътадили таваррумро масъалаи муҳим ва саривақтӣ ҳисобида, як қатор тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намуд, ки дар натиҷа дар соли гузашта нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ хуб арзёбӣ гардида, сатҳи таваррум муътадил нигоҳ дошта шуд.

Аз ин нуқтаи назар таҳқиқи таркиби таваррум ва омилҳои ба он таъсиррасон муҳим арзёбӣ карда, тамоюли тағйирёбии динамикаи нишондиҳандаҳои сатҳи мубодиларо мавриди омӯзиш қарор медиҳем. Дар таҷрибаи байналмилалӣ барои омӯзиши таркиби таваррум усулҳои мухталиф ҷиҳати шарҳи алоқамандии муомилоти пулӣ ва сектори воқеии иқтисодиёт истифода бурда мешаванд. Бо ақидаи доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҷурабоев Ғ.Ҷ. "... барои баҳогузории ҳамаҷониба ва пурра омӯхтани таъсири сатҳи таваррум, суръати миёнамоҳонаи тағйирёбии унсурҳои пулиро истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст" [6. с.20-25.]. Дар иртибот ба гуфтаҳои боло, яке аз усулҳои маъмул ва бештар истифодашаванда модели монетаристии таваррум ба шумор меравад, ки дар асоси таҳлили омилӣ ва арзёбии омории нишондиҳандаҳои таркибии таваррум ҳисоб карда шуда, ҳисса ва таъсири он дар муқоиса бо омилҳои ғайримонетарӣ дар ташаккулёбии таваррум муайян карда мешавад. Барои истифодаи модели монетарӣ ва арзёбии омории динамикаи таваррум, таҳлили омилӣ тамоми нишондиҳандаҳои омории муомилоти пулиро мегузаронем.

Дар ин замина, нишондиҳандаҳои омори макроиқтисодии муомилоти пулӣ ҳисоб карда мешавад, ки аз баробарии Фишер маншаъ гирифта, тибқи назарияи монета-

ристии таваррум дар мавриди ба вуҷуд омадани ҳолатҳои бӯҳронӣ баробарии Фишер халалдор мегардад. Бо ибораи дигар, сабаби ба вуҷуд омадани таваррум якбора зиёд гардидани ҳаҷми пул дар муқоиса бо афзоиши ҳаҷми воқеии мол буда метавонад.

Барои омӯзиши ин ҳолат чанд нишондиҳандаҳои монетарӣ ва ғайримонетариро ҳисоб кардан лозим аст. Тибқи назарияи Фишер, ки аз баробарии мубодила бармеояд, барои муайян кардани алоқамандии гардиши пул бо бахши воқеии истеҳсолот нишондиҳандаҳои макроиқтисодии омории гардиши пулиро ҳисоб намуда, зариб (коэффитсиент) -и ё баробарии сатҳи бо пул таъмин будан (монетизатсия)-и иқтисодиётро аз рӯи формулаи Км=М2/ММД меёбем. Нишондиҳандаи М2 ба мо барои муайян намудани андозаи ҳаҷми пул ба 1 сомонӣ ММД ёрӣ мерасонад. (Ҷадвали 1)

**ҶАДВАЛИ 1. КОЭФФИТСИЕНТИ МОНЕТИЗАТСИЯИ ИҚТИСОДИЁТИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 2018-2022**

| Нишондиҳандаҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|
| ММД бо нархҳои ҷорӣ (млн.сомонӣ) | 68844 | 77354 | 82543 | 98910,7 | 115739,4 |
| Ҳаҷми пул М2, млн. сомонӣ | 15387 | 18937 | 22504,49 | 25265,97 | 36224,0 |
| Коэффитсиенти монетизатсия | 0,223 | 0,244 | 0,272 | 0,255 | 0,312 |

Ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ, с. 2022 (329), с. 2021 (316), с. 2020 (308), с. 2019 (300), с. 2018 (281).

Дар солҳои охир тамоюли ботадриҷ зиёдшавии таъминоти иқтисодиёт ба пул ба ҳисоби миёна ба андозаи 19,2% ташаккул ёфта истодааст, ки ба қонеъ шудани талаботи дохилӣ ва паст гаштани сатҳи таваррум мусоидат менамояд. Аз ин ҷо, метавон хулоса кард, ки сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт омили бавоситаи баҳодиҳӣ ба суръати гардиши пул маҳсуб ёфта, дар ин давра суръати тағйирёбии ин нишондиҳанда мутаносибан 4,5;4,1;3,7;3,9 ва 3,2 маротибаро ташкил додааст.

Мувофиқи талаботи монетарии таваррум, агар сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт, яъне баробарии мубодилаи ҳаҷми пул ва суръати гардиши он дар муқоиса бо сатҳи нархҳо ва миқдори маҳсулоти воқеан истеҳсолшуда риоя нагардад, ҳолати ба вуқуъ омадани боловарии нарх ва ё таваррум ба



вуҷуд меояд. Ба ибораи дигар, агар миқдори пул ва гардиши он аз моли истеҳсолшуда зиёд бошад, дар он ҳолат боловарии нархҳо ва таваррум ба вуҷуд меояд ва ё баръакси он, нобаста аз миқдори пул бо зиёд шудани истеҳсоли мол ва суст гаштани суръати гардиши пул, пастравии нархҳо ва коҳиш ёфтани сатҳи таваррум ба мушоҳида мерасад.

Вобаста ба ин, дар асоси гуфтаҳои боло ва маълумоти омори бонкӣ индекси номиналӣ ва индекси суръати гардиши ҳаҷми пул, индекси ҳаҷми воқеии ММД ва сатҳи таваррумро дар муқоиса бо соли гузашта дида мебароем. Барои таҳқиқи сохтори таваррум таҳлили омилӣ гузаронида мешавад.

Аз маълумоти омори бонкӣ бармеояд, ки сатҳи таваррум нисбат ба соли гузашта 4,2 фоизро ташкил намудааст, ки зери таъсири омилҳои ҷудогона ба вуҷуд омадааст. Татбиқи усули таҳлили омилӣ имкон медиҳад, ки сатҳи таварруми ҳосилгардида ва омилҳои ба он таъсиррасон ошкор карда шаванд. Барои омӯзиши сохтори таваррум динамикаи нишондиҳандаҳои сатҳи мубодиларо барои солҳои 2018-2022 дида мебароем. (Ҷадвали 2)

**ҶАДВАЛИ 2. ДИНАМИКАИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ САТҲИ МУБОДИЛА БАРОИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ ДАВОМИ СОЛҲОИ 2018-2022) (БО % НИСБАТ БА СОЛИ ГУЗАШТА)**

| Нишондиҳандаҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|
| Индекси номиналии ҳаҷми пул $M_2$ ($I_m$) | 110,0 | 123,1 | 118,8 | 112,3 | 143,37 |
| Индекси суръати гардиши ҳаҷми пул ($I_v$) | 102,3 | 57,5 | 89,9 | 106,5 | 77,2 |
| Индекси ҳаҷми воқеии ММД ($I_Q$) | 102,8 | 105,6 | 97,3 | 126,0 | 108,0 |
| Сатҳи таваррум ($I_{p-1}$) % | 5,4 | 8,0 | 9,4 | 8,0 | 4,2 (2,4) |

Ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ, с. 2022 (329), с. 2021 (316), с. 2020 (308), с. 2019 (300), с. 2018 (281).

Аз маълумоти дар ҷадвал овардашуда дида мешавад, ки омили монетарӣ, яъне афзоиши номиналии ҳаҷми пул дар муқоиса ба ҳаҷми воқеии ММД дар давраи таҳлилшаванда ба афзоиши сатҳи таваррум дар иқтисодиёти кишвар таъсир расонидааст, вале суръати рушди бемайлони таваррум аз бисёр ҷиҳат бо паст шудани гардиши ҳаҷми пул нигоҳ дошта шудааст, ки аз дуруст ба роҳ мондани сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

гуногун риоя нагашта, суръати гардиши пул ба мисли ҳаҷми воқеии истеҳсоли мол ва иҷрои хизматрасонӣ муътадил намебошад, аз ин рӯ байни суръати афзоиши ҳаҷми пул ва нархҳо алоқамандии бевосита кам ба назар мерасад.

Новобаста ба ин, баробарии мубодилавиро ба сифати модели динамикии таваррум метавон истифода бурд, ки дар асоси дефлятори ММД чен карда мешавад. Дар асоси маълумоти омори бонкӣ, ки дар ҷадвали 1 оварда шудаанд, сохтори та-

◙ ДИНАМИКАИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ САТҲИ МУБОДИЛА БАРОИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ ДАВОМИ СОЛҲОИ 2018-2022 (БО % НИСБАТ БА СОЛИ ГУЗАШТА)




Қайд намудан зарур аст, ки баробарии мубодилаи монетарӣ омили муътадили таносуби байни ҳаҷми мол ва ҳаҷми пул буда, муътадилии суръати гардиши пулро дар давраи кутоҳмуддат таъмин мекунад ва аз ин бармеояд, ки пешниҳоди пул ба иқтисодиёт бояд ҳарсол бо афзоиш ёфтани суръати ҳарсолаи ММД-и воқеӣ зиёд гардад.

Аммо, мутаассифона талаботи назарияи монетарӣ дар шароити муосири таҳаввулоти иқтисодӣ ва таъсири омилҳои

варрумро дар солҳои 2021-2022 ва динамикаи тағйирёбии онро мувофиқи модели монетаристӣ таҳлил менамоем.

Яъне $I_{p-1} = I_M * I_V * I_Q$ аз инҷо $I_Q^1$ чунин муайян карда мешавад:

$\frac{1}{I_Q} = I_Q^!$; $I_{p-1} = I_M * I_V * I_Q^!$, ки аз инҷо $I_Q^! = \frac{1}{1,08} = 0,93$

1,024=1,43*0,77*0,93 (1,024)

Дар асоси таҳлили омилӣ қисматҳои асосии ташкилдиҳандаи таваррум, ки 2,4 %-ро дар бар гирифтаанд аз ҳисоби омилҳои монетарӣ, боқимонда 1,8% аз ҳисоби омилҳои ғайримонетарӣ мебошад, ки сатҳи таваррум дар ин сол мувофиқи маълумотҳои омори расмӣ ба 4,2% баробар аст. Ин ҳолатро ба асос гирифта, ҳиссаи ҳар як омили монетариро алоҳида дида мебароем.

а) Дар натиҷаи таъсири тағйирёбии ҳаҷми пул:

$I_M - 1 = 1,43 - 1 = 0,43$ ё 43% тавре аз натиҷаи таҳқиқ бармеояд, тағйирёбии ҳаҷми пули дар муомилот буда, танзими он омили муҳим ва бештар таъсиррасон ба ҳолати таваррум дар соли 2021 ба шумор рафта, ҳиссаи он 43%-ро ташкил додааст, ки хеле назаррас мебошад.

б) дар натиҷаи тағйир ёфтани суръати гардиши пул:

$I_M (I_V - 1) = 1,43(0,77 - 1) = - 0,329$ ё -32,9%

Дигар омили таъсиррасон ба раванди таваррум тағйир ёфтани суръати гардиши пул аст, ки ҳиссааш дар сохтори таваррум 32,9%-ро ташкил медиҳад.

в) дар натиҷаи тағйир ёфтани ҳаҷми воқеии ММД:

$I_M * I_V * (I_Q^1 - 1) = 1,43 * 0,77(0,93 - 1) = -0,077$; ё - 7,7%

Тағйир ёфтани ҳаҷми воқеии ММД, ки нишондиҳандаи асосии макроиқтисодии давлат ба шумор меравад, ҳиссааш ночиз буда, ҳамагӣ 7,7%-ро ташкил додааст.

Натиҷаи таъсири се омилро дар якҷоягӣ дида мебароем:

43+(-32,9)+(-7,7)=-2,4%

Натиҷаи таъсири се омил дар якҷоягӣ, ки аз натиҷаи таҳлил ҳосил шудааст, ба 2,4% баробар гардида, тасдиқи худро ёфтааст.

Аз натиҷаи таҳлил бармеояд, ки омили асосии нигоҳ доштани

сатҳи муътадили таваррум дар соли 2022 дар баробари зиёд гардидани ҳаҷми пули нақд дар муомилот, дар ин замина коҳиш ва ё паст шудани суръати гардиши пул ба вуқуъ омадааст.

Ҳамзамон, барои арзёбии омории таваррум ва баррасии он ба сектори истеъмолии иқтисодиёт ба солҳои 2021-2022 рӯй оварда, таҳлили омилиро мегузаронем. Ба сифати нишондиҳандаи ҳаҷми пул унсури пулии М0 истифода гардида, аз рӯйи маълумотҳои омори расмӣ ва омори бонкӣ бузургии миёнаи ҳаҷми пулро аз рӯйи миёнаи хронологӣ меёбем.

$\bar{X}_{(2021)}$ = 19026,59 млн.сом.

$\bar{X}_{(2022)}$ = 25402,55 млн.сом.

Тавре аз сарчашмаҳои оморӣ маълум аст, дар ин давра индекси нархҳои истеъмолӣ ба 100,2% баробар буда, ҳаҷми физикии гардиши чаканаи мол 12,7% афзоиш ёфтааст. Ҳамин тариқ, талафи қисми даромади пулии аҳолӣ дар бозори истеъмолӣ аз ҳисоби таваррум 70,7 млн. сомониро ташкил додааст. Модели монетарии таваррум аз рӯйи маълумоти ҷадвали 2 чунин мешавад:

1.002=1.335*0,846/1,127

$I_Q^1$ = 1/1,127=0.8873

**ҶАДВАЛИ 3. ХАРОҶОТИ ИЛОВАГИИ АҲОЛӢ БО НАЗАРДОШТИ ТАВАРРУМ**

| (млн. сом.) | 2021 | 2022 | Афзоиши мутлақ | Суръати афзоиш | Суръати афзоиш (коэффитсиент) |
|---|---|---|---|---|---|
| Гардиши чаканаи мол | 33259,5 | 39498,4 | 6238,9 | 118,75 | 1,19 |
| Бузургии миёнаи унсури пулии (М0) | 19026,59 | 25402,55 | 6375,96 | 133,51 | 1,34 |
| Суръати гардиши унсури пулии (М0) | 5,2 | 4,4 | -0,8 | 84,61 | 0,85 |

**Сарчашма:** Бюллетени омори бонкӣ, с. 2022 (329), с. 2021 (316), с. 2020 (308), с. 2019 (300), с. 2018 (281).

Дурустии натиҷаи ҳисобро аз рӯйи модели монетарӣ санҷида мебароем:

1.002=1.335*0.846*0.8873

Хароҷоти иловагии пулии аҳолиро бо назардошти болоравии нарх ва ҳолати таваррум аз рӯйи омилҳои алоҳида дида мебароем:

а) тағйир ёфтани пулҳои нақди дар муомилот буда:

33259,5*(1,335-1)=11141,93 млн. сом.

б) тағйир ёфтани суръати гардиши пул:

33259,5*1,335(0,846-1) = -6837,82 млн. сом.

в) тағйир ёфтани ҳаҷми воқеии фурӯши мол ва хизматҳо:

33259,5*1,335*0,846(0,8873-1)=-4233.41 млн. сом.

Ҳамин тариқ, босуръат зиёдшавии даромадҳои аҳолӣ дар муқоиса бо афзоиши нархҳо дар давоми солҳои 2021-2022 имкон дод, ки аҳолӣ 4233,41 млн. сомонӣ маблағҳои худро сарфа намояд. Болоравии нархҳо мутаносибан ба зиёд шудани талаботи аҳолӣ вобаста буда, даромадҳои воқеии аҳолиро ба маблағи 11141,93 млн. сомонӣ коҳиш дод, вале дар баробари ин суст шудани гардиши пул, ки ба афзоиши пасандозҳои аҳолӣ алоқаманд мебошад, сарфаи хароҷоти маблағҳои пулии аҳолиро ба маблағи 6837,82 млн. сомонӣ кам намуд.

Бо натиҷагирӣ аз таҳлили моделии таваррум бояд қайд намуд, ки таъсири ин се омил дар якҷоягӣ: 11141,93-6837,82-4233,41=70,7 млн. сомониро ташкил додааст, ки ба ҳисоби омории дар боло овардашуда мувофиқ буда, талафи қисми даромади пулии аҳолиро дар бозори истеъмолӣ аз ҳисоби таваррум, ки маблағи 70,7 млн. сомониро ташкил додааст, инъикос мекунад.

**Адабиёт**

1. Алиев Б.Х. Деньги, кредит, банки. Учебное пасобие /Б.Х. Алиев, С.К. Идрисова, Д.А. Рабаданова.-М.:Вузовский учебник, Инфра-М., 2018.-288 с.
2. Баско О.В. Совершенствование методики расчета индексов условий банковского кредитования /О.В.Баско, Т.В.Ким/Финансовые исследования.-№3 (44).—с.13-16.
3. Бюллетени омори бонкӣ 2021/12 (224) ва 2022/12(293).
4 Илларионов А.Н. Реальный валютный курс и экономический рост/ А.Н. Илларионов//Вопросы экономики.-2022-№2. 236 с.
5. Матвеева Т.Ю. Макроэкономика: курс лекций для экономистов./Т.Ю. Матвеева НИУ-ВШЭ, 2001.-126 с.
6.Ҷурабоев Ғ.Ҷ. Модели иқтисодӣ-оморӣ ва истифодаи он дар сатҳи таваррум/Ғ.Ҷ. Ҷурабоев//Паёми молия ва иқтисод (маҷаллаи илмӣ-амалӣ) Душанбе-2021.№3(27). – с. 20-25.
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2022.-429с.

# Аз қаллобони интернетӣ

**Бо рушд ёфтани технологияҳои муосир ва пешравии замона интернет имкониятҳои васеъро барои истифодабарандагон фароҳам овард. Дар баробари тораф тавсеа ёфтани шабакаҳои иҷтимоӣ, саҳифаҳои гуногуни тиҷоратӣ хеле ба таври густурда роҳандозӣ шуданд, ки реклама ва таблиғи маҳсулот дар ин саҳифаҳо ба як кори маъмулӣ мубаддал шудааст. Хариду фурӯш тавассути чунин саҳифаҳо ба маротиб осон ва бо сарфаи вақт дастрас шудаанд. Аммо дар баробари зуд ва қулай дастрас кардани молу маҳсулот, ба даст овардани иттилоот ва мубодилаи осони маълумот, интернет паҳлуҳои дигар ҳам дорад, ки аз он қаллобон суиистифода намуда, мардумро фиреб мекунанд. Мутаассифона, чунин ҳолатҳои интернет-қаллобӣ ба Тоҷикистон ҳам даст ёфтааст. Қаллобон роҳҳо ва усулҳои зиёдеро истифода мебаранд, ки бо мурури замон ва пеш рафтани технологияҳои иттилоотӣ мукаммалтар мешаванд. Дар ин ҷо мо чанд роҳу усулҳои истифодаи қаллобони интернетиро барои огоҳӣ доштани хонандагон овардем.**

## ҚАЛЛОБОНИ ИНТЕРНЕТӢ МАЪМУЛАН БО КАДОМ РОҲУ ВОСИТАҲО АМАЛ МЕНАМОЯНД?



### ГИРИФТАНИ МАЪЛУМОТ

Бо роҳи гирифтани маълумоти шахсии мизоҷ оид ба суратҳисоб, корт, ҳамёнҳои электронӣ, ки набояд мизоҷ чунин маълумотҳоро ба шахси сеюм диҳад. Аз ҷониби бонкҳо барои пешгирӣ намудани чунин ҳолатҳо мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешавад. Масалан, тариқи телевизион, шабакаҳои иҷтимоӣ, СМС-пайёмакҳо роҳҳои эмин будан аз ҳолатҳои ба доми фиреби қаллобон афтодан фаҳмонида мешавад.



### ФИШИНГ

Фишинг - ин як роҳи бисёр маъмулӣ барои шароити имрӯз аст, ки бо роҳи ворид шудан ба истинодҳо ва пур кардани анкета, аз истеъмолкунандагон хоҳиш карда мешавад, ки маълумоти шахсиро ворид ва тасдиқ намоянд;

Дар аксар ҳолатҳо шаҳрвандон ба чунин истинодҳо даромада, худро ба қайд мегиранд, ки ин яке аз воситаҳои гирифтани маълумоти шахсӣ дар бораи корти бонкӣ ва рақами телефони ба корт насбшуда мебошад;



### ҶАЛБ НАМУДАН

Ҷалб намудан бо роҳи бозиҳои лотерея, тӯҳфаҳои ройгон ва ҷоизаҳо, ки барои гирифтани чунин мукофот ва ё ҷоиза маблағи аввалия ё маълумот дар бораи суратҳисоб талаб мекунанд, мутаассифона дар аксари ҳолатҳо шаҳрвандон фирефта шуда, ин маблағи аввалияро мегузаронанд;



### СУРОҒАИ ЭЛЕКТРОНӢ

Тавассути суроғаи электронӣ дар тамос мешаванд ва мегӯянд ки ягон аъзои оилаи шумо дар изтироб аст (беморхона ё ягон мушкилӣ) ва фавран барои ӯ кӯмак барои гузаронидани маблағ лозим аст;



# эҳтиёт бошед!

**ПЕШНИҲОДИ ДӮСТӢ**

**Бо роҳи пешниҳоди дӯстӣ ва ба даст овардани боварӣ, барои фиристодани пул бовар мекунонанд;**

**ПЕШНИҲОДИ ГРАНТҲО**

**Бо роҳи пешниҳоди грантҳо барои таҳсил, маблағро мегиранд ва ҳуҷҷати қалбакӣ пешниҳод мекунанд;**

**ҲАМКОРИИ ТИҶОРАТ**

**Барои ба роҳ мондани ҳамкории тиҷорат ё додани қарз.Қаллобон барои ин пешниҳод менамоянд, ки аввал маблағи муайянро пешпардохт намоед;**

**КӮМАКИ ҲУҚУҚӢ**

**Тамос бо ҷабрдидаҳо ва пешниҳоди кӯмаки ҳуқуқӣ барои барқарор кардани пулҳои аз ҷониби қаллобони интернетӣ рабудашуда;**

## ЧАНД ТАВСИЯ БАРОИ БЕХАТАРӢ ВА ПЕШГИРӢ НАМУДАН АЗ ҚАЛЛОБОНИ ИНТЕРНЕТӢ

• Харидро танҳо тавассути сайтҳои боэътимод анҷом диҳед. Дар хотир доред, ки суроғаи URL-и сайт бояд бо "https" оғоз шавад, на бо "http". Вебсайте, ки бехатар рамзгузорӣ шудааст ба шумо имкон медиҳад, ки бидуни тарс аз ҳамлаҳои хакерӣ харид кунед ва маълумоти шахсиву корти кредитиатонро ворид кунед.

• Барои ҳар як саҳифаатон номи корбарӣ ва рамзи нодир гузоред. Аксар мағозаҳои интернетӣ ба шумо имкон медиҳанд, ки дар вебсайти онҳо саҳифа боз кунед, то маълумоти шахсӣ ва рақами корти кредитии Шуморо барои хариди оянда дар системаашон нигоҳ доранд. Агар шумо дар мағозаҳои гуногуни интернетӣ панҷ саҳифа дошта бошед, аммо барои онҳо як ном ва рамзро истифода мекунед, пас вақте хакер ба як саҳифаи Шумо дастрасӣ пайдо кунад, имкон дорад, ки ӯ ба саҳифаҳои боқимонда низ дастрасӣ пайдо кунад.

• Ҳеҷ гоҳ бевосита ба пайванди эълонҳои таблиғотӣ клик накунед. Бисёре аз ҳакерҳо барои ҷалби истеъмолкунандагон ва дуздии маълумоти онҳо ҳамлаҳои фишингиро истифода мебаранд. Онҳо барои расидан ба мақсадҳояшон нусхаи мактубҳои электронӣ ва вебсайти мағозаҳои онлайнии маъмулро истифода мебаранд. Онҳо метавонанд нусхаи дақиқи вебсайти мағозаро чунон тартиб диҳанд, ки то қурбонии қаллобӣ шуданатон онро пай нахоҳед бурд. Аз ин рӯ, агар таблиғ барои шумо ҷолиб намояд, беҳтараш суроғаи мағозаи дӯстдоштаатонро ҳуруфчинӣ намоед. Албатта, ин каме вазнин ва вақтро талаб мекунад, аммо баъдан шумо боварӣ пайдо мекунед, ба сайти бехатар ворид мешавед.

• Ҳангоми харид дар интернет ҳеҷ гоҳ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ Wi-Fi-и ройгонро истифода набаред. Ҳакерҳо Wi-Fi-и ройгонро дӯст медоранд, зеро дастрасӣ ба дастгоҳи шумо ва тавассути он дуздии маълумоти шахсиатон осон мегардад. Ҳангоми истифодаи интернети умумӣ, маълумоти шумо одатан рамзгузорӣ намешавад. Ғайр аз он, ҳакерҳо метавонанд худ нуқтаҳои қалбакии Wi-Fi созанд ва вақте шумо ба шабакаи онҳо пайваст мешавед, ба дастгоҳи шумо дастрасии комилро пайдо мекунанд.

• Амалиёти корти кредитии худро ҳар рӯз тафтиш кунед ва хароҷотҳоятонро бодиққат омӯзед. Инчунин барои хариди онлайнӣ дар як моҳ маҳдудият ҷорӣ намоед. Ҳамин тариқ, қаллобон бо маҳдудияти шумо дучор шуда, наметавонанд ҳама маблағи дар ҳисобатон бударо сарф намоянд.

Дар маҷмуъ, ба муштариёни бонкҳо тавсия дода мешавад, ки ҳаргиз ба шахсони бегона ва ё ҳар гуна сомонаҳо маълумоти шахсии худро пешкаш накунанд. Зеро дар ин ҳолат имконияти дучор шудан ба қаллобон ба миён меояд. Пеш аз ягон амалиёти бонкиро, масалан, хариду фуруш тариқи сомонаҳо, сараввал фаъолияти он сомона, таърихи таъсисёбӣ, рейтинг, фикру мулоҳизаи муштариён ва дигар маълумотҳоро санҷида, баъдан хулосабарорӣ намоянд.

**Бодиққат бошед ва кушиш кунед, ки бо огаҳӣ доштан аз ин роҳу воситаҳои қаллобони интернетӣ ва тавсияҳои овардашуда пасандозҳои худро ҳифз кунед.**

# ҲИСОБОТИ БОНКҲО
## ВА ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ





| **ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ СЕЮМИ СОЛИ 2023** (МЛН. СОМОНӢ) | | | **ДОРОИҲО** | |
|---|---|---|---|---|
| **НОМГӮИ БОНКҲО** | 30.09.2022 | 30.09.2023 | Тағйирот нисбати 30.09.2022 | |
| | | | номиналӣ | нисбӣ |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 5 099,0 | 6 770,9 | 1 672,0 | 32,8% |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 4 483,3 | 5 423,1 | 939,8 | 21,0% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 3 891,1 | 5 273,6 | 1 382,5 | 35,5% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 1 209,2 | 2 262,2 | 1 053,1 | 87,1% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 1 296,7 | 1 682,6 | 385,9 | 29,8% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 959,6 | 1 613,8 | 654,2 | 68,2% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 1 167,0 | 1 524,8 | 357,8 | 30,7% |
| ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" | 1 099,4 | 1 151,6 | 52,2 | 4,7% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 894,1 | 1 142,9 | 248,8 | 27,8% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 919,8 | 1 080,1 | 160,3 | 17,4% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 531,6 | 750,8 | 219,1 | 41,2% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 483,1 | 361,4 | -121,7 | -25,2% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 41,0 | 100,0 | 59,0 | 143,8% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 66,9 | 91,4 | 24,4 | 36,5% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 301,3 | 251,8 | -49,5 | -16,4% |



## ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ СЕЮМИ СОЛИ 2023 (МЛН. СОМОНӢ)

**УҲДАДОРИҲО**

| НОМГӮИ БОНКҲО | 30.09.2022 | 30.09.2023 | Тағйирот нисбати 30.09.2022 номиналӣ | Тағйирот нисбати 30.09.2022 нисбӣ |
|---|---|---|---|---|
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 4 462,3 | 5 951,6 | 1 489,3 | 33,4% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 3 126,5 | 4 323,6 | 1 197,1 | 38,3% |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 3 164,8 | 3 973,2 | 808,4 | 25,5% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 1 030,3 | 1 895,8 | 865,5 | 84,0% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 1 109,4 | 1 485,2 | 375,8 | 33,9% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 935,2 | 1 313,2 | 378,0 | 40,4% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 656,9 | 1 282,1 | 625,2 | 95,2% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 731,6 | 975,7 | 244,1 | 33,4% |
| ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" | 910,4 | 930,9 | 20,5 | 2,3% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 765,6 | 870,4 | 104,9 | 13,7% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 384,1 | 258,7 | -125,4 | -32,6% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 35,4 | 207,9 | 172,5 | 487,5% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 32,2 | 50,0 | 17,8 | 55,2% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 24,1 | 46,7 | 22,5 | 93,3% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 181,6 | 147,8 | -33,8 | -18,6% |



| **ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ СЕЮМИ СОЛИ 2023** (МЛН. СОМОНӢ) | | | **САРМОЯ** | |
|---|---|---|---|---|
| **НОМГӮИ БОНКҲО** | 30.09.2022 | 30.09.2023 | Тағйирот нисбати 30.09.2022 | |
| | | | номиналӣ | нисбӣ |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 1 318,5 | 1 449,9 | 131,4 | 10,0% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 764,7 | 950,0 | 185,4 | 24,2% |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 636,6 | 819,3 | 182,7 | 28,7% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 496,2 | 542,8 | 46,6 | 9,4% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 178,9 | 366,5 | 187,6 | 104,9% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 302,6 | 331,6 | 29,0 | 9,6% |
| ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" | 189,0 | 220,7 | 31,7 | 16,8% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 231,9 | 211,7 | -20,2 | -8,7% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 154,2 | 209,7 | 55,4 | 35,9% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 187,3 | 197,5 | 10,1 | 5,4% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 162,5 | 167,2 | 4,7 | 2,9% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 99,0 | 102,7 | 3,7 | 3,8% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 16,9 | 53,3 | 36,5 | 216,1% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 34,7 | 41,3 | 6,7 | 19,2% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 119,7 | 104,0 | -15,7 | -13,1% |



| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ СЕЮМИ СОЛИ 2023 (МЛН. СОМОНӢ) | | | ◙ БАҚИЯИ САНДУҚИ ҚАРЗӢ | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 30.09.2022 | 30.09.2023 | Тағйирот нисбати 30.09.2022 | |
| | | | номиналӣ | нисбӣ |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 3 074,8 | 3 498,4 | 423,6 | 13,8% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 2 353,8 | 3 136,6 | 782,9 | 33,3% |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 1 293,8 | 1 819,0 | 525,3 | 40,6% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 695,6 | 897,3 | 201,6 | 29,0% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 627,0 | 893,7 | 266,7 | 42,5% |
| ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" | 535,2 | 687,7 | 152,5 | 28,5% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 377,8 | 622,4 | 244,6 | 64,8% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 354,8 | 490,7 | 135,9 | 38,3% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 429,2 | 485,5 | 56,4 | 13,1% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 293,4 | 374,1 | 80,7 | 27,5% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 3,6 | 98,3 | 94,7 | 2648,9% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 20,9 | 23,4 | 2,5 | 12,2% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 14,2 | 23,1 | 8,9 | 63,0% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 4,2 | 20,8 | 16,6 | 395,7% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 68,7 | 108,9 | 40,3 | 58,6% |



| ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ СЕЮМИ СОЛИ 2023 (МЛН. СОМОНӢ) | | | БАҚИЯИ АМОНАТҲО | |
|---|---|---|---|---|
| НОМГӮИ БОНКҲО | 30.09.2022 | 30.09.2023 | Тағйирот нисбати 30.09.2022 номиналӣ | нисбӣ |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 3 691,7 | 4 989,3 | 1 297,7 | 35,2% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 1 939,1 | 2 609,6 | 670,5 | 34,6% |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 1 664,7 | 2 150,7 | 486,1 | 29,2% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 773,6 | 1 547,2 | 773,6 | 100,0% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 534,3 | 970,6 | 436,3 | 81,7% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 529,7 | 955,8 | 426,1 | 80,4% |
| ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" | 806,1 | 817,5 | 11,5 | 1,4% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 459,0 | 777,0 | 318,1 | 69,3% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 451,2 | 610,8 | 159,6 | 35,4% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 156,4 | 214,2 | 57,9 | 37,0% |
| ҶСП "Актив Бонк" | 233,3 | 155,2 | -78,1 | -33,5% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 25,6 | 139,6 | 114,0 | 445,8% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 9,7 | 21,9 | 12,3 | 126,6% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 22,3 | 17,0 | -5,3 | -23,9% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 82,2 | 98,4 | 16,2 | 19,7% |



## ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СЕМОҲАИ СЕЮМИ СОЛИ 2023 (МЛН. СОМОНӢ)

| НОМГӮИ БОНКҲО | 30.09.2022 | 30.09.2023 | ФОИДА/ЗАРАР Тағйирот нисбати 30.09.2022 | |
|---|---|---|---|---|
| | | | номиналӣ | нисбӣ |
| ҶСК "Ориёнбонк" | 292,2 | 315,4 | 23,2 | 7,9% |
| ҶСК "Бонки Эсхата" | 233,9 | 174,4 | -59,5 | -25,4% |
| ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 49,0 | 144,1 | 95,1 | 194,2% |
| КВД БА ҶТ "Амонатбонк" | 72,3 | 93,8 | 21,4 | 29,6% |
| ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 67,6 | 45,9 | -21,7 | -32,1% |
| ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 128,4 | 38,2 | -90,2 | -70,2% |
| ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" | 25,4 | 27,0 | 1,7 | 6,5% |
| КВД БССТ "Саноатсодиротбонк" | 24,8 | 24,3 | -0,5 | -2,0% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 36,0 | 22,4 | -13,6 | -37,8% |
| ҶСП "Спитамен Бонк" | 36,5 | 20,0 | -16,5 | -45,2% |
| Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 1,6 | 3,7 | 2,1 | 135,9% |
| ҶСП "Актив Бонк" | -2,4 | 1,2 | 3,6 | 150,0% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 2,2 | 0,4 | -1,8 | -80,5% |
| ҶСК "Алиф Бонк" | 47,4 | -7,7 | -55,1 | -116,2% |
| ҶСК "Тавҳидбонк" | 14,9 | -0,8 | -15,7 | -105,4% |



| ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НУҲ МОҲИ СОЛИ 2023 (ҲАЗОР СОМОНӢ) | | | ◘ ДОРОИҲО | |
|---|---|---|---|---|
| **НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ** | **III/2023** | **III/2022** | **Тағйирот (бо маблағ)** | **Тағйирот (бо фоиз)** |
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 343 250,3 | 266 984,1 | 76 266,2 | 28,6% |
| ҶДММ "ТС Бима" | 136 171,8 | 55 998,2 | 80 173,6 | 2,4 мар. |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 120 610,8 | 110 805,9 | 9 804,9 | 8,8% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 77 831,1 | 58 464,2 | 19 366,9 | 33,1% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 62 024,2 | 53 652,3 | 8 371,9 | 15,6% |
| ҶДМ "ТС "Муин"" | 16 166,3 | 16 034,3 | 132,0 | 0,8% |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 10 953,8 | 11 668,0 | -714,2 | -6,1% |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 10 089,8 | 5 767,1 | 4 322,7 | 75,0% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 7 684,4 | 7 328,1 | 356,3 | 4,9% |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 4 757,5 | 2 702,2 | 2 055,3 | 76,1% |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 3 708,5 | 2 932,7 | 775,8 | 26,5% |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 3 282,7 | 7 950,0 | -4 667,3 | -58,7% |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 2 689,1 | 1 550,5 | 1 138,6 | 73,4% |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 2 415,7 | 2 067,0 | 348,7 | 16,9% |
| ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" | 2 080,3 | 3 034,2 | -953,9 | -31,4% |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 1 197,6 | 661,2 | 536,4 | 81,1% |
| ҶДММ "ТС Меҳрубон" * | 0,0 | 2 633,3 | -2 633,3 | -100,0% |
| ҶСП "ТС Кафил" ** | 0,0 | 2 065,0 | -2 065,0 | -100,0% |
| **Ҳамагӣ** | **804 913,8** | **612 298,3** | **192 615,5** | **31,5%** |

Эзоҳ: *Вобаста ба дағалона вайрон намудани талаботи қонунгузории соҳаи суғурта фаъолияти ҶДММ "ТС Меҳрубон" бо қарори Суди иқтисодӣ аз 27.12.2022, №1-194/22 қатъ гардид;
**ҶСП "ТС Кафил" бинобар сабаби ба итмом расидани амали иҷозатнома бо қарори Раёсати БМТ аз 21.10.2022, №122 қатъ карда шуд.



| ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НУҲ МОҲИ СОЛИ 2023 (ҲАЗОР СОМОНӢ) | | | УХДАДОРИҲО | |
|---|---|---|---|---|
| **НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ** | **III/2023** | **III/2022** | **Тағйирот (бо маблағ)** | **Тағйирот (бо фоиз)** |
| ҶДММ "ТС Бима" | 116 320,1 | 38 535,8 | 77 784,3 | 3,0 мар. |
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 111 005,7 | 91 031,3 | 19 974,4 | 21,9% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 51 548,9 | 44 934,6 | 6 614,3 | 14,7% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 30 875,6 | 22 064,8 | 8 810,8 | 39,9% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 12 662,7 | 11 012,6 | 1 650,1 | 15,0% |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 6 066,8 | 2 969,3 | 3 097,5 | 104,3% |
| ҶДМ "ТС "Муин"" | 2 756,5 | 3 893,9 | -1 137,4 | -29,2% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 2 586,4 | 1 346,5 | 1 239,9 | 92,1% |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 3 934,4 | 2 197,0 | 1 737,4 | 79,1% |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 1 087,4 | 5 896,4 | -4 809,0 | -81,6% |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 764,7 | 17,0 | 747,7 | 45,0 мар. |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 706,5 | 568,3 | 138,2 | 24,3% |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 335,2 | 223,9 | 111,3 | 49,7% |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 257,4 | 27,6 | 229,8 | 9,3 мар. |
| ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" | 149,2 | 222,7 | -73,5 | -33,0% |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 42,8 | 4,2 | 38,6 | 10,2 мар. |
| ҶДММ "ТС Меҳрубон" | 0,0 | 26,3 | -26,3 | -100,0% |
| ҶСП "ТС Кафил" | 0,0 | 65,0 | -65,0 | -100,0% |
| **Ҳамагӣ** | **341 100,3** | **225 037,2** | **116 063,1** | **51,6%** |



| **ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НУҲ МОҲИ СОЛИ 2023** (ҲАЗОР СОМОНӢ) | | | **САРМОЯ** | |
|---|---|---|---|---|
| **НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ** | **III/2023** | **III/2022** | **Тағйирот (бо маблағ)** | **Тағйирот (бо фоиз)** |
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 232 244,6 | 175 952,8 | 56 291,8 | 32,0% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 107 948,1 | 99 793,3 | 8 154,8 | 8,2% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 46 955,5 | 36 399,4 | 10 556,1 | 29,0% |
| ҶДММ "ТС Бима" | 19 851,7 | 17 462,4 | 2 389,3 | 13,7% |
| ҶДМ "ТС "Муин"" | 13 409,8 | 12 140,4 | 1 269,4 | 10,5% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 10 475,3 | 8 717,7 | 1 757,6 | 20,2% |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 7 019,4 | 9 471,0 | -2 451,6 | -25,9% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 5 098,0 | 5 981,6 | -883,6 | -14,8% |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 4 422,3 | 2 478,3 | 1 944,0 | 78,4% |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 4 023,0 | 2 797,8 | 1 225,2 | 43,8% |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 3 002,0 | 2 364,4 | 637,6 | 27,0% |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 2 431,7 | 1 522,9 | 908,8 | 59,7% |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 2 195,3 | 2 053,6 | 141,7 | 6,9% |
| ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" | 1 931,1 | 2 811,5 | -880,4 | -31,3% |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 1 651,0 | 2 050,0 | -399,0 | -19,5% |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 1 154,8 | 657,0 | 497,8 | 75,8% |
| ҶДММ "ТС Меҳрубон" | 0,0 | 2 607,0 | -2 607,0 | -100,0% |
| ҶСП "ТС Кафил" | 0,0 | 2 000,0 | -2 000,0 | -100,0% |
| **Ҳамагӣ** | **463 813,6** | **387 261,1** | **76 552,5** | **19,8%** |



| **ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НУҲ МОҲИ СОЛИ 2023** (ҲАЗОР СОМОНӢ) | | | **ВОРИДОТИ МУКОФОТ** | |
|---|---|---|---|---|
| **НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ** | **III/2023** | **III/2022** | **Тағйирот (бо маблағ)** | **Тағйирот (бо фоиз)** |
| ҶДММ "ТС Бима" | 106 055,1 | 76 431,4 | 29 623,7 | 38,8% |
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 74 345,3 | 56 975,6 | 17 369,7 | 30,5% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 44 176,2 | 33 102,9 | 11 073,3 | 33,5% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 28 985,1 | 31 180,5 | -2 195,4 | -7,0% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 13 076,6 | 9 276,4 | 3 800,2 | 41,0% |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 11 035,0 | 5 178,3 | 5 856,7 | 2,1 мар. |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 8 207,9 | 3 682,7 | 4 525,2 | 2,2 мар. |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 2 883,5 | 445,7 | 2 437,8 | 6,4 мар. |
| ҶДМ "ТС "Муин"" | 2 800,9 | 3 561,2 | -760,3 | -21,4% |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 1 400,9 | 1 366,3 | 34,6 | 2,5% |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 989,4 | 51,5 | 937,9 | 19,2 мар. |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 923,9 | 0,0 | 923,9 | 100,0% |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 546,8 | 2 882,6 | -2 335,8 | -81,0% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 166,8 | 100,0 | 66,8 | 66,8% |
| ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" | 133,7 | 1 274,0 | -1 140,3 | -89,5% |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 0,0 | 150,0 | -150,0 | -100,0% |
| ҶДММ "ТС Меҳрубон" | 0,0 | 3 906,6 | -3 906,6 | -100,0% |
| ҶСП "ТС Кафил" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| **Ҳамагӣ** | **295 727,1** | **229 565,7** | **66 161,4** | **28,8%** |



| ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НУҲ МОҲИ СОЛИ 2023 (ҲАЗОР СОМОНӢ) | | | ◙ ПАРДОХТ | |
|---|---|---|---|---|
| **НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ** | **III/2023** | **III/2022** | **Тағйирот (бо маблағ)** | **Тағйирот (бо фоиз)** |
| ҶДММ "ТС Бима" | 6 716,7 | 8 335,1 | -1 618,4 | -19,4% |
| ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 2 944,1 | 136,7 | 2 807,4 | 21,5 мар. |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 2 287,0 | 4 689,5 | -2 402,5 | -51,2% |
| ҶСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 1 820,1 | 1 458,0 | 362,1 | 24,8% |
| ҶДММ "ДС суғурта" | 1 344,1 | 1 681,4 | -337,3 | -20,1% |
| ҶДММ "ТС "Меҳнат"" | 577,5 | 248,5 | 329,0 | 2,3 мар. |
| ҶДМ "ТС "Муин"" | 351,9 | 355,3 | -3,3 | -0,9% |
| ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" | 280,6 | 191,5 | 89,1 | 46,5% |
| ҶДММ "Суғуртаи Шарқ" | 117,3 | 17,7 | 99,6 | 6,6 мар. |
| ҶДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 114,3 | 11,5 | 102,8 | 9,9 мар. |
| ҶДММ "ТС Итминон" | 101,6 | 86,1 | 15,5 | 18,0% |
| ҶДММ "Суғуртаи асри 21" | 56,9 | 31,6 | 25,3 | 80,1% |
| ҶДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 55,9 | 1,8 | 54,1 | 31,1 мар. |
| ҶДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 49,5 | 9,2 | 40,3 | 5,4 мар. |
| ҶДММ "ТС Такаффул" | 9,8 | 0,0 | 9,8 | 100,0% |
| ҶДММ "ТС Сипаҳр" | 3,3 | 9,5 | -6,2 | -65,3% |
| ҶДММ "ТС Меҳрубон" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| ҶСП "ТС Кафил" | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0% |
| **Ҳамагӣ** | **16 830,6** | **17 263,4** | **-432,8** | **-2,5%** |



| **ҲИСОБОТИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВИИ КИШВАР БАРОИ НУҲ МОҲИ СОЛИ 2023** (ҲАЗОР СОМОНӢ) | | | **ШАРТНОМАҲО** | |
|---|---|---|---|---|
| **НОМГӮИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ** | **III/2023** | **III/2022** | **Тағйирот (бо маблағ)** | **Тағйирот (бо фоиз)** |
| ЧСП "ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ" | 753 482 | 644 590 | 108 892 | 16,9% |
| ЧСП ТС "Паймон Иншуренс" | 431 941 | 363 672 | 68 269 | 18,8% |
| КВД "Тоҷиксуғурта" | 353 136 | 387 128 | -33 992 | -8,8% |
| ЧДММ "ТС Бима" | 18 890 | 17 787 | 1 103 | 6,2% |
| ЧДМ "ТС "Муин"" | 15 927 | 12 296 | 3 631 | 29,5% |
| ЧДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" | 14 109 | 10 397 | 3 712 | 35,7% |
| ЧДММ "ДС суғурта" | 1 415 | 3 580 | -2 165 | -60,5% |
| ЧДММ "Суғуртаи асри 21" | 1 170 | 1 940 | -770 | -39,7% |
| ЧДММ "ТС Итминон" | 134 | 116 | 18 | 15,5% |
| ЧДММ "ТС Сипаҳр" | 131 | 70 | 61 | 87,1% |
| ЧДММ "ТС "Меҳнат"" | 77 | 129 | -52 | -40,3% |
| ЧДММ "ТС Такаффул" | 40 | 0 | 40 | 100,0% |
| ЧДММ "Суғуртаи Шарқ" | 20 | 10 | 10 | 100,0% |
| ЧДММ "ТС Эсхата-Суғурта" | 13 | 34 | -21 | -61,8% |
| ЧДММ "ТС Бима Ҳаёт" | 11 | 0 | 11 | 100,0% |
| ЧДММ "Суғуртаи Тоҷик ва Чин" | 0 | 1 | -1 | -100,0% |
| ЧДММ "ТС Меҳрубон" | 0 | 2 | -2 | -100,0% |
| ЧСП "ТС Кафил" | 0 | 0 | 0 | 0,0% |
| **Ҳамагӣ** | **1 590 496** | **1 441 752** | **148 744** | **10,3%** |




# РӮЙДОДҲОИ МУҲИММИ СОЛИ 2023


FINGRAM FEST
БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
POWERED BY DADABAEV
ФЕСТИВАЛИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ ДАР ШАҲРИ ХОРУҒ
23-ЮМИ СЕНТЯБР
ДАР ТЕАТРИ ВИЛОЯТИИ ШАҲРИ ХОРУҒ БА НОМИ МЕҲРУБОН НАЗАРОВ
БАҚАЙДГИРИИ МЕҲМОНОН: 14:00
ОҒОЗИ ЧОРАБИНӢ: 15:00
ШАРИКОНИ РАСМӢ:
ОРИЁНБОНК
IOM UN MIGRATION
Аввалин бонки молиявии хурд
FINGRAM FEST
БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
POWERED BY DADABAEV
ФЕСТИВАЛИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ
26-УМИ ОКТЯБР 09:00 - 21:00
ТЕАТРИ ДАВЛАТИИ ШАҲРИ ХУҶАНД БА НОМИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ
ДАРОМАД РОЙГОН АСТ
ШАРИКИ АСОСӢ:
БАНК ЭСХАТА
ШАРИКИ РАСМИИ АЛОҚА:
tcell
ШАРИКОНИ РАСМӢ:
ССБ
ТАВХИДБОНК
АМОНАТБОНК
FINCA
АКТИВБОНК
IOM UN MIGRATION
German Sparkassenstiftung
БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
GLOBAL MONEY WEEK
FINGRAM FEST
ФЕСТИВАЛЬ ФИНАНСОВОЙ ГРАМОТНОСТИ
г.Душанбе
13 мая
Генеральный спонсор
NOOROOZ
Официальный партнер связи
mobile
Официальные спонсоры:
ОРИЁНБОНК
МТС
ФЕНИКС
Coca-Cola
NETS
Хумо
Skillbox
Партнеры:
Belinda
KITOBZ
FINCA
Green AUTO
SPITAMEN
OXFORD
COSMO LAND
FINGRAM FEST
БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
POWERED BY DADABAEV
ФЕСТИВАЛИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ ДАР ШАҲРИ БОХТАР
23-ЮМИ НОЯБР 09:00 - 19:00
ДАРОМАД РОЙГОН АСТ
ШАРИКИ АСОСӢ:
FURUZ
МАКОНИ БАРГУЗОРӢ:
КОХИ ФАРҲАНГ ВА МАЙДОНИ НИШОНИ ДАВЛАТИИ ШАҲРИ БОХТАР
ШАРИКОНИ РАСМӢ:
ОРИЁНБОНК
IOM UN MIGRATION
ССБ
ТАВХИДБОНК
FINGRAM FEST
БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
POWERED BY DADABAEV
ФЕСТИВАЛИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ:
САНА: 14-УМИ ДЕКАБР
ВАҚТ: 09:00 - 17:00
ДАРОМАД РОЙГОН АСТ!
МАКОНИ БАРГУЗОРӢ:
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ
ШАРИКИ АСОСӢ:
БОНКИ ЭСХАТА
ШАРИКОНИ РАСМӢ:
ССБ
ОРИЁНБОНК
FINCA
IOM